**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*ТДУ 398 (575, 3)*

*ТКБ 82 (2 тоҷик)*

*И – 73*

*Ба ҳукми дастнавис*

**Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович**

# САРЧАШМАҲОИ ФОЛКЛОРИИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология,**

**аз рӯйи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ**

**(Такрорӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илми филология**

**Охониёзов Варқа Дустович**

**Хуҷанд - 2022**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................................4-14**

**БОБИ I. РӮЗГОР ВА ЧЕҲРАИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ**

Фасли 1. Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ …………..........................................................................................15-24

Фасли 2. Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ …..........................................................................................24-31

Фасли 3. Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар ривоятҳои мардумӣ...........31-38

Фасли 4. Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ…........................38-41

Фасли 5. Нобиноии Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ................................41-49

Фасли 6. Назари мардум оид ба мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ……...........49-61

Фасли 7. Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир…………………………………………….........61-67

**БОБИ II. АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ВА АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ**

Фасли 1. Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ………………………………………………………........................68-79

Фасли 2. Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ………………..………………………………………..........................79-89

Фасли 3. Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ…………………......... 89-97

Фасли 4. Чистон ё луғз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ……..........97-102

Фасли 5. Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ……………........102-109

Фасли 6. Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ……………………………………………..................................109-122

**БОБИ III. ҶАШНУ МАРОСИМҲО ВА БОВАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ШЕЪРИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

Фасли 1. Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ…………….………………………………………………….........123-137
Фасли 2. Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ………………………………………….…………….........137-143
Фасли 3. Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ……………………………………….....................................144-151
**ХУЛОСА ………………………………………………….………..........152-155**
**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ……………………………….……..…………..156-167**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ (858 – 941) шоире буд, ки бо истеъдоди фардӣ ва арзиши волои кулли ашъораш аз замони зиндагониаш то имрӯз диққати аҳли илму адабро ҷалб кардааст. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо як каломи мухтасар, чеҳраи фарҳанг, тамаддун ва адаби миллати тоҷик ба шумор меравад. Бо вуҷуди он ки бе исми Рӯдакӣ ҳарферо аз калому адаби форсии тоҷикӣ ба забон овардан амри муҳол аст, чеҳра, тарзи зиндагонӣ, муҳити тарбия, дастгоҳ ва афзори эҷод, ҳунари шеърофарӣ, шеърхонӣ, оҳангсозӣ ва соири ҳунару хислатҳои дигари ин устоди забардаст то ба ҳол ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Сабаби ноомӯхта мондани ҳолу аҳволи Рӯдакӣ дар он аст, ки даврони пуршӯри пас аз Сомониён аксари бойигарии адабию илмии миллати моро ба коми оташ бурд. Ояндагони Рӯдакиро зарурат афтод, то аз баъзе лаҳзаҳои таърихӣ ва аксаран, аз рӯи мазмуну мавзӯоти ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ, қисме аз тарафҳои ҳаёту фаъолияти эҷодии ӯро муайян намоянд.

Дар миёни сарчашмаҳои ҳаёту фаъолияти Рӯдакӣ чун ташхисдиҳанда ва муаррификунанда ривояту нақлҳои мардумӣ низ ҷои намоёнро ишғол мекунанд. Ин навъи ривояту нақлҳо то андозае ҷамъоварӣ гардидаанд ва аз тарафи олимони муосир ба чоп расонда шудаанд. Аммо нақши ин ривояту нақлҳои мардумӣ дар муайян намудани тарафҳои гуногуни ҳаёт, ҳунарҳо, муносибатҳо ва ҳатто симову сувари нобиғае чун устод Рӯдакӣ то ба имрӯз ба таври алоҳида ва дар муқоиса бо санаҳои таърихии ҳаёти ӯ таҳлилу тафсир нагардидаанд. Бинобар ин, интихоби мавзӯи мавриди пажӯҳиш актуалӣ ва саривақтӣ буда, он барои муайян намудани масъалаҳои зерини улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик зарур ва саҳмгузор мебошад:

- лаҳзаҳои нави ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакиро муаррифӣ менамояд;

- санаҳои алоҳидаи ҳаёту зиндагии шоирро, ки дар сарчашмаҳо сабт гардидаанд, бо лаҳзаву воқеаҳои ривоятҳои халқӣ дар муқоиса мегузорад;

- мавҷудияти воқеии баъзе аз лаҳзаҳои ҳаёти шоирро ба исбот мерасонад;

- таъсири мутақобилаи осори шифоҳӣ ва ашъори бозмондаи Рӯдакиро ошкор месозад;

- нақши наќлу ривоятҳои мардумиро дар ташхиси симо, хислат ва рафтору муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, мушаххас намудани шахсият ва ҳаёту фаъолияти Рӯдакӣ аз назари ривояту нақлҳои мардумӣ, равобити ашъори ӯ бо осори шифоҳӣ, баёни намунаҳои эҷодиёти шифоҳии мардум дар шеъри Рӯдакӣ, ҳунари Рӯдакӣ дар истифода аз зарбулмасалу мақолҳо, унсурҳои асотирӣ, қиссаву афсона ва асотир, чеҳраҳои асотириву тахайюлӣ ва баёни истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори ӯ, инчунин намунаи чистону луғзҳо, ашъори марсиявӣ дар эҷодиёти шоир, тасвири ҷашну маросимҳои қадимии ниёгон ва бовару эътиқодоти мардумӣ дар шеъри ӯ зарурат ва аҳамияти интихоби мавзӯи диссертатсияро дар миён мегузорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бо вуҷуди он ки дар хусуси паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва осори Рӯдакӣ андешаҳо ва суҳбатҳои зиёд гуфтаю анҷом дода шудаанд, ҳамоишҳо ва конфронсҳои хурду бузург баргузор гардидаанд, асарҳои гуногуни илмӣ ва пажуҳишӣ нашр гардидаанд ва то ҳол тадқиқоти мукаммали илмӣ дар мавзуи мусаварраи фолклории шоир, муқоисаи он бо симои таърихии ӯ ва ҷанбаи шифоҳии ашъораш ба таври мукаммал анҷом наёфтааст. Аммо маълумоти зиёди таърихӣ, пажуҳишу тадқиқотҳои алоҳидаи аҳли илм оид ба ҳаёту ашъор ва шахсияти Рӯдакӣ мавҷуданд, ки барои таҳлили диссертатсияи мо ҳамчун сарчашма ва заминаҳои илмӣ таҳлилӣ хизмат карданд. Маълумот ва пажӯҳишҳо дар бораи Рӯдакӣ дар чанд шакл арзи вуҷуд намудаанд.

Маълумот ва пажуҳишҳо оид ба Рӯдакӣ ва ҳолу аҳволи ӯ нахуст аз тарафи тазкиранависон сурат гирифтааст ва ин ахбороти донишмандон ҷанбаи ривоятӣ дорад. Дар ин замина асарҳои «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой (асри XI), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV), «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (асри XV) ва дигарон маълумоти муҳимро ҷамъ овардаанд.

Ривояту нақлҳои мардумиро, ки ба Рӯдакӣ ва шахсияти ӯ бахшида шудаанд, адабиётшиносону фолклоршиносон амсоли устод Айнӣ, Л. Бузургзода, М. Шукуров, Р. Амонов, Р. Аҳмадов, К. Айнӣ, Д. Обидов ва дигарон ҷамъовариву нашр намудаанд. Аммо ҳаминро бояд гуфт, ки нақлу ривоятҳоро ин муҳаққиқон асосан дар шакли матн дар асару мақолаҳои худ чоп кардаанд. Лозим ба ёдоварист, ки нахустин шахсе, ки ба гирдоварии афсона ва нақлу ривоятҳо дар бораи рӯзгори Рӯдакӣ машғул шудааст, муҳаққиқи зиндаёд - Лутфулло Бузургзода мебошад. Ӯ дар ин самт бо ташаббуси устод Айнӣ қадамҳои устувор гузошт ва маводи зиёди фолклориро аз деҳоти Панҷрӯд ва Рӯдак ҷамъоварӣ кард.

Бояд ёдрас шуд, ки хидмати бузургу таърихии Лутфулло Бузургзода дар ин бахши фаъолияташ ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд, зеро худи устод Айнӣ иқрор шудааст, ки: "Рафиқ Бузургзода ба ҷуз Панҷрӯд ба Рӯдак рафта он ҷоро ҳам ба чашми худ дид ва тафтиш намуда ҳамаи маълумотро тасдиқ ва таъкид карда омад" [47, 25-27].

Соли 1958 як силсила нақлу ривоятҳои мардумиро Р. Амонов ва М. Шукуров дар китоби «Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ» нашр намудаанд. Ҳамчунин, соли 2007 дар мақолаи Камол Айнӣ «Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ» матни ривояту нақлҳо бо пешгуфтори муаллиф ба нашр расида буд. Пас аз ин Д. Обидов ривоятҳои мазкурро такроран дар асарҳои «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (2009) ва «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» (2010) бо тағйиру иловаҳо ба нашр расонид.

Дар ин асарҳо бештар муаллифон ривояту нақлҳои мардумиро ҳангоми экспедитсия аз деҳоти атрофи Панҷакент, махсусан аз Панҷрӯд, Шинг, Рашна, Зери Ҳисор, Пағна ҷамъ намуда, дар шакли гуфтории мардуми маҳаллӣ чоп кардаанд. Аммо инро ҳам бояд зикр намуд, ки фолклоршинос Д. Обидов ин осори мардумиро бо калимаву ибораҳои адабиёти китобӣ мувофиқ намудааст, ки ба назари мо ин кор то ҳадде хусусияти фолклории чунин матнҳоро аз байн мебарад. Дар ҳамаи он асарҳое, ки зикрашон рафт, дар бораи ин бахши нақлу

ривоятҳо муҳаққиқон маълумоти умумӣ додаанд ва матни ривояту нақлҳоро овардаанд.

Масъалаи алоқамандии ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳии халқ низ дер боз диққати муҳаққиқони соҳаҳои адабиёт ва фолклорро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин хусус пажуҳишгарон мақолаҳои алоҳида навиштаанд ва мақолаи нисбатан мукаммал ва ҷолиби диққат аз тарафи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода бо унвони «Рӯдакӣ ва фолклор» ба нашр расидааст, ки дар он олим равобити ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳиро баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ бо овардани мисолҳо аз ашъори Рӯдакӣ ба таври мухтасар ибрози андеша кардааст.

Ба таври умумӣ дар бораи алоқамандии эҷодиёти Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ дар асарҳои олимоне ба мисли Айнӣ С. «Устод Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1940), Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» (Ҷилди 2, Теҳрон, 1310), И.С. Брагинский «Из истории таджикской народной поэзии» (Москва, 1956), Е.Э. Бертелс «История персидско-таджикской литературы» (Москва, 1960), А. Мирзоев. «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958), А. Афсаҳзод «Одамушшуаро Рӯдакӣ» (Душанбе 2003), Ш. Ҳусейнзода «Ҳабдаҳ мақола» (Душанбе, 2007), М. Ш. Кадканӣ. “Сувари хаёл дар шеъри форсӣ” (Теҳрон, нашри Огоҳ. 1389), З. Муътаман “Шеър ва адаби форсӣ”, Теҳрон, 1346), Д. Обидов «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» (Душанбе, 2010), Д. Обидов «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (Душанбе, 2009), Р. Аҳмадов «Пажуҳишҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик» (Душанбе, 2015), Ф. Исмоилов «Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ» (Душанбе 2015) маълумоти муҳимми илмиву назарӣ дода шудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи Фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои солҳои 2015-2020 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии пажуҳиши мазкур муайян намудани мақоми осори шифоҳии халқи тоҷик дар таҳлили рӯзгор ва таҳаввули ашъори Рӯдакӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба мақсади асосии пажуҳиш ва ҳаллу фасли пурраи мавзуи марказии диссертатсия масъалаҳои зайл чун вазифаҳои диссертатсия мавриди таҳлил қарор дода шуданд:

- нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани санаҳои ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муқоисаи ин санаҳо бо маълумоти тазкираву осори таърихии мавҷуда;

- муайян намудани муносибати мардум ба ҳунар ва истеъдоди шоирӣ, табибӣ ва машшоқиву овозхонии Рӯдакӣ дар асоси нақлу ривоятҳои мардумӣ;

- намоиши дараҷаи ҳунари Рӯдакӣ дар истифода аз осори шифоҳӣ ва таҳлили баёни истилоҳоти фолклорӣ, корбурд аз зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори шоир;

- мушаххас намудани ҷойгоҳи унсурҳои асотирӣ, чеҳраҳои асотириву фолклорӣ ва қиссаву ривоят ва достонҳои куҳан дар шеъри Рӯдакӣ;

- нишон додани ҳисси худшиносии миллии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муносибати ӯ ба ҷашну маросимҳои куҳани миллии тоҷикон, ба мисли Наврӯзу Меҳргон ва маросими азодорӣ;

- муқоисаи нақши бовару эътиқодоти мардум дар ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ.

Иҷрои ҳадафҳои илмии пажуҳиш боиси муайян гардидани то чӣ андоза ба мардуми оддӣ наздик будани Рӯдакӣ ва ба каломи шифоҳӣ алоқаманд будани ашъори шоир мешавад.

**Обйекти таҳқиқи** диссертатсияро нақлу ривоятҳои мардумӣ, тазкираҳо, асару рисолаҳои илмӣ-таърихӣ, асарҳои фолклорӣ, ашъори худи шоир ва донишномаву луғатномаҳои ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ташкил медиҳад.

Дар фароҳам овардани диссертатсия аз чанд намуди сарчашмаҳо ба таври фаровон истифода гардид.

Маводи асосӣ ва нахустсарчашмаи таҳлили пажуҳишро нақлу ривоятҳои мардум дар бораи ҳолу аҳвол, муносибату рафтор, сурату сират ва ҳунару истеъдоди Рӯдакӣ ташкил додаанд. Ин ривоятҳоро аз чор манбаи зерин дастрас намудем:

1. Нақлу ривоятҳое, ки дар Ганҷинаи фолклори тоҷик воқеъ дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз ҳастанд.

2. Ривояту нақлҳое, ки дар маҷмуаҳои алоҳида ба чоп расидаанд. Ба ин намуди манобеъ китобҳои "Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ"(1958)-и мураттибон Р. Амонов ва М. Шукуров, «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан» (Душанбе, 2009) ва «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» (Душанбе, 2010)-и тартибдодаи Д. Обидов ва «Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ» (Душанбе, 2015)-и Ф. Исмоилов дохил мешаванд.

3. Нақлу ривоятҳое, ки муаллифи диссертатсия бевосита аз сокинони маҳалҳои гуногуни Панҷакент, амсоли Панҷрӯд, Зери Ҳисору Кулолӣ, Некнот, Вен ва Пағна дар давоми солҳои 2012 - 2016 ҷамъоварӣ намудааст.

4. Маъхазҳои дигари пажуҳишро тазкираву асарҳои таърихӣ, аз ҷумла «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (Лейдон, 1903), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (Душанбе, 1986), «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (Ҳинд, 1887), «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (Душанбе, 1972) фароҳам овардаанд, ки дар онҳо аз ҳаёту фаъолият, ҳунари шоирӣ ва ҳатто чанде аз ривоёти мардумӣ қайду сабтҳо шудаанд.

Сарчашмаи дигари пажуҳиши моро асарҳои илмии олимони муосири тоҷик, ки бевосита ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти устод Рӯдакӣ ихтисос дода шудаанд, ташкил медиҳанд.

Донишномаву фарҳангҳои ашъори шоир низ аз ҷумлаи сарчашмаҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои ҳаллу фасли мавзуи марказии рисола аз онҳо ба таври фаровон истифода шуд. Ба ин гуна сарчашма “Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ” (мураттиб А. Нуров, Душанбе, 1990) ва “Донишномаи Рӯдакӣ” дар се ҷилд (Душанбе, 2008) дохил мешаванд.

**Мавзуи таҳқиқ** «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» унвон гирифтааст.

**Соҳаи таҳқиқ** фолклоршиносӣ буда, масъалаҳои тасвири шахсият, муносибату рафтор, ҳунару истеъдоди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун шоири тавоно, ҳаким ва овозхону машшоқ аз назари нақлу ривоятҳои мардумӣ ва инчунин алоқамандии ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ, корбурд ва таъсиру асарпазирии ин ду намуди ашъор ташкил додааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ**. Таҳлили маводи диссертатсияро бе истифодаи адабиёти назарӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, масъалаҳои назарӣ ва усулие, ки доир ба назарияи адабиёт ва фолклор дар тадқиқоти муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ба кор гирифта шудаанд, мисли С. Айнӣ, С. Нафисӣ, А. Мирзоев, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Р. Амонов, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, В. Асрорӣ, А. Афсаҳзод, М.Н. Усмонов, С. Имронов, Ш. Ҳусейнзода, С. Амирқулов, А. Р. Мусулмонқулов, Б. Тилавзод, Н. Шакармамадов, О. Муродов, Д. Обидов, Р. Раҳмонӣ, В. Охониёзов, Р. Аҳмадов, С. Фатҳуллоев, Д. Раҳимов, Т. Зеҳнӣ, Ю. Бобоев, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Алимардонов, Ҳ. Қаландаров, А. Раҳмонфар ва дигарон истифода кардем.

Ҳамаи ин осор ҳамчун маводи илмӣ ва назарӣ барои диссертатсияи пешниҳодшуда истифода гардида, бештар ба таҳлили матнҳо ҳам аз назари илми фолклоршиносӣ ва ҳам аз диди адабиётшиносӣ баёни фикру мулоҳиза шуд ва муайян гардид, ки бештари ин ривоятҳои мардумӣ дар асоси воқеаву ҳаводиси ба ҳаёту фаъолияти шоир марбутбуда дар байни халқ густариш ёфтаанд. Ва ин осори мардумӣ падидаест, ки улуми адабиёту фолклорро бо ҳам алоқаманд мегардонад.

**Методҳои таҳқиқ.** Ҳадафҳое, ки барои ба даст овардани мақсади асосии диссертатсия муайян карда шуданд, дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ баррасӣ гардидаанд. Ин асл имкон дод, то ривоятҳои мардумӣ ва афкори аҳли маънӣ дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шавад ва баъзе фикрҳо дар хусуси таърих, заминаҳо ва раванди рушду интишори онҳо низ қайд гарданд.

Бино бар зарурати таҳлили ғоявӣ, мундариҷавӣ ва шаклии баъзе аз ривоятҳо ва ҳамчунон, порчаҳои шеърии ҳам шифоҳӣ ва ҳам аз осори Рӯдакӣ, аз усули таҳлилҳои матнӣ, назарӣ ва таҳлили назми таърихӣ, муқоисавӣ-таърихии адабиётшиносӣ ва таҳлили санъатҳои бадеӣ низ истифода гардид.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда қадами нахустин дар омӯзиши нақши ривоятҳо, ба мақсади боз ҳам беҳтар ва аниқтар муайян намудани санаҳои таърихӣ ва ҳаётии даврони Рӯдакӣ, муқоисаи онҳо бо ашъори шоир, маҳорати шоир дар истифода аз осори мардумӣ ва таъсири бевоситаи фолклор ба маҳорату ҳунари эҷодии ӯ мебошад. Дар доираи чунин таҳлил, бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик, нақши ривояту нақлҳо дар муайян намудани дараҷаи эҷодкорӣ ва ҳунармандии шоир, шахсият ва хулқу симои ӯ дида баромада шуда, таъсири тарафайни ашъори шоир ва осори шифоҳӣ муайян гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Ривоятҳои мардумӣ дар муайян намудани воқеа ва ҳодисаҳои ҳаётиву шинохти шахсияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нақш ва арзиши махсус дошта, талаби таҳлили ҳаматарафаи илмӣ мекунанд.

2. Муқоисаи ривоятҳои мардумӣ бо маълумоти дар сарчашмаҳои таърихӣ сабтшуда ва дар ашъори шоир инъикосгардида мувофиқтарин восита дар тасдиқ ё инкори муҳтавои ин ё он ривоят ба шумор меравад.

3. Ашъори бозмондаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ намунаи барҷастаи таъсирпазирии адабиёт ва махсусан шеъри замони Сомониён аз адабиёти шифоҳӣ маҳсуб мешавад.

4. Ҷашну маросимҳо ва бовару эътиқодоти мардумӣ дар шеъри Рӯдакӣ ҷойгоҳи махсус дошта, арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ ва ҳуввияту ифтихори шоирро инъикос мекунанд.

5. Ҷанбаҳои фолклории намунаҳои ашъори Рӯдакӣ қаринии ашъори ӯро ба тафаккуру тахайюлоти мардум нишон медиҳад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳлил ва тарзи пажуҳиш дар рисола арзишҳои махсуси назариро барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, дар диссертатсия нахустин маротиба се тарзи зерини таҳлили ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба роҳ монда шуданд, ки барои пажуҳишҳои минбаъда ҳамчун усули назарӣ истифода бурдани онҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд:

1) Муқоисаи воқеаҳо ва санаҳои ривоятҳои мардумӣ дар бораи Рӯдакӣ бо санаҳои воқеии ҳаёти шоир ва тасдиқ ё инкори мавҷудияти воқеии онҳо.

2) Таҳлили ҳунар ва истеъдоди шоир дар масъалаи истифода аз намунаҳо, асотир, гуфтор, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо, чеҳраҳои асотирӣ ва амсоли инҳо, ки нишондиҳандаи ҳунари ӯ аз як тараф ва нишондиҳандаи сабаби машҳурияташ дар миёни омма аз тарафи дигар гардиданд.

3) Таҳлили ҷойгоҳи ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардум дар ашъори Рӯдакӣ ҳамчун намунаи дониш ва ифтихори баланди миллии шоир, ки арзиши бузурги тарбиявӣ ва маърифатиро доро мебошад.

Ҳамин тавр, қимати аслии назарии диссертатсия дар таҳлили гуруҳбандии ривоятҳои халқӣ дар муайян намудани шахсият ва ҳунару истеъдоди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз як тараф ва таҳлили ҳунари шоирии Рӯдакӣ дар заминаи истифодаи моҳирона аз адабиёти шифоҳӣ аз тарафи дигар зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки диссертатсияи пешниҳодшуда барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик ҳамчун маводи ҷанбаи қавии таълимӣ дошта ба шумор меравад. Маводи дар диссертатсия таҳлилшуда метавонад ба таври дастрас ва сода дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад, зеро он барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин ин мавод дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқ.** Муҳимтарин нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар конфронсияҳои илмию амалии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ (солҳои 2015-2020) арзёбӣ гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (10.01.09. – Фолклоршиносӣ) мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ.** Дар фароҳам овардани мавод ва таҳлилу таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ дар он аст, ки  муаллифи таҳқиқот нақлу ривоятҳои мардумро доир ба Рӯдакӣ вобаста ба мавзӯву мазмун тасниф ва таҳлил намудааст ва ин тарзи пажӯҳиш боис гардидааст, то: 1) маълумоти сарчашмаҳо доир ба санаҳои алоҳидаи ҳаёту зиндагии шоир бо тасвири воқеаҳои ривоятҳои халқӣ муқоиса шаванд; 2) мавҷудияти воқеъии баъзе аз лаҳзаҳои ҳаёти шоир ба исбот расонда шавад; 3) дарачаи таъсири дутарафаи осори шифоҳӣ ва ашъори бозмондаи Рӯдакӣ муайян гардад.

Дигар ин ки муаллифи таҳқиқот дар муддати зиёда аз шаш сол ба ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии ривояту нақлҳои мардумӣ оид ба устод Рӯдакӣ ба таври мустақим сару кор гирифтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи шуъбаҳои таърихи адабиёт ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (қарори №9 аз 15.02. 2022) такроран муҳокима гардидааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия ва баъзе андешаҳои таҳлилии он дар ҳаҷми 10 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии таҳти қайди КОА-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВАК-и Федератсияи Русия  ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва шонздаҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати гӯяндаҳо иборат мебошад.

# БОБИ I
# РӮЗГОР ВА ЧЕҲРАИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

## Фасли 1. Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аз замони зиндагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то имрӯз зиёда аз 1160 сол гузашта бошад ҳам, номи ӯ дар байни халқи тоҷик ба некӣ ёд мешавад ва ривояту нақлҳо дар бораи вай аз насл ба насл интиқол мегарданд. Муҳаққиқони ҳаёт ва осори устод Рӯдакӣ роҷеъ ба масъалаи зодгоҳ, таваллуд ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тадқиқоти зиёде анҷом додаанд. Чи тавре ки ба аҳли илму адаб маълум аст, тадқиқот дар ин самт аз замони зиндагонии худи шоир оғоз ёфта, то замони мо идома дорад. Пажуҳишгарони ин бахш тадқиқоти худро асосан дар заминаи маълумоти маъхазҳои таърихӣ, чун тазкираҳо, ҷунгу баёзҳо, фарҳангу луғатномаҳои қадимӣ ва ашъори бозмондаи шоир ироа намудаанд. Баррасии илмии аҳволу ашъори Рӯдакӣ, тавре ки Саид Нафисӣ ва А. Мирзоев таъкид кардаанд, аз асарҳои Ҳ. Эте, Ч. Пикеринг, П. Ҳорн, Э. Браун, Р. Левӣ, Шиблии Нуъмонӣ ва монанди онҳо оғоз ёфта, сипас дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар Тоҷикистон густариш меёбад. Муҳаққиқони адабиётшинос дар ин самт асару мақолаҳои зиёдеро таълиф намудаанд. Дар ин замина хидматҳои устод С. Айнӣ, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Тоҳирҷонов, С. Амирзода ва дигарон назаррас мебошад. Ҳамчунин, дар давраи Истиқлоли Тоҷикистон донишмандони илмҳои гуногун роҷеъ ба ҳаёту рӯзгор ва ашъори устод Рӯдакӣ пажӯҳишҳо анҷом додаанд, ки барои муаррифӣ ва шинохти Устод аҳаммияти муҳим доранд. Чунончи, А.Atторзода, Н. Неъматов, Х. Шарифов, А. Насриддин, А. Мухторов, Н. Салимов, К. Олимов, М. Қосимова, У. Каримов, А. Алимардонов, Т. Мардонӣ, А. Раҷабов, М. Мирзоюнус, Ҷ. Азизқулов, У. Ғафforова, З. Ғафforова, Ф. Нариддинов, А. Абдусаттор, В. Самад, М. Муллоаҳмад, Ҷ. Саидзода, У. Назир, А. Кӯчаров, А.

Самадов, В. Элбойзода, С. Муллоҷонов, Ш. Раҳмонов, А. М. Хуросонӣ, М. Ҳоҷиматов, С. Раҳимов, В. Охониёзов, Ш. Исрофилниё, Ш. Муҳаммадиев, Ҳ. Қаландаров ва даҳҳо тани дигар аз муҳаққиқон ба пажуҳиш ва баррасии осори шоир машғул шудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки аз назари фолклоршиносӣ ва баррасии аҳволу ашъори Рӯдакӣ дар ривояту нақлҳои мардумӣ низ мақолаву китобҳо нашр шудаанд, ки ба қалами Д. Обидов тааллуқ доранд. Муҳаққиқ нақлу ривоятҳои мардумиро, ки дар бораи устод Рӯдакӣ бахшида шудаанд, дар мақолаву асарҳояш интишор кардааст. Ва инчунин бархе аз ин ривояту нақлҳо дар Донишномаи Рӯдакӣ (2008) бо тавзеҳоту номгузорӣ дар шакли мақолаҳои алоҳида нашр гардидаанд. Дар «Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ» (1958) муҳаққиқон Р. Амонов ва М. Шукуров ҳашт матни ривоятҳоро дар бораи Рӯдакӣ овардаанд. Гузашта аз ин, як қисми ривояту нақлҳоро Камол Айнӣ дар мақолаи худ «Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ» (2007) нашр намуда буд. Аз эҳтимол дур нест, ки ин мавод ҳамон осори ҷамъовардаи Лутфулло Бузургзода бошад, ки баъд аз даргузашти устод Айнӣ ва Л. Бузургзода аз рӯйи дастнависи онҳо баргардон карда, дар шакли мақола чоп намудааст. Ин кори Камол Айнӣ ҳам хуб аст, вале хидмати гузаштагонро ёдовар шудан ҳам тақозои илм мебошад. Дар ҳар сурат ин муҳаққиқон дар мақолаву асарҳо нақлу ривоятҳои марбутаро бо шарҳу тафсир ва гурӯҳбандӣ аз забони гӯяндагон овардаанд. Чунин таҳқиқ бесабаб нест, чунон ки шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс дар китоби худ «История персидско-таджикской литературы» (Москва, 1960) менависад: «Ин адабиёт (яъне, адабиёти асрҳои IX-X – Ф.И.) дар марҳалаи мубориизаи шадид дар роҳи барқарор намудани маданияти миллӣ пойдор гардид, бо эҷодиёти халқ робитаи зич дошт ва аз он ҳусну тароват мегирифт» [120, 245]. Пас, омӯзиши алоқамандии осори халқӣ ва ашъори китобӣ дар ҳар давру замон аз масъалаҳои барои адабиётшиносӣ пурарзиш боқӣ мемонад.

Омӯзиши масъалаи зикршуда дар мавриди устод Рӯдакӣ ва ашъори ӯ то андозае анҷом шуда бошад ҳам, вале дар миёни халқ ривоятҳои алоҳида ҷой доранд, ки барои шинохти шоир арзиши махсус доранд. Бисёре аз ин ривояту нақлҳо ба ҳодисаҳои таърихии ҳаёти Одамушшуаро мувофиқ меоянд ва чанде то

андозае бофтаю хаёлӣ мебошанд. Таҳлили ин қабил ривоятҳо имкон медиҳад, ки, аз як тараф, маҳбубияти шоир дар миёни мардум муайян карда шавад ва, аз ҷониби дигар, мухтавои ин ривоёт бо лаҳзаҳои воқеии ҳаёти шоир дар муқоиса гузошта шаванд ва, аз тарафи сеюм, баъзе лаҳзаҳои таърихии ҳаёт ва фаъолияти шоир, ки то ба ҳол ношинохта ҳастанд, кушода гарданд.

Як гурӯҳи ривоятҳо дар бораи зодгоҳ ва овони кӯдакии шоир бахшида шудаанд ва ин қабил осори шифоҳии халқ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаёту фаъолияти шоир гуногун гузаштааст. Дар ривоятҳои шифоҳӣ роҷеъ ба даврони кӯдакии Рӯдакӣ, қобилият ва заковати шоир ва тавоноиву лаёқатмандии ӯ маълумот дода мешавад. Роҷеъ ба зодгоҳи шоир гӯяндагони нақлу ривоятҳо андешаҳои мухталиф доранд. Як гурӯҳи ровиёни мардумӣ зодгоҳи Рӯдакиро ба деҳаи Рӯдак, ки ҳоло он ба Ҷамоати деҳоти Шинг дохил мешавад, мансуб медонанд. Аммо гурӯҳи дуюм зодгоҳи шоирро деҳаи Панҷрӯд меҳисобанд. Оид ба ин масъала дар байни муҳаққиқони Рӯдакишинос низ баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта вуҷуд дошт. Ба гурӯҳи аввал ривоятҳои «Рӯдакӣ аз деҳаи Рӯдак буд», «Деҳаи Рӯдак ва Рӯдакӣ» ва «Рӯдакии ободкор» марбут мебошанд, ки дар хусуси алоқамандии ҳаёти шоир бо деҳаи Рӯдак маълумот медиҳанд [13, 13-22].

Дар ривоятҳои бахши аввал гӯяндаҳо даъво ва иқрор менамоянд, ки Рӯдакӣ аз деҳаи Рӯдаки Шинг буд ва авлодони ӯ то ҳол ҳастанд ва худро аз наберагони Абулҳасани Рӯдакӣ мешуморанд.

Ривояти «Деҳаи Рӯдак ва Рӯдакӣ» дар хусуси мансубияти Рӯдакӣ ба деҳаи Рӯдак ва тавлид ёфтани ӯ дар он ҷо ва ба худ тахаллус гирифтани шоир аз зодгоҳаш маълумот медиҳад. Ба ақидаи халқ шоири бузург Рӯдакӣ дар ҳамон деҳаи хурдакаки Рӯдак зиндагӣ кардааст. Тасвири зебоиҳои деҳаи Рӯдак бо ҷойҳои таърихиву рӯдҳои мусаффояш манзараи зебоеро пеши назар меорад ва сокинони он ҷо бевосита мансубияти номи Рӯдакиро ба вожаи «рӯд» медонанд ва номи кӯҳҳову дараҳои атрофи деҳаи Рӯдак низ дар ин ривоят оварда шудааст, чунончи: "*Дар ҳудуди ноҳияи Панҷакент ба номи «Рӯдак» қишлоқе ҳаст. Рӯдак аз калимаи «рӯд» буда, маънои ҷӯйча ё ҷӯйбори хурдро мефаҳмонад. Азбаски аз байни ин қишлоқ як ҷӯйча мегузаштааст, ба он қишлоқ «Рӯдак» ном*

*гузоштаанд. Дар вақташ ин қишлоқ обод будааст, аз оби Шарраку Каҳдонак ба қалъа ҷӯй гузаронида буданд.*

*Аҳолии Рӯдак одамони меҳнатӣ, меҳмоннавоз ва хушгапу баодоб будаанд ва бо ҳамдигар дӯстона кору зиндагӣ мекарданд. Имрӯз ҳам Рӯдак ҷойи хушбодуҳаво, макони сабзу хуррам аст, садои булбулу кабкони хушхонаш дилҳоро ба ҷӯшу хурӯш меоварад. Ривоят мекунанд, ки дар ҳамин қишлоқи зебо Абулҳасан ном шоире гузашта будааст. Ӯ бо тахаллуси «Рӯдакӣ» шеър мегуфтааст, ки шоир ин тахаллусро аз номи қишлоқи худ «Рӯдак» гирифтааст"* [13, 22].

Матни ривояти «Рӯдакӣ аз деҳаи Рӯдак буд»-ро Каримов Қодирбердӣ, соли таваллудаш 1914 нақл кардааст, ки истиқоматкунандаи деҳаи Шинг мебошад ва ин ривоятро ӯ аз забони дигар кас, Каримов Бобоҷон шунидааст. Дар ин ривоят Каримов Бобоҷон худро аз авлодони Абулҳасани Рӯдакӣ меҳисобад ва зимнан ӯ худашро яке аз наберагони Рӯдакӣ мепиндорад. Ҳамчунин, дар ин ҷо гӯянда роҷеъ ба мавқеи ҷуғрофии деҳаи Рӯдак ва авлодони Рӯдакӣ иттилоъ дода, зодгоҳи Абулҳасани Рӯдакиро ҳамон деҳаи Рӯдак, ки дар тӯли таърих хароб шуда, сокинони он ба деҳоти атрофи Шинг кӯчидаанд, мансуб медонад. Ривоят чунин аст: "*Рӯдак аз қишлоқи Шинг 6 км ба тарафи ҷануб ҷой гирифтааст. То солҳои наздик авлодони Абулҳасан Рӯдакӣ дар ҳамин ҷо зиндагонӣ мекардиян. Ҳамагӣ чор хоҷагӣ дар ҳамон ҷо зиндагонӣ мекардиян. Ҳозир колхоз хонаҳои онҳоро вайрон карда, ба Шинг овардан. Ин ҷойҳо ба ихтиёри колхоз гузаштааст. Тахминан 15 сол ин ҷониб онҳо аз Рӯдак кӯчида омадаанд. Бобою бобокалонашон мегӯяд, ӯ дар бораи Абулҳасан нақл мекардаанд. Ӯро бо эҳтиром ёдоварӣ менамудиян. Каримов Бобоҷон худро набераи Абулҳасан мешуморад. Абдулҳасан бобои мо мешаванд. Барои зинда мондани номи ӯ амакаш номи писарашро Абулҳасан гузошта будааст»* [13, 13].

Дар ривояти «Рӯдакии ободкор» халқ Рӯдакиро ҳамчун шахси ободкору ҳунарманд, хирадманду бодавлат тасвир мекунад ва муҳим ин аст, ки ӯ маҳз ба ободии деҳаи Рӯдак кӯшидааст. Аз ин гуна маълумот бармеояд, ки Рӯдакӣ бо амирони давр муносибати хуб дошта, барои фаъолияти илмиву эҷодии худ аз

тарафи ҳокимон ба ӯ инъомҳои зиёде чун «уштурҳои пурбор» қадрдонӣ карда мешуд ва ӯ ин инъомро барои зодгоҳаш истифода мекардааст. Чунончи, Рӯдакӣ дар вақти дар деҳаи Рӯдак буданаш бештар ба бунёд кардани осиёб ва ободкориву боғпарварӣ машғул шудааст. Матни ривоят ин аст: «*Абдуҷаббор ном шахси мӯйсафед, боғбони калхоз ҳикоят кард, ки Рӯдакӣ ҳам гоҳ панҷ - шаш моҳ ба Бухоро ба назди амир рафта, боз бо уштурҳои пурбор ба Рӯдак гашта меомадааст. Дар вақти дар Рӯдак буданаш ба кандани ҷӯйборҳо, сохтани осиё, парвариши боғҳо машғул мешудааст»* [13, 24].

Гурӯҳи дуюми ривоятҳо дар бораи мансубияти Рӯдакӣ бо деҳаи Панҷрӯд маълумот медиҳанд. Ин қабил ривоятҳо шаҳодат медиҳанд, ки Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд таваллуд шуда, таҳсили ибтидоиро дар он ҷо гирифта ва сипас дар давраи ҷавонӣ ба Самарқанду Бухоро барои такмили дониши худ сафар мекунад. Гӯяндагони нақлу ривоятҳо бар он ақидаанд, ки зодгоҳи Рӯдакӣ ҳамин деҳаи Панҷрӯд аст ва авлоди он кас дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекарданд ва бо номи «Авлоди Уфориҳо» машҳур буданд. Дар ин ривоятҳо андешаву ақидаҳои гӯяндагон муқобили ривоятҳое, ки аз гӯяндаҳои деҳаи Рӯдаки Шинг сабт шудаанд, ба назар мерасанд. Чунончи, гӯяндаи ривояти «Абулҳасани Уфорӣ» ёдовар мешавад, ки дар замони пеш Рӯдаку Шинг, Фароб ва Моғиён ба Панҷрӯд тобеъ будаанд. Дар як силсила нақлу ривоятҳо баҳси халкро оид ба масъалаи зодгоҳи Рӯдакӣ мушоҳида мекунем, аммо таърих собит сохтааст, ки зодгоҳ ва мазори воқеии устод Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд ҷой гирифтааст [45, 152].

Ривояти зерин, ки бо унвони «Абулҳасани Панҷрӯдӣ» сабт гардидааст, дар бораи Рӯдакӣ ва авлоди ӯ, ҳамчунин аз урфу одати дар фасли зимистон дар назди сандалӣ нишастан, дар бораи бузургону донишмандон нақл кардани ҳикояту нақлҳо ва қиссаву ривоятҳо аз тарафи ровиёни мардумӣ сухан меравад: «*Вақте ки ман майда будам, падару модарам дар гирди сандалӣ шишта, дар ҳаққи гузаштагон, азизон, одамони бузургу машҳур гап мезаданд ва аз онҳо дар хусуси бобои ҳавоӣ ва Абулҳасани Уфории Панҷрӯдӣ бисёр ҳикояҳо шунидаам. Онҳо нақл мекарданд, ки Абулҳасани Панҷрӯдӣ аз ҳамин Панҷрӯд будагӣ ва омада боз дар ҳамон ҷо вафот кардагӣ ва дар ҳамин ҷо дафн карда шудагӣ.*

*Падарам мегуфтанд, ки он шахс одами бисёр азиз будагӣ. Бобоҳавоӣ ҳам аз авлоди ҳамон кас будаанд. Падари ман аз авлоди Бобоҳавоӣ будааст»* [13, 7].

Вожаи «уфор» шакли талаффузи маҳаллӣ буда, бино бар сабаби гузаштагони Абулҳасани Рӯдакӣ ба овозхониву машшоқӣ шуҳрат доштан, ин лақаб ба авлоди онҳо гузошта шудааст. Шакли саҳеҳи ин вожа «уфар» [84, 255], мебошад, ки номи яке аз сурудҳои мақом аст ва аз сабаби овози хуш ва савти дилкаш доштани Рӯдакӣ халқ ба ӯ ин номро мансуб медонад. Уфариҳо шахсони донишманд, фарҳангиву санъатдӯст буданд ва овози хушу машшоқӣ дар ин авлод реша давонда, аз як насл ба насли дигар интиқол меёфт ва маҳз ҳамин сабаб буд, ки Рӯдакиро халқ дар нақлу ривоятҳо “Абулҳасани Уфорӣ” меномад. Дар ривояти «Абулҳасани Уфорӣ» гӯянда дар бораи зодгоҳи Рӯдакӣ иттилоъ медиҳад. Дар ин ҷо зодгоҳ, мазор ва ҷойи дафни шоир деҳаи Панҷрӯд пиндошта шудааст. Ровиёни мардумӣ аз авлоди Рӯдакӣ ёдовар шуда, бе ҳеч гумон зодгоҳи шоирро ҳамон деҳаи зебоманзари Панҷрӯд мешуморанд: “*Дар хусуси Уфориҳо ман ҳам аз одамони пеш бисёр нақл шунидагӣ. Ҳақиқатан худи Абулҳасани Уфорӣ аз ҳамин Панҷрӯд гуфта нақл мекарданд. Қабри он шахси азиз ҳам дар худи ҳамин ҷо, дар пушти Боғи мирӣ воқеъ аст. Қабрҳои дар ҷониби қибла будагӣ, қабрҳои наванд. Абулҳасани Уфорӣ дар ҷои худаш, мулки худаш дафн карда шудагӣ мегуфтанд, бо одамони пир дар сари қабри ин шахси азиз тоқ буданаш ва сангҳои калон, қайроқҳои (сангҳои – И.Ф.) калон маълум… Ин азизро “Панҷрӯдӣ” ва “Рӯдакӣ” ҳам мегуфтанд. Пеш дар замонҳои кӯҳна ном ва куният Рӯдак будааст. Аз ин чанд сол пеш ин ҷоҳо ба Фароб – Моғиён тобеъ буд”* [13, 9].

Дар ҳар сурат, баҳсу мунозираҳо роҷеъ ба зодгоҳи шоири шаҳир Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар осори шифоҳӣ мухталиф ва бо андешаҳои мухолиф ба чашм мерасанд. Аммо донишмандону муаррихон собит намудаанд, ки зодгоҳ ва мақбараи Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд мавҷуд буда ва имрӯз дигар ҷойи баҳсу мунозира нест. Гарчанде ривояту нақлҳои шифоҳӣ дар ин масъала маълумоти гуногун медиҳанд ва ду гурӯҳи

одамон Рӯдакиро ҳамдиёри худ мепиндоранд, ин ҳама нишон медиҳад, ки халқ ба устод Рӯдакӣ ва ашъори арзишманди ӯ эътиқоду дилбастагии зиёд дорад.

Ҳамон гуна, ки зикр намудем, зодгоҳи Рӯдакӣ деҳаи Панҷрӯд буда, дар ҷавонӣ ба Самарқанду Бухоро рафта, бештари ҳаёти хешро дар Бухоро дар дарбори амирони Сомонӣ гузаронидааст. Дар деҳаи Панҷрӯд ӯ аз бобоёну шахсони соҳибтаҷриба илму дониш ва суруду мусиқӣ омӯхта, аз манзараҳои рангини табиат ва рӯзгори мардуми меҳнатдӯсти кӯҳистон илҳоми тоза мегирифт. Ба суруду мусиқӣ аз даврони кӯдакӣ шавқу завқи беандоза пайдо карда буд. Вай овози форам ва дилкаш дошта, бо истеъдоди худододаш худ мардумро дар ҳайрат мегузошт. Мувофиқи маълумоти ривоятҳо, овози форам ва ҳунари машшоқии ӯ ба яке аз навозандагони моҳир, ки Бахтиёр ном доштааст, хеле хуш меояд ва баъд аз чанд сол Бахтиёри мӯйсафед чангашро ба Рӯдакӣ бахшидааст, то ки дар деҳоти кӯҳистон гашта, дилу рӯҳи мардумро бо таронаву навоҳо шод гардонад. Роҷеъ ба маҳорати чангнавозӣ ва дар маҷлисҳои амир ромишгарӣ, сурудхонӣ ва бодапаймойӣ кардани Рӯдакӣ худи шоир ва ҳамасронаш иттилоъ додаанд [130, 531]. Далели ин гуфтаҳо порчаи шеърии худи шоир мебошад:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт! [11, 31].

Мавриди зикр аст, ки дар хусуси овони кӯдакӣ, дорои табъи закӣ ва фавқулода будани Рӯдакӣ ва зодгоҳи ӯ дар осори хаттӣ низ маълумоти мухталиф дода шудааст.

Яке аз аввалин тазкираҳое, ки бо забони форсӣ таълиф шуда, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ барои муаяйн намудани рӯзгор ва осори чандин шоирону адибон хидмати арзанда намудааст, «Лубоб-ул-албоб» -и Муҳаммад Авфии Бухорой мебошад, ки дар он роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти устод Рӯдакӣ маълумоти дақиқу арзишманде дода шудааст. Мувофиқи ривояти Муҳаммад Авфӣ Рӯдакӣ шоири донишманду тавоно ва аз кӯдакӣ дорои қобилияти худододии воло буда, аз ҳаштсолагӣ тамоми улуми замонро аз худ намудааст: «…Аммо чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамомат ҳифз

кард ва қироат биёмӯхт ва шеър гуфтан гирифт ва маъонии дақиқ мегуфт, чунонки халқ бар он иқбол намуданд ва рағбати ӯ зиёдат шуд ва ӯро офаридгори таъоло овозе хушу савте дилкаш дода буд ва ба сабаби овоз дар мутрибӣ афтода буд ва аз Абулъабаки Бахтиёр, ки дар он санъат соҳибихтиёр буд, барбат биёмӯхт ва дар он моҳир шуд ва овозаи ӯ ба атрофу акнофи олам бирасид ва амир Наср бини Аҳмади Сомонӣ, ки амири Хуросон буд, ӯро ба қарибати ҳазрати худ махсус гардонид ва кораш боло гирифт ва сарвату неъмати ӯ ба ҳадди камол расид, чунонки гӯянд ӯро дувист ғулом буд ва чаҳорсад шутур дар зери бани ӯ мерафт ва баъд аз вай ҳеҷ шоирро ин мукнат набудааст ва ин иқбол рӯй надода» [39, 245-246].

Аз ин ривояти Авфӣ чунин бар меояд, ки Рӯдакӣ дар овони кӯдакияш қобилияти зиракиву тезфаҳмӣ доштааст. Симои ӯ дар ин ривоят ҳамчун кӯдаки донову оқил, мушоҳидакор, машшоқу овозхони беҳамто, шоири тавонову сухандон ва шахси бодавлату сарватманд тасвир ёфтааст. Албатта, ҳамаи ин маълумоти Авфӣ ба нақлу ривоятҳои халқӣ таъсири худро гузоштааст ва дар ривояту нақлҳои омиёнаи тоҷик низ аз ин гуна тавоноиву бартарияти Рӯдакӣ иттилоъ дода мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки ин маълумоти Авфиро шоири асри XV Абдурраҳмони Ҷомӣ низ бо андак дигаргунӣ дар фасли ҳафтуми «Баҳористон»-и худ зикр намуда, аз ҷумла чунин менависад: «Рӯдакӣ, раҳматуллоҳи таоло,-вай аз Мовароуннаҳр аст ва аз модар нобино зодааст. Аммо чунон закӣ ва тезфаҳм будааст, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръонро ба тамом ҳифз кард ва қироат биёмӯхт ва шеър гуфтан гирифт ва ба воситаи ҳусни савт дар мутрибӣ афтод ва ӯд биёмӯхт ва дар он моҳир шуд ва Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ӯро тарбият кард. Гӯянд, ки ӯро дувист (дусад- Ф.И.) ғулом буд ва чаҳорсад шутур дар зери рахту бори ӯ мерафт ва баъд аз вай ҳеҷ шоирро ин макнат набуда» [1, 95-96].

Воқеан, Рӯдакӣ аз синни хурдиаш ба омӯхтани илму دониш рағбати беандоза доштааст ва ин қобилияту тавоноиро Худованди бузург ба ӯ лоиқ дониста, ки аз сини ҳаштсолагӣ овозаи ӯ ба атроф паҳн мегардад. Дар ин хусус устод Садриддин Айнӣ ҳам ибрози назар карда, оид ба давраи бачагӣ ва ҷавонии

ӯ чунин менависад: «Давраи бачагӣ ва наврасии ӯ ба Қуръонёдкунӣ, мусиқинавозӣ гузашт, дар ҷавониаш ӯ бо мусиқӣ шеърхонӣ карда, аҷаб нест, ки монанди шоирони халқӣ дар ба дар ва кӯча ба кӯча гашта, шуҳрат ёфта бошад. Ин ду ҳунари ӯ (яъне, шоирӣ ва машшоқӣ - Ф.И.) бо ҳам вобаста буданд ва монанди шоирони халқ созро ба даст гирифта, шеър мегуфт ва овозхонӣ мекард» [45, 14].

Шарқшиноси рус А.А. Семёнов низ дар бораи овони кӯдакиву ҷавонии Рӯдакӣ андешаҳои ҷолиби диққат баён намуда, маълумоти муҳаққиқони пешинро такроран овардааст: «…Вай яъне, Рӯдакӣ - Ф.И) ҳофизаи қавӣ ва қобилияти гениалии шоирӣ ва мусиқинавозӣ дошта, ҳанӯз дар кӯдакӣ Қуръонро аз ёд хонда, ҳамаи атрофиёнашро ба ҳайрат меандохтааст» [105, 37].

Чунонки мебинем, маълумоти муҳаққиқон ба маълумоти нақлу ривоёт дар бораи Рӯдакӣ мувофиқат дорад. Аз ҷумла, масъалаи зодгоҳ ва аз кӯдакӣ қобилияти фавқулода доштан, дар давраи бачагиаш аллакай дар байни халқ, дар зодгоҳаш машҳур гардидани Рӯдакӣ дар ҳар ду сарчашма якхела ба назар мерасад. Шубҳаангез будани масъалаи зодгоҳи шоир, ки аз назари мардум ҳам деҳаи Рӯдак ва ҳам деҳаи Панҷрӯд муаррифӣ мегардад, дар байни муҳаққиқон низ ба назар мерасад, зеро дар ин масъала ақидаҳо мухталифанд. Аммо ба андешаи мо, зодгоҳ ва мазори Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд мавқеъ гирифтааст, зеро аз таърих мусаллам аст, ки Панҷакенти бостонӣ то солҳои 20-уми асри XX тобеи Самарқанд буд ва аксари донишмандону муаррихон Рӯдакии Самарқандӣ мегуфтанд. Аз сабаби он ки дар атрофи Панҷакент ҳам деҳаи Рӯдак, ки дар ҷамоати Шинг ҷой гирифтааст ва ҳам деҳаи Панҷрӯд, ки дар ҷамоати Ворӯ мавқеъ гирифтааст, мардумони маҳаллӣ барои ихлосмандиву эътиқод ба шоири бузург даъво мекарданд, ки Рӯдакӣ аз мост. Лекин аз осори таърихӣ, тазкираҳо, тадқиқоту маълумоти ривояту нақлҳои мардумӣ бармеояд, ки зодгоҳ ва мазори шоир дар деҳаи Панҷрӯд воқеъ будааст. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки шояд замоне деҳаи Рӯдак тобеи Панҷрӯд буда бошад ва сокинони ин ду минтақа бо ҳам рафтуо доштаанд. Аз ин ҷост, ки онҳо ба шахсият ва ашъори шоир дилбастагӣ доранд. Ҷолиби диққат аст, ки махсусиятҳои даврони кӯдакии Рӯдакӣ дар ин

бахши ривоятҳо ба воқеияти таърихӣ мувофиқ баён ёфта, ҳунару истеъдоди закии шоир воқеъбинона арзёбӣ шудааст.

## Фасли 2. Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ

Мусаллам аст, ки дар таърихи адабиёт ва фарҳангу тамаддуни халқҳои форсизабон асрҳои IX-X яке аз давраҳои дурахшонтарини инкишофи илму адаб маҳсуб меёбад. Дар замони ҳукмронии шоҳони Сомонӣ тамоми соҳаҳои илм рушду инкишоф ёфта буд ва мардум ҳаёти ором у осоишта ба сар мебурданд. Дар ҳамин давра шоири бузургу номдори тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар давлати Сомониён зиндагии хубу оромро аз сар гузаронид. Таърих гувоҳ аст, ки муносибати Рӯдакӣ бо шоҳону ҳокимони Сомонӣ хеле хуб будааст. Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён фаъолият намуда, дар маҷлису муҳокимаҳои онҳо ҳамроҳ ва ҳамсуҳбати ҳокимону дарбориён буд. Дар сайру гашт ва сафарҳои хидматии подшоҳон низ ҳамсафар ва сухангӯйи маҳфилҳои онҳо буд. Муносибату муоширати Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дӯстонаву мушфиқона сурат мегирифт ва дар ин давра ҳаёти шоир ором у осуда мегузашт. Ва мавриди зикр аст, ки дар ин хусус Муҳаммад Авфӣ низ дар тазкираи хеш маълумот додааст. Аз маълумоти Авфӣ бармеояд, ки Рӯдакиро ҳокимони давр ҳамчун шахси донишманд ва боварибахши дарбори худ қабул карда, нисбат ба ӯ эътиқоду боварии зиёд доштаанд.

Ахбороти дигар, ки доир ба ин мазмун дар даст дорем, аз ҷониби шоири маъруфи асри XV Абдурраҳмони Ҷомӣ нигошта шудааст: «Гӯянд, ки се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо диданд ва қабулҳо ёфтанд, ки кас наёфт: Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён, Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати Салҷуқиён» [1, 103]. Ва ин маълумоти Ҷомӣ далели суханони боло шуда метавонад.

Профессор, Шарифҷон Ҳусейнзода низ дар ин бора ақидаҳои ҷолибро дар мақолаи пурарзиши худ «Рӯдакӣ ва фолклор» иброз намуда, аз ҷумла менависад:

«Дар марҳилаи дуюми зиндагии шоир, яъне давраи камолоти он, ки дар муҳити Бухоро, дар миёни олимон ва шоирон, маъмурони давлат ва тоифаҳои гуногуни ҷамъият гузашт, мавқеи ӯ дар ҷамъият торафт муайян шуда, ниҳоят яке аз пешқадамтарин одамони он замон шинохта шуд ва дар мулки сухан соҳибқиронӣ менамуд» [115, 80-81].

Бе ҳеч шак, дар ин давра, яъне дар замоне, ки Рӯдакӣ дар дарбори амирони Сомонӣ фаъолият мекард, шахсият, обрӯву эътибор ва ҳунари шоирии ӯ ба авҷи аъло расида буд ва шуҳрату шаҳомати шоир нишонаи дӯстиву бародарии вай бо ҳокимону дарбориёнро зоҳир менамояд.

Аз андешаҳои донишмандон маълум мегардад, ки чунин давлат баъд аз Рӯдакӣ ба ҳеч як шоири дигар даст надодааст. Ва аз ин рӯ, ин ҳодисаи воқеӣ ва нодир дар миёни мардум низ бо саргузашти шоир алоқаманд густариш ёфтааст. Дар ин замина оид ба муносиботи амирони Сомонӣ ва Рӯдакӣ дар байни халқи тоҷик як силсила ривояту нақлҳо густариш ёфтаанд, ки оид ба чигунагии ҳаёту рӯзгор ва алоқамандии саргузашти шоир дар замони ҳукуматдории Сомониён маълумот медиҳанд.

Яке аз чунин ривоятҳо ривояти «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» мебошад, ки дар байни халқ хеле маъруф аст. Ривояти мазкур дар асоси қасидаи «Боди ҷӯйи Мӯлиён»-и худи шоир ва заминаҳои таърихии воқеияти дар дарбори ҳокимони Сомонӣ ба вуқӯъ пайваста, ки дар тазкираҳо аз сарнавиши ин қасида ёд шудааст, пайдо шуда, то андозае шакли омиёна гирифтааст. Ривояти мазкур заминаи воқеии ҳаётӣ дошта, асосан аз осори кутубӣ ба эҷодиёти шифоҳии халқ тариқи аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насли дигар интиқол ёфта, аз диёре ба диёри дигар, аз маҳалле ба маҳалли дигар гузашта, нусхабадалҳои гуногуни фолклорӣ пайдо намудааст. Ривоят як ҳодисаи хеле муҳимми ҳаёти амири Бухоро Наср бини Аҳмади Сомониро алоқамандона бо саргузашти шоир бозтоб менамояд. Дар ривоят доир ба муносибатҳои Наср бини Аҳмади Сомонӣ бо устод Рӯдакӣ ва арзишҳои волои шеъру шоирӣ, сухандониву қобилияти хуби шоирии ӯ, ҳозирҷавобию дорои сухани ҷаззоб будани шоир сухан меравад. Тавре ки дар яке аз нусхаҳои ин ривоят омадааст: «*Замоне Наср бинни Аҳмади Сомонӣ бо гурӯҳи*

*лашкариёнаш азми сафари шаҳри Ҳирот менамояд ва дар яке аз маҳалҳои зебоманзар ва хушбодуҳаво ва пур аз нозу неъмат фуруд омада, муддати чаҳор сол дар он ҷо умр ба сар мебарад. Дар ин вақт шаҳри Бухороро аз ёдаш баровarда, фаромӯш мекунад. Лашкариёни амир аз ин сафари тӯлонӣ ва аз иштиёқи Бухоро ва зану фарзандони худ ба сутуҳ меоянд ва ҳар чанд кӯшиш мекунанд, ки шоҳро ба Бухоро баргардонанд, илоҷ намеёбанд. Онҳо даст ба домони шоири бузург Рӯдакӣ мезананд ва аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки санъате ба кор бараду шоҳро ба ватанаш баргардонад. Рӯдакӣ ин хоҳишро қабул мекунад ва ба назди шоҳ рафта, чанг ба даст мегираду пардаи «Ушшоқ»-ро менавозад ва ин ғазалро мехонад:*

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Реги Омую дуруштиҳои ӯ*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир сӯят меҳмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*

*Бо шунидани «Ушшоқ» ва қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» шоҳро ёди Ватан ба сар мезанад. Ӯ аз тахт фуруд меояд ва пойи бараҳна ба рикоб савор шуда, роҳи Бухороро пеш мегирад ва мӯзаашро фаромӯш мекунад, то ду фарсанг аз пайи ӯ мебаранд ва инони аспро то Бухоро ба ҳеҷ ҷо наметобад* [13, 17-18].

Таъсири сухани ширину ҷаззоб ва волои Рӯдакӣ барои подшоҳ мисли як сатил оби ҷӯшида буд, ки гӯё ба сари амир рехта бошанд ва ӯ ба худ омаду ниҳоят дубора роҳ ба сӯи Бухоро пеш гирифт. Яқинан метавон гуфт, ки қасидаи «Боди ҷӯйи Мӯлиён» дар ашъори Рӯдакӣ мавқеи махсус дошта, яке аз беҳтарин шеърҳои шоир аст ва дар бобати ба вуҷуд омадани ривояти зайл нақши асосӣ бозидааст. Дар ин ривоят халқ дар симои Рӯдакӣ як шоири ширинсухан,

ҳозирҷавоб ва шахсияти бисёр муътабар дар назди амирону ҳокимонро тасаввур мекунад.

Ҳамон гуна ки зикр шуд, сарчашмаи ривояти мавриди таваҷҷуҳ аз адабиёти хаттӣ буда, бо мурури замон ба адабиёти шифоҳӣ ворид гардидааст. Ба андешаи мо асоси баромад ва ба осори шифоҳӣ мунтақил шудани ривояти мавриди баҳс ҳамон ривояти донишманд ва тазкиранависи бузурги асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад. Дар асари машҳури ӯ «Чаҳор мақола» (соли таълифаш 1156) роҷеъ ба ривояти «Боди ҷӯйи Мӯлиён» маълумоти муътамад дода шудааст. Ӯ дар ин асар дар бораи сафари Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ба шаҳри Ҳарӣ (Ҳирот) ва чанд сол дар он ҷо бозмондани ӯ, писанд омадани боду ҳавои он ҷо ба шоҳ ва воқеаи чӣ тавр навишта шудани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» маълумоти арзишманде додааст [24, 27-28].

Дар ривояти Низомии Арӯзӣ низ ҳунари волои шоирӣ, машшоқиву сурудхонӣ ва аҳаммияти бузурги шеъри баландпояи Рӯдакӣ таъкид карда мешавад. Аммо агар ба таври муқоиса ба ин ривоят бингарем, бо бисёр хусусият ва дигаргунӣ аз ривояти мардумӣ фарқ мекунад. Хусусияти аввалини фарқкунандаи ин ривоятҳо дар он аст, ки дар ривояти мардумӣ забону тарзи баёни гӯянда содаву оммафаҳм аст, аммо дар ривояти хаттӣ масъалаҳои мухталиф ба тарзи баёни муаллиф дар чорчӯбаи меъёри осори насрӣ ҳикоя шудааст. Дигар ин ки дар ривояти хаттӣ тасвири фаслҳои тобистону тирамоҳ ва баҳорони Ҳирот ва махсусан, зикри номи яке аз ҷашнҳои бостонии мо Меҳргон ва русуму ойинҳои марбут ба он хеле барҷаста таҷассум ёфтааст, ки ин масъала дар ривояти мардумӣ дида намешавад. Лекин масъалаи чаҳор сол дар шаҳри Ҳарӣ ё Ҳирот бозмондан, дилгир гардидани гурӯҳи лашкариёни амир ва ба устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муроҷиат кардани онҳо, таъсир расондани шеъри Рӯдакӣ ба амир, дар пардаи «ушшоқ» сурудани ин қасида ва ғайра ҳам дар ривояти шифоҳӣ ва ҳам дар ривояти китобӣ ба чашм мерасанд. Дар ҳар сурат, ҳам диққати халқ ва ҳам таваҷҷӯҳи адибонро бештар латофати сухани Рӯдакӣ дар қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ҷалб намудааст ва ин қасида дар маркази диққати умум қарор гирифтааст.

Таҳлили чеҳра, шахсият ва фаъолияти Рӯдакиву Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ва воқеоту тасвироти ривояти мазкурро аз чанд ҷиҳат метавон баррасӣ намуд:

Аввалан, агар дар бораи шахсияти Рӯдакӣ аз рӯи матни ривоятҳои мавриди зикр нигарем, бевосита симои як инсони соҳибзавқ ва шоири тавонову машшоқи забардастро мемонад, ки ӯ бо суханони равону таъсирбахшаш тавонист ҳамроҳони хешро аз як мушкилот раҳонад. Маҳз чунин қобилияти волои ӯ буд, ки ҳамеша маҳфилорову сухангӯйи хушсадо тасаввур мегардад. Масъалаи таъсири суханони шоир, ки ниҳоят мавриди таваҷҷуҳи умум қарор мегирад, як ҷозибаи қавии шеъри ӯ ба ҳолати равонии шахсро таҷассум мекунад, яъне суханони ширину ҷаззоб ва пурмазмун бо забони содаву оммафаҳми устод Рӯдакӣ ҳамчун каломи таъсирбахш тавонист бо истеъдоди волои шоирии худ дилу руҳи шоҳ Наср бинни Аҳмадро ба худ ҷалб кунад.

Дуюм, симои Наср бинни Аҳмади Сомонӣ дар ин ривоят як шахси хуштабъ ва зебопарасту роҳатталаб ба назар мерасад. Ӯ ҳамчун инсони поктиннат ва хоксор аст, ки ҳамроҳи дӯстону ҳамкорони худ мафтуни зебоиҳову дилбохтаи обу ҳавои тозаи шаҳри Ҳирот мегардад. Бо Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муносибату алоқаи дӯстонаву бародарона ва ба ӯ эътиқод дорад.

Сеюм, тасвири воқеаву манзараҳо низ дар ривоят мавқеи махсус доранд. Мавқеъ ва ҷойгиршавии шаҳри Ҳирот, тозагиву зебоиҳои табиати он ҷо, инчунин ҳаёти осудаву осоиштаи мардум, ба амир Наср бинни Аҳмад писанд омадани он ҷо дар ривоёти мазкур ҳам бадеиву ҳам воқеӣ тасвир ёфтааст.

Ривояти дигар, ки «Рӯдакӣ ва Шоҳ Исмоили Сомонӣ» ном дорад, нусхаи дигари ривояти мардумии зикршуда мебошад ва дар ин ривоят баъзе аз масъалаву мазомуни ривояти аввал такрор шудааст, ки ин хусусияти вариантнокӣ пайдо кардани осори шифоҳӣ мебошад. Аммо дар ин ривоят оид ба муносибати Рӯдакӣ бо шоҳ Исмоили Сомонӣ, ки асосгузори давлати Сомониён буд, маълумот дода мешавад. Гӯяндаи ривоят дар бораи «шеър гуфта ба Бухоро баргардонидани шоҳ» ишорат кардааст, аммо аз қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ёдовар намешавад. Маълумоти ривоят чандон пурра набуда, дар он баъзе

дигаргуниҳо низ ба чашм мерасанд. Масалан, ба ҷойи Наср ибни Аҳмади Сомонӣ номи Исмоили Сомонӣ, ба ҷойи шаҳри Ҳирот номи Эрон омадааст, ки тасаввуроту фаҳмиши гӯяндаро нишон медиҳад. Агар ба ин ривоят мантиқан назар афканем, дар он мазмуни ривояти боло мухтасар баён ёфта, аммо муносибати шоҳ бо Рӯдакӣ дар аввали ривоят хуб аст ва дар охир, яъне дар давраи пирияш бад мегардад ва ӯ дигар ба Бухоро намеравад ва то охири умр дар зодгоҳаш зиндагӣ карда, дар он ҷо вафот мекунад. Ин маълумоти ривоят то як дараҷа воқеият дорад, зеро чунончи аз маъхазҳои таърихӣ маълум аст, бо сабабҳои сиёсиву иқтисодӣ шоир дар даврони пирӣ ба зодгоҳаш баргашта, то нафасҳои вопасини умр дар он ҷо мемонад. Ҳамчунин маълум аст, ки муносибати шоҳони давраи охири Сомониён ба Рӯдакӣ хуб набудааст. Ривояти мавриди назар чунин аст: “*Дина очем ина гуфтан. Дар замони қадим Рӯдакӣ даври Исмоили Сомонӣ пошшои Бухоро буданаш-ба Рӯдакӣ унҷаба рафта, бо вай бисёр хизмат кардас. Пошшо қаҳр карда дилхунук шуда, аз Бухоро ба Эрон меравад. Қариб ду сол пошшо дар Эрон зиндагонӣ мекунад. Аз ҳамунҷа шеър гуфта, пошшоя дилхунук карда ба Бухоро меорад. Рафту омади ин ҳама вахт будагӣ. Ҳамунҷоба Рӯдакӣ ба пошшо як шеър мегӯд. Пошшо ина бад мегирад. Ин омада ҳамин Рудобаба зиндагӣ мекунад. Дига Бухороба намеруд. Баъд ҳаминҷоба мемурад»* [13, 14].

Дар қаринаи дигар, ки бо номи «Рӯдакӣ шоири амири Бухоро» сабт шудааст, ахбори ривояти боло такроран оварда мешавад. Дар охири матни ривоят халқ ҷойи вафоти шоирро деҳаи Рӯдак пиндошта, аз ҳамон деҳа ба Бухоро рафтуомад доштани ӯро ишорат мекунад ва ҷумлаи «Вай шеър гуфта, аз дигар пошшоя ба Бухоро мебиёрад» низ ишора ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» мебошад. Матни ривоят ин аст: *«Ман бачаи понздаҳсола будам. Худойбердӣ ва Абдусамад одамҳо буданд. Худойбердия худаш аз қишлоқи Рӯдак буд. Нақл мекард, ки ҳаминҷо ба бовомо Абдулҳасан да ҳамин Рӯдак гузаштагӣ. Шоир будас. Як шутур китоб доштааст. Аз ҳамин ҷо амири Бухороба шоирӣ мекардас. Эронба пошшои Бухоро қати рафта, чанд вахтҳо истиқомат карда будас. Унҷо пошшоба маъқул шудас. Вай шеър гуфта, аз дигар пошшоя ба Бухоро мебиёрад»* [85, 36].

Ривояти «Рӯдакӣ ва Аҳмади Сомонӣ» ҳам яке аз он ривоятҳоест, ки дар он муносибати шоир бо амир ниҳоят дӯстонаву мушфиқона баён ёфтааст. Ин ривоят дорои мазмуни ҳазломез буда, суҳбати подшоҳ бо шоир ба таври саволу ҷавоб дар хусуси зодгоҳи шоир меравад, аммо дар охир подшоҳ аз ҳозирҷавобию сухандонии Рӯдакӣ қоил шуда, ба ӯ барои чунин қобилияташ офарину таҳсин гуфта, инъомҳои зиёде тақдим мекунад. Муносибату муоширaт, дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмиву якдилӣ, озодбаёниву ба таври ҳазлу шӯхӣ суҳбати Аҳмади Сомонӣ бо Рӯдакӣ дар ин ривоят бараъло фаҳмидаву дида мешавад: “*Подшоҳи Бухоро Аҳмади Сомонӣ Рӯдакиро ба назди худ даъват карда пурсидааст:*

- *Ту аз куҷоӣ?*

*Рӯдакӣ дар ҷавоб гуфтааст, ки:*

- *Ман аз Рӯдаки рӯдагардан, аз Турои тургардан ва аз Шарраку Қазноқи қазнагардан ҳастам.*

*Подшоҳ ба завқ хандидаасту ба Рӯдакӣ барои чунин ҳозирҷавобиаш офарин гуфта, инъом фармудааст”* [13, 16].

Калимаҳои «Рӯдак», «Туро» ва «Шарраку Қазноқ» номҳои маҳал ва кӯҳҳоеанд, ки дар атрофи деҳаи Рӯдак мавҷуд будаанд. Бо ном гирифтани ин маҳалу кӯҳҳо гӯяндаи ривоят ифтихор мекунад. Аммо тасаввуроти бофтаву тахайюлии халқ дар ин ривоят дида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки намунаи ин ривоятро дар осори хаттӣ дучор намешавем ва он танҳо дар байни халқ роиҷ гардидаасту бас. Халқ тавассути ин ривоят Рӯдакиро шоири донишманду тавоно ва ҳозирҷавоб тасвир мекунад.

Хулоса, ба андешаи мо сарчашмаи асосии ривоятҳои ин бахш асосан аз қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-и худи шоир маншаъ гирифта, бо нусхаҳои гуногун дар байни халқ густариш ёфтааст. Халқи тоҷик нисбат ба ин қасидаи Рӯдакӣ дилбастагии зиёд дошта, хурду калон бо замзамаи ин шеър ҳаловат мебаранд. Ин силсилаи ривоятҳо низ Рӯдакиро ҳамчун як шахси таърихӣ, шоири донишманду тавоно ва махсусан муносибати ӯро бо амирони Сомонӣ хуб арҷгузорӣ намудаанд. Ҳувайдост, ки Рӯдакӣ бо овози марғуладор ва ҳунари машшоқии хеш

дарбориёнро тасхир карда буд. Ӯ чангу барбат ва уд менавохт ва дар навои оҳанги мусиқӣ қасидаи мазкурро эҷод кард. Тобиши ҳунарии шоирро дар ин бахши ривоятҳо ба мушоҳида мегирем. Мардум дар ин осор аз ҳунарҳои ромишгарӣ, саҳнаорой ва эҷодкории ӯ дарак медиҳад.

## Фасли 3. Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар нақлу ривоятҳои мардумӣ

Аз маълумоти маъхазҳои таърихӣ, чун тазкираву ёддоштҳо, баёзҳо, рисолаҳои илмии пажӯҳишгарони осори шоир, ашъори бозмондаи худи Рӯдакӣ ва ҳамчунин, нақлу ривоятҳои мардумӣ бармеояд, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бештар фаъолияти шоирии ӯ машҳури дунё гардонидааст. Дар ин бахши пажӯҳиш роҷеъ ба ҳунари шоирӣ ва табибии Рӯдакӣ аз рӯи мазмуни ривоятҳои мардумӣ чанд сухан хоҳем гуфт.

Рӯдакӣ ба омӯхтани илмҳои адабиёту таърих ва қироат аз даврони кӯдакӣ машғул шуда, дар ҳаштсолагӣ Қуръонро аз худ мекунад ва ба шеъргӯйӣ оғоз менамояд. Чунончи, дар ин бора Муҳаммад Авфии Бухорой муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» иттилоъ додааст ва мо аз он ёдовар шуда будем [39, 48]. Ва ин маълумот собит месозад, ки табъи шоирии Рӯдакӣ баланд ва шавқу рағбаташ аз айёми кӯдакӣ ба шеъру шоирӣ қавӣ будааст. Комёбиву дастовардҳои муваффақи Рӯдакӣ дар шеъргӯйиву шинохти шеър бузург буда, осори пурарзиши ӯ далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар хусуси шоири тавоно будани Рӯдакӣ ҳам дар ривоёти осори хаттӣ ва ҳам дар нақлу ривоятҳои мардумӣ маълумоти муфассал дода шудааст. Аксари маъхазҳо дар ин хусус гувоҳӣ медиҳанд, ки Рӯдакӣ воқеан «устоди шоирони Аҷам», «муқаддамушшуаро», «султони шоирон», «шоири шоирон» буда, шеъри ӯ ба шоирони замони худ ва пасин таъсири амиқ гузоштааст. Беҳуда нест, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи маъруфи хеш «Тазкират-уш-шуаро» дар фасли «Зикри муқаддамушшуаро Абулҳасани Рӯдакӣ» ӯро «устод Рӯдакӣ» хонда ва аз устоди фанни шеър будани ӯ ёдовар мешавад: «Филҷумла, табъе карим ва

зеҳне мустақим дошта ва аз ҷумлаи устодони фанни шеър аст ва китоби «Калила ва Димна»-ро дар қайди назм оварда» [23, 18].

Дар як силсила ривояту нақлҳои омиёнаи тоҷик устод Рӯдакиро бо унвонҳои «шоири шоирон», «устоди шоирон», «шоири тавоно», «шоири донишманд» ва ғайра ном мебаранд. Дар ин намунаҳои осори шифоҳӣ диққати халқро бештар қобилияти нотакрори шоирии Рӯдакӣ ба худ ҷалб мекунад. Масалан, дар ривояти «Шоири донишманд ва тавоно» симои Рӯдакӣ ҳамчун шоири бузург ва донишманди закиву пурдон, дорандаи осори зиёд, соҳиби як шутур китоб таҷассум ёфтааст. Ҳатто масъалаи таърихии аз байн рафтани китобҳои Рӯдакӣ низ аз назари халқ дур намонда, бо зикри иборaҳои «одамони ҷоҳилу нобакор» ва «сӯзонида шудани як қисми китобҳои ӯ» аз саргузашти рӯзгору осори шоир хабар медиҳанд. Ин ривоятро ба шоири пурмаҳсул будани Рӯдакӣ рабт додан мумкин аст, ки шоирони замонаш пурмаҳсулии Рӯдакиро собит намудаанд. Тавре ки шоире гуфтааст, ки "Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ садҳазор, Ҳам фузун ояд агар чунонки бояд бишмарӣ". Аз ин бармеояд, ки Рӯдакӣ яке аз шоирони сермаҳсул будааст. Матни ривоят чунин аст: *«Мегӯянд, ки Абулҳасани Рӯдакӣ шахси донишманд, шоири забардасту тавоно будааст. Агар тамоми китобҳои шеъри ӯро ҷамъ кунанд, як шутур бор мешудааст. Аммо бисёр китобҳояш даст ба даст шуда, беному нишон гардидаанд. Як қисмашон аз тарафи одамҳои ҷоҳилу нобакор сӯзонда шудаанд»* [13, 30].

Тавре ки маълум аст, дар ашъори Рӯдакӣ порчаҳои шеърии машҳур ниҳоят зиёданд ва ин қабил абёти машҳури Рӯдакиро хосу ом аз худ карда, ҳамеша дар маҳфилу ҷамъомадҳо қироат мекунанд. Ба ин гуна абёти маъруфу машҳури шоир порчаи шеъриеро метавон мақбул донист, ки дар он аз масъалаи фараҳбахшии дидори рӯйи дӯстон ва талхии фироқ ва лаҳзаҳои ҷудоӣ суруда шудааст. Ин порчаи шеърии Рӯдакиро халқ дар ҷашну маъракаҳои шодию нишот ва даъватҳои оилавӣ барои ибрози хурсандӣ ва болидаруҳӣ аз дидори рӯйи дӯстон истифода мебаранд. Дар асоси шеъри мавриди зикр ривояте низ дар байни мардум офарида шудааст, ки матни он чунин аст: *«Ин шеърро Абулҳасани*

*Рӯдакӣ гуфтааст. Аз рӯи нақли мӯйсафедон ин шеър як қисса доштааст ва он қисса ин хел будааст.*

*Мегӯянд, ки ҳангоми Бухороро тарк гуфта, ба зодгоҳаш баргаштани Рӯдакӣ тамоми хурду калон, дӯстон ва хешу табори шоир аз дуру наздик ба пешвозаш баромадаанд ва ӯро бардор-бардор карда, аз даромадгоҳи қишлоқ то хонааш бурдаанд. Рӯдакӣ аз чунин истиқболи гарми ҳамдиёронаш шод шуда, ин шеърро бадеҳатан ба забон овардааст:*

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон*
*Беҳтар аз дидори рӯи дӯстон.*
*Ҳеҷ талхӣ нест аз он талхтар*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар»* [153, 5598-5597].

Ин ривоятро тобистони соли 1979 фолклоршиносон Д. Обидов ва Ҷ. Рабиев ҳангоми сафари илмии фолклорӣ аз як нафар гӯяндаи боистеъдоди асарҳои халқӣ Насимов Ӯсарбой (55-сола) дар боғи марказии шаҳри Панҷакент сабти магнитофонӣ кардаанд. Гӯяндаи ривоят ҳангоми пешвоз гирифтани меҳмонон шеъри мазкурро бо оҳанги хеле зебо суруда, сабаби пайдоиши ривоятро нақл мекунад. Воқеан, ин ривоят дар асоси ҳамон шеъри худи шоир ба вуҷуд омада, халқ дар асоси ин абёт тасаввуроти бофтаву хаёлоти рангини худро бо ҳаёти шоир алоқаманд намуда, симои Рӯдакиро ҳамчун шоири ҳозирҷавоб бозтоб мекунад. Аз ин ривоят чунин бармеояд, ки Рӯдакӣ шоири бузург, абармарди соҳибэҳтиром ва сухансарои боломақом буда, шуҳрату шони ӯ дар замони худ ба гирду атроф паҳн гардидааст.

Дар ривояти «Шоири шоирон» ҳам чеҳраи Рӯдакӣ чун шахси донишманд, шоири закитабъ вонамуд мегардад. Масъалаи дигар, ки дар ин ривоят баён ёфтааст, дӯстии шоир бо амирони Бухоро, муносибати онҳо ва инчунин, дар ин ҷо ишорае нисбат ба сабаби иншои қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» шудааст. Бояд тазаккур дод, ки маълумоти аксари ривояту наҳлҳои мардумӣ бештар ба ҳам омехта шуда, гӯяндагони ин матнҳо маълумоти парокандаро аз забони гузаштагони худ шунида, ба ояндагон интиқол медиҳанд. Аммо дар вақти нақл кардани ин матнҳо ахбороти ровиёни мардумӣ бо ҳам алоқаманд шудаанд, ки ин

яке аз хусусиятҳои осори шифоҳӣ мебошад. Маълумоти ривояти зер низ мухталиф аст: «*Аз рӯи нақли бобою бобокалонамон Абулҳасани Рӯдакӣ шоири шоирон будааст, шеърҳои зиёд доштааст, бо подшоҳи Бухоро дӯстӣ доштааст ва барои ӯ маслиҳатҳои хуб медодааст, аммо як чашмаш кӯри модарзод будааст.*

*Абулҳасани Рӯдакӣ бо подшоҳи Бухоро Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба Эрон рафта, чанд муддат дар он ҷо зиндагӣ кардааст. Эрон ба подшоҳи Бухоро маъқул шудааст ва хоҳиши ба Бухоро баргаштанро дар дил надоштааст. Аммо Рӯдакӣ як шеър гуфта, подшоҳро ба ватанаш баргардонидааст»* [86, 23].

Яке аз ривоятҳои маъруф, ки аз осори хаттӣ ба адабиёти шифоҳӣ тавассути ровиёну гӯяндагон аз даҳон ба даҳон гузашта, шакли фолклорӣ гирифтааст, ривояти «Ранг кардани мӯй» мебошад. Дар ин ривоят баҳсу муколамаи шоирон Рӯдакӣ ва Хусравонӣ дар бораи ранг кардани муйи сар сухан меравад. Муколамаву баҳси ин ду шоир ба воситаи шеъргӯйӣ сурат мегирад. Аз мазмуни мисраъҳои шеърӣ бармеояд, ки нахуст шоир Хусравонӣ бо ҳазлу мазоҳ Рӯдакиро таън мезанад, ки бо сиёҳ кардани мӯй худро ҷавон ҳисобида, аз аҷалу марг намеҳаросад. Ва ин матлаб бар он далолат мекунад, ки Рӯдакӣ агарчанде синнаш ба пирӣ расида бошад ҳам, боз мехоҳад барнодилу ҷавон бимонад, аммо шеъри навиштаи Хусравонӣ ба ӯ таъсир мерасонад ва дар ҷавоб ба ӯ бо тарзи ҳозирҷавобӣ рубоие эҷод менамояд. Дар ин ҷо низ табъи баланди шоирии Рӯдакӣ ва ҳозирчавобии ӯ зоҳир мегардад: «*Мегӯянд, ки Рӯдакӣ дар айёми пирӣ мӯйи худро ранг карда мегаштааст. Яке аз шоирони ҳамасраш - Хусравонӣ ӯро таъна карда гуфтааст:*

*Аҷаб ояд маро аз мардуми пир,*
*Ки ҳаме мӯйро хизоб кунанд.*
*Ба хизоб аз аҷал наменараҳанд,*
*Хештанро чаро азоб кунанд?*

*Рӯдакӣ дар ҷавоби Хусравонӣ гуфтааст, ки:*

*Ман мӯи хеш на аз он мекунам сиёҳ,*
*То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.*

*Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сиёҳ кунанд,*

*Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ»* [13, 20].

Дар нусхаи китобии ин порчаҳои шеърӣ, ки дар ривояти боло оварда шуд, дигаргуниҳо аз лиҳози вазн, тарзи қофиябандӣ ва ҳатто афзудан ё кам шудани калимоту ибораҳо ба назар мерасад. Албатта, ин бесабаб нест, зеро халқ барои осонтар баён намудани матлаби худ ба сохтору қолаби гуфтораш аҳаммият намедиҳад ва ин масъала ҳам яке аз хусусиятҳои фолклорист. Масалан, дар абёти шоир Хусравонӣ, ки матлаъи он дар осори хаттӣ ба шакли «Аҷаб ояд маро зи мардуми пир» шурӯъ мешавад, халқ барои осонбаёнӣ ба ҷойи «зи» «аз»-ро истифода кардааст.

Чи тавре ки ба аҳли илму адаб маълум аст, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ нахустин шоирест, ки қариб дар тамоми анвои шеърӣ қобилияти шеъргӯйии хешро ба кор бурда, дар натиҷа адабиёти моро бо анвои мухталифи адабӣ ғанӣ гардонидааст. Ва шоирони баъдина аз ӯ пайравӣ намуда, ӯро устоди худ хондаанд. Ашъори Рӯдакӣ дорои мавзӯъоти мухталиф буда, масъалаҳои некиву накӯкорӣ, футувват ва ҷавонмардӣ, ахлоқи пок, танқиди инсонҳои бадсиришт, тавсифи шахсиятҳо, тасвири зебоиҳои табиат, ҳаҷву мутоиба ё таъкид, таҷриба аз зиндагӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Дар ривояти дигар халқ тасаввурот ва андешаашро оид ба суруди ҳаҷвии Рӯдакӣ баён намудааст. Мувофиқи маълумоти ривоят Рӯдакӣ ин шеърро барои танқид ва ҳаҷви устои зинсоз бахшида будааст. Матни ривоят аз тарафи фолклоршинос Р. Аҳмадов ҳангоми экспедитсияи фолклорӣ дар соли 1955 аз сокини деҳаи Шинги ноҳияи Панҷакент - Каримов Қодирбердӣ зери унвони «Дар ҳаҷви устои зинсоз» сабт шудааст: “*Ба қавли шунидагиям, як шоири кӯр будаас. Дар Рӯдак будас. Шутур доштас. Дар ҳамунҷа зиндагӣ мекардас. Асосӣ як чашмаш кӯр бошад-мӣ, инаша намедонам. Як шутур китоб навишта будас. Рӯдакӣ баъзе вақтҳо шеърҳои ҳаҷвӣ ҳам мегуфтааст. Шаъни устои зинсозба гуфтаст, бовомо Абдулҳасан:*

*Яке зин сохтӣ аз баҳри аспҳо,*

*Шавад дастат ҷудо аз он буғумҳо.*

*Ба чор ҷояш аҷаб пайвандӣ дорад,*

*Ба чӯби гӯри ӯ монандӣ дорад.*

*Ки қошаш теғае андар миёна,*

*Ки ҳар як кафталаш болори хона.*

*Каримов Қодирбердӣ ин мисраҳоро аз бобояш шунида будас. Инҳо дар шаъни устои зинсоз гуфта шудааст, ки вай зини аспи ганда сохта будаст»* [85, 25-26].

Симои Рӯдакӣ дар ривояти мазкур ҳамчун шоири бузург, дорою бадавлат, сарватманд ва саховатпеша тасвир ёфта ва ба қавли гӯянда «ӯ баъзан вақт шеърҳои ҳаҷвӣ менавиштааст» таҷассум меёбад. Ин ривоят хусусияти ҳаҷвӣ дошта, чунин вижагии он тавассути чанд мисраи вазну қофияҳои содадор ба вуқӯъ пайвастааст. Аммо дар зимни ин асари мардумӣ на ҳаҷви тезу тунди иҷтимоӣ, балки як ҳаҷви нарму сабук, аниқтар карда гӯем, як ҳазлу шӯхии фараҳбахши халқӣ нуҳуфтааст ва ҳадаф аз ин таъкид намудани беҳунарии устои зинсоз мебошад. Бояд иброз дошт, ки ин порчаи шеърӣ дар «Девони Рӯдакӣ» (2015) дида намешавад ва танҳо тавассути ривоятҳо дар байни халқ пайдо шудааст. Инчунин, мазмуну сохтори ин порчаи шеърӣ содаву оммафаҳм буда, аз ашъори назми классикӣ фарқ мекунад ва танҳо дорои мафҳуму андешаҳои мардумӣ мебошад. Дар ҳар сурат, шеъри мавриди назар барои ифода намудани муҳтавои ривоят ва нишон додани симои устод Рӯдакӣ ҳамчун шоири зарофатгӯй аз аҳаммият холӣ нест.

Масъалаи дигар, ки дар ин бахши ривояту нақлҳо ба чашм мерасад, ҳунари табибии Рӯдакист, ки халқ шоирро ҳамчун табиби шифобахш муаррифӣ мекунад. Дар як силсила ривоятҳо Рӯдакӣ ҳамчун табиби аз илми тиб бохабар ва табобаткунандаи бемориҳо тасвир шуда, ӯ ҳатто барои муолиҷаи худ аз беморон чизе талаб намекард ва ин хислати ҷавонмардии шоир низ дар ин бахш ифода ёфтааст. Масалан, дар ривояти «Табиби машҳур» Рӯдакӣ донандаи хусусиятҳои шифобахшии гиёҳҳо, бохабарии вай аз илми тиб, табобаткунандаи бемории «махоб» (махав) тасвир шудааст: «*Рӯдакӣ аз илми тиб огоҳ будааст ва гоҳ-гоҳ бо табибӣ ҳам машғул мешудааст. Ба кадом дард даво будани гиёҳҳои кӯҳистонро*

*ӯ хуб медонистааст. Хусусан ӯ бемориони ба касалии махав гирифторшударо нағз муоличa мекардааст. Вале барои табобаташ аз касе чизе намегирифтааст»* [85, 27].

Вожаи «махав» дар гӯйиши мардумони маҳаллӣ, ба хусус сокинони деҳоти атрофи ноҳияи Панҷакент дар шакли «махов», «махоб» ва «мохоб» дучор меояд, ки дар ривоятҳои ин бахш истифода шуда ва манзур ин ҷо ҳамон бемории «махав» мебошад. Ин вожа дар «Энциклопедияи советии тоҷик» чунин шарҳ дода шудааст: «Махавӣ, қузом, лепра – яке аз бемориҳои қадимтарин аст. Бино ба ривояти ровиёни ахбор дар асри XIII - и то мелод дар Мисри қадим, Хитой, Япония, Ҳиндустон паҳн шуда буд. Хӯроки камғизо, камвитаминӣ, анбуҳи мардум ва ғайра сабаби сирояти махав мегарданд.

Дар гузашта касонеро, ки гирифтори ин беморӣ буданд, дар ҷойҳои алоҳида нигоҳ дошта, баъзан ваҳшиёна нобуд мекарданд. Дертар ин гуна беморон ҳақ доштанд фақат дар ҷойҳои махсус – махавхонаҳо зиндагӣ кунанд. Чунин махавхонаҳо дар Душанбе (деҳаи Мавлоно), Бухоро, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Панҷакент вуҷуд доштанд» [67, 804-805].

Тавре ки маълум гардид, бемории «махав» яке аз маризиҳои хеле қадимӣ буда, дар сарзамини тоҷикон низ арзи ҳастӣ кардааст ва барои бартараф намудани ин навъ беморон дар минтақаҳои Тоҷикистон махавхонаҳои зиёдеро сохта будаанд. Аз ин рӯ, шак нест, ки ин беморӣ дар замони зиндагии Рӯдакӣ ва пештар аз он мавҷуд бошад, чунки дар як чанд ривояту нақлҳои мардумӣ дар бораи ба табобати беморони махав машғул будани Рӯдакӣ маълумот дода мешавад. Дар ду ривоят бо унвонҳои «Рӯдакӣ табиби бузург» [13, 22-23] ва «Ғути мохобҳо» сухан маҳз аз маризонро табобат кардани Рӯдакӣ меравад [13, 15].

Хулоса, мавриди зикр аст, ки дар бораи шоириву сухандонӣ, шеъргӯйиву суханпардозӣ, шеваи гуфтору равонии сухани ноб ва арзишҳои волои шоирии Рӯдакӣ на танҳо дар осори шоирону адибон, муҳаққиқону муаррихон сухан гуфта шудааст, балки дар як силсила ривоятҳои омиёнаи тоҷик роҷеъ ба ин масъала маълумот дода мешавад. Дар ин бахши ривоятҳо инчунин ровиёни

мардумӣ оид ба табиби сабукдаст ва табобатгари моҳир будани Рӯдакӣ маълумот додаанд, аммо бояд тазаккур дод, ки дар ин хусус дар осори хаттӣ маълумоте сабт нагардидааст. Ва масъалаи табибиву ҳакимии Рӯдакӣ танҳо дар ривоятҳои мардумӣ баён ёфтааст.

## Фасли 4. Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ

Ишқ яке аз мавзӯоти густурда ва маъруфи адабиёти китобиву шифоҳии форсу тоҷик ҳисобида мешавад ва дар гузашта асосан ғазал фарогири ин мавзӯъ буд. Баъдтар ғазал дар эҷодиёти шоирони мо мавзӯъҳои мухталифро фаро гирифт. Дар осори шифоҳии халқи тоҷик низ рубоиву дубайтиҳо, суруду таронаҳои зиёде дар ин мавзӯъ суруда шудаанд. Ҳамчунин, дар як силсила ривоятҳои мардумӣ оид ба чеҳраи Рӯдакӣ ҳамчун ошиқ ва эҷодкунандаи суруду рубоиёти ошиқона бозтоб шудааст. Ва мавриди сухан аст, ки инсон бояд воқеан ҳам ошиқ бошад, албатта, ошиқ ба илм, ошиқ ба зебоӣ, ошиқи ҳаёти осудаву табиати зебо ва ғайра. Аммо ишқи инсон бояд поку беолоишу самимӣ бошад. Дунёи шоирон ҳамеша бо зебоиву тозагӣ, хаёлоти рангин, андешаҳои ошиқонаву оқилона пайвастагии ногусастанӣ дорад. Ҳамон тавре ки дар ашъори устод Рӯдакӣ ишқи поки инсонӣ тарғиб карда мешавад, маълум мегардад, ки ишқи шоир самимиву пок барои маҳбубаи нозук ва дилрабо аст. Тавре ки адабиётшинос Субҳон Амирзода роҷеъ ба ин масъала менависад: “Ишқи Рӯдакӣ зоҳиран ба ҳамон ишқе, ки тавассути шоирони давраи Сомониён ва Ғазнавиён васф мешуд, монанд аст: яъне ишқ бо маҳбуба, ишқ бо канизакони зеборӯй, ки худ харидорӣ карда буданд ва аз ин рӯ, табиӣ аст, ки ин гуна ишқ бо комёбӣ ва комҷӯйӣ, шодӣ ва лаззат ҳамроҳ аст... Аммо дар адабиёти эҳёии форсизабони қаламрави давлати миллии соҳибистиқлоли Сомониён нахустин шакли зоҳиршавии ишқи ҳақиқии инсониро, ки чун отифа ва шӯру сӯзи дил ҳувайдо шудааст, дар офаринишҳои адабии Рӯдакӣ мебинем. Воқеан, ишқи Рӯдакӣ, чунонки худаш гуфтааст, ишқи фарогири хосси асилзодагону озодагон ва родмардон аст. Устод Рӯдакӣ ишқи инсониро ба покӣ, иффат ва инсондӯстии

воқеӣ табдил кардааст ва аз ин ҷост, ки ишқи Рӯдакӣ дар марҳилаи аввалини офаринишҳои адабиаш, ишқи замони ренесонс (эҳё)-ро ба хотир мерасонад” [106, 87-88].

Дар воқеъ, андешаҳои муҳаққиқ заминаҳои ҳақиқӣ доранд, зеро аз ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаи худи шоир ҳувайдост, ки бевосита таваҷҷуҳи ӯ ба ишқи инсонӣ равона шудааст. Шоирон ҳамеша дар мавзӯъоти зебоиву покизагӣ, ростиву накӯкорӣ, ишқи поки инсонӣ, эҳтирому эътиқод ба маҳбуба бо навиштани ашъори ошиқона ақоиди хешро тариқи назм баён мекунанд ва дар як зумра ғазалу рубоиҳои Рӯдакӣ низ ишқи поки инсонӣ тарғиб мешавад. Масалан, дар рубоии зер ташбеҳоти «монандии рӯй ба хуршед», «фурӯзонии чеҳра ба мисли чароғи оламафрӯз» ба ишқи самимии қаҳрамони лирикӣ далолат доранд:

Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод! [11, 69].

Шоир самимонаву ошиқона сухан меронад ва ишқи ӯ воқеӣ метобад ва дар мисраи охир иброз менамояд, ки агар рӯзе маъшуқаи хешро набинад, барои ӯ он рӯзи хуб нест ва зарур ҳам нест.

Бояд тазаккур дод, ки мавзӯи ишқ дар ашъори Рӯдакӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар ғазал, рубоиёт, суруду байтҳои ҷудогонаи шоир метавон ишқи поки инсонӣ, яъне ишқи заминии воқеиро ба зудӣ эҳсос кард. Чунончи, дар рубоии дигар қаҳрамони лирикӣ бо шунидани номи маҳбубаи хеш хушҳол мегардад ва барои пешвозу истиқболи ӯ хурсанду фархунда мешавад:

Номат шунавам, дил зи фараҳ зинда шавад,
Ҳоли ман аз иқболи ту фархунда шавад.
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад [11, 70].

Забону баёни рубоиёти Рӯдакӣ содаву оммафаҳм буда, аз лиҳози муҳтавову баёни андеша ба як зумра рубоиёти адабиёти шифоҳӣ шабоҳат доранд ва матлаберо одӣ ва ҳаётӣ баён мекунанд, ки ин хусусияти халқияти шеъри

Рӯдакиро нишон медиҳад. Аз ин ҷост, ки халқ ба ашъори ӯ дилбастагиву муҳаббати зиёд дорад.

Ҳамон гуна, ки дар аввал ишорат намудем, мавзӯи асосии ғазал ишқ аст ва бояд гуфт, ки дар қисме аз ғазалҳои бозмондаи Рӯдакӣ ишқи инсонӣ ба таври эҳсосоти шоирона баён ёфтааст. Чунончи, дар ғазали зер шоир зебоиву нозукии маъшуқаро ба гули ёсуман нисбат медиҳад ва зулфони ӯро мушкбор, яъне дорои бӯйи хушу латофати дилкаш арзёбӣ кардааст:

Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро,
Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро.
Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро… [11, 28].

Ҷои тааҷҷуб нест, агар Рӯдакӣ ба духтарони зебо ошиқ мешуд ва онҳоро дӯст медошт, зеро шахсе чунин зебоипараст наметавонист зебоии шарифтарин махлуқи Худоро нодида гирад. Ва ин мазмун дар ашъори ошиқонаи шоир зоҳир мегардад ва ҳамчунон, он дар ривояту нақлҳои мардумӣ бозгӯ шудааст. Бояд тазаккур намуд, ки маҳз ашъори ошиқонаи шоир дар ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аксаран марбут ба саргузашти Рӯдакӣ буданд, инъикос ёфтаанд.

Дар осори шифоҳӣ нақлу ривоятҳое ҳастанд, ки дар бораи ишқварзиву зебоипарастии Рӯдакӣ маълумот медиҳанд. Ин бахши ривоятҳо он қадар зиёд нестанд, аммо дар ду матни ривоят, ки дар ин ҷо меорем, як масъалаи айёми ҷавонмардиву ишқварзӣ, суруду таронаҳои ошиқона навиштани Рӯдакӣ дар васфи духтарони зеборо маълум месозад.

Яке аз ин ривоятҳо «Дӯстдори духтарони зебо» мебошад, ки дар он Рӯдакӣ ҳамчун шоири ошиқ, эҷодгари сурудҳои ошиқона, тасвири зебоиҳои духтарон дар шеърҳои ӯ, муҳаббати беандоза доштани ӯ нисбат ба духтарони зебо зикр ёфтааст. Матни ривоят ин аст: "*Рӯдакӣ духтарҳои зеборо дӯст медоштааст ва ҳар гоҳ, ки дар кӯча ё бозор ягон духтари зеборо бинад, дар бораи ӯ ҳатман як шеъри ошиқона мегуфтааст. Рафта-рафта он шеърҳо як китоби калон шудаанд.*

*Мегӯянд, ки дар айёми пиронсолагияш Рӯдакӣ ин китобро ба яке аз дӯстони наздики худаш тӯҳфа кардааст. Аммо кӣ будани он дӯсти Рӯдакӣ то ба имрӯз маълум нест»* [13, 19].

Симои Рӯдакӣ дар ин асари мардумӣ ҳамчун шоири ошиқ, зебоназар, соҳиби суруду таронаҳои ошиқона ҷилвагар мешавад.

Дар ривояти дигар тасаввуроти бофтаи мардум оид ба ишқварзии Рӯдакӣ бо духтари амаки худ баён ёфтааст, ки ин масъала тахайюлоти бофтаву афсонавист, зеро ин маълумот дар ягон маъхазҳои илмиву таърихӣ зикр нагардидааст. Инчунин, дар ин ҷо баъзе аз одату анъанаҳои мардумӣ, ба мисли, «таъна задани дигарон ба Робиа» ва «ба хостгории Рӯдакӣ муқобил баромадани падари Робиа» ифода ёфтаанд, ки ин масоил бештар мотивҳои хоси афсонаҳои мардумӣ мебошанд. Ривоят чунин аст: «*Муллоҳасан духтари амакашона гирифтанӣ мешаван. Амакашон надод. Номи духтар Робиа будас. Як рӯз амаки Рӯдакӣ хароя гирифта ба хоки кӯза рафт. Абдулҳасан пеши духтарои амакашон рафта мегӯд, ки «Ман Бухоро меравам, чиба гуфтагӣ ба додод (падарат – И. Ф.) туя манба надод». Сонӣ як шаш мо гузаштан насби (насаби – И. Ф.) духтара одамо таънаю тибла кардан, ки Абдулҳасан ту кати рухбозӣ (рухсатбозӣ ё духтарбозӣ – И. Ф.) карду нагирифта рафт. Бибиробиа аз ҳамин ҷо Бухоро рафта, Абдулҳасана гирифта, бо гашта ҳамин ватанба омадагӣ. Ин нақла як ошдони сиё доштем, пешашба дуд хӯрда мешиштем, биҳомо (бибиҳомо – И. Ф.) нақл мекардан»* [13, 11].

Ҳамин тариқ, аз ин осори мардумӣ чунин бармеояд, ки Рӯдакӣ шоири нозукбин, зебоипараст, ошиқи вафодор ва ишқаш поку инсонӣ будааст. Шоир духтарони зебову покизаро дӯст медорад ва ба онҳо майлу рағбат дорад. Иштиёқаш ба онҳо бештар аст ва шеър гуфтанро дар васфи маҳбубагони зебову нозук писанд медорад. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз боварҳои мардумӣ ҳаст, ки «агар шахси мусалмон ба духтарони дигар дину ойин ишқварзӣ кунад, аз дини худ бегона мегардад» ва ин маълумот дар ривоятҳои ин бахш ба назар мерасад.

## Фасли 5. Нобиноии Рӯдакӣ аз рӯи ривоятҳои мардумӣ

Масъалаи нобино будани чашмони Рӯдакӣ солиёни зиёд аст, ки таваҷҷуҳи донишмандону пажӯҳишгарони ҳаёту осори шоирро ба худ ҷалб мекунад. Роҷеъ ба ин масъала дар маъхазҳои илмиву адабӣ ва ривоятҳои мардумӣ маълумоти мухталиф дода мешавад. Дар бархе аз ин осор дар бораи ба чашмонаш мил кашида, кӯр кардани шоир аз тарафи душманон иттилоъ дода шавад, дар баъзеи дигар тадқиқотҳо ӯ шоири бино ва ҷаҳонгаштаву ҷаҳондида ба назар мерасад. Баҳси нобиноии Рӯдакӣ ҳам мисли ба қарматиҳо мансубият доштани шоир хеле тӯлонӣ буда, чандин аср аст, ки идома дорад. Ҳамчунон, ӯро кӯри модарзод ҳам ном бурдаанд. Вобаста ба ин масъала донишмандону муҳаққиқон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

Гурӯҳи бузурги адибону муҳаққиқони осор ва аҳволи Рӯдакӣ, ба мисли Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳерман Эте, Ҷ. Дармстетер, Шиблии Нуъмонӣ, Садриддин Айнӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, А. Семёнов, А. Тоҳирҷонов, Садрӣ Саъдиев Рӯдакиро кӯри модарзод донистаанд. Ҳамаи ин донишмандон далели асосии худро аз рӯи тазкираи машҳури Муҳаммад Авфӣ «Лубоб-ул-албоб» дониста, дар асоси он якчанд мақолаву асарҳо навиштаанд. Маълумоте, ки дар тазкираи мазкур оварда мешавад, чунин аст: «Ва аз модар нобино омада, аммо чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамоман ҳифз кард… Рӯдакӣ аз наводири фалакӣ будааст ва дар зумраи аном аз аҷоиби айём. Акма буд, аммо хотирааш ғайрати хуршеду маҳ буд. Басар надошт, аммо басират дошт… Чашми зоҳир баста дошт, аммо чашми ботин кушода» [39, 28].

Чи тавре ки маълум аст, тазкираи «Лубоб-ул-албоб» - ро Муҳаммад Авфӣ баъд аз тақрибан 300 соли даргузашти Рӯдакӣ дар Ҳиндустон таълиф кардааст ва баъзе аз маълумоте, ки дар ин асар оварда шудааст, фавқулода ва ноқису кӯтоҳ низ мебошанд. Аммо як гурӯҳи пажӯҳишгарони ҳаёти шоир дар асоси ин ривояти Авфӣ ба ақидаи нобино будани чашмони Рӯдакӣ бовар доранд.

Ба гурӯҳи дуюм муҳаққиқон аз қабили Саид Нафисӣ, Е. Э. Бертелс, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҷтабо Минавӣ, А. Мирзоев, М. Герасимов, М. Занд,

А. Бертелс, Х. Мирзозода, Мирзо Муллоаҳмад шомил мешаванд, ки андешаи кӯри модарзод будани Рӯдакиро рад карда, дар охири умр кӯр карда шудани ӯро таъкид намудаанд. Далели асосии ин гурӯҳ қабл аз ҳама мувофиқи маълумоти Аҳмад ибни Алӣ ибни Умар Алманинӣ дар шарҳи китоби Яминӣ ва Ҳамидуддин Абӯабдуллоҳ Маҳмуд ибни Умар Начотии Нишопурӣ дар «Басотин-ул-фузало ва раёҳин-ул-уқало» мебошад, ки дар қарни VIII ҳиҷрӣ таълиф шудааст. Ишораи Начотӣ «ва қад самала фӣ охири умруҳу» [126, 124], яъне дар охири умр чашмашро мил кашида кӯр кардаанд, маҳз асоси андешаҳои ин гурӯҳ муҳақиқонро тақвият медиҳад. Дар асоси ҳамин далел Саид Нафисӣ ва пайравони ӯ бо мисолҳои зиёд аз ашъори боқимондаи шоир, ки дар онҳо тасвирҳои басарӣ дида мешаванд, ақидаҳои худро идома медиҳанд.

Ҳамчунин, баъд аз ҷустуҷӯҳо ва мутолиаи сарчашмаҳои бахшида ба ҳаёту осори Рӯдакӣ академик А. Мирзоев доир ба ин масъала ба чунин хулоса меояд: «Ахбороти дар ин бора боқигузоштаи муаллифони сарчашмаҳоро агар ҷамъбаст намоем, мумкин аст онҳоро ба панҷ қисм ҷудо кард. Як қисми муаллифон ӯро акмаҳ кӯри модарзод меноманд, қисми дуввум ӯро шоири нобино тасвир карда, дар бораи аз кадом вақт сар карда кӯр шудани ӯ чизе намегӯянд. Қисми савум ӯро шоири тирачашм гуфтаанд. Қисми чорум чунин ақида доранд, ки Рӯдакӣ дар поёни умр кӯр шуда ва ё нобино гардонда шудааст, ниҳоят гурӯҳи панҷум дар ин бора ба куллӣ хомӯш мондаанд» [70, 117-118].

Чи тавре ки аз маъхазҳои илмиву адабӣ маълум гардид, масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар осори хаттӣ маълумоти мухталифро фаро гирифта, тадқиқотчиёни ин масъала ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо шуда, ақидаҳои гуногунро пешниҳод кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи биноӣ ё нобиноии Рӯдакӣ наметавонист аз мадди назари мардум дар канор монад.

Дар ин хусус дар байни халқ низ ақидаву маълумоти зиёд мавҷуд мебошад. Оид ба ин масъала як силсила ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аз байни мардумони деҳоти Панҷрӯд, Шинг, Колхозчиён, Ғезан, Некнот, Кулолӣ, Зери Ҳисор, Пағна, Вен, Порвен, Зимтут ва ғайра ҷамъоварӣ шудаанд, маълумоти арзишмандеро дучор омадан мумкин аст. Дар ин бахши ривоятҳо низ, чун дар адабиёти хаттӣ,

баҳсу мунозира ва ақидаҳои халқ мухталиф баён ёфтааст. Бар асоси таҳлил, ривоятҳои ин бахшро аз рӯйи мазмун ва муҳтавояшон ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст, аз ҷумла:

- Рӯдакӣ нобинои модарзод буда, аммо табъу ҳунари худодод дошт;
- Нобино кардани Рӯдакӣ дар давраи пирӣ аз тарафи душманони мутаассиб;
- Рӯдакӣ як чашмаш нобинои модарзод буда ва шоири бодавлат ҳам будааст.
- Дар давраи пирӣ ҳамчун бемории авлодӣ нобино гардидани чашмони Рӯдакӣ.

Ва ин чаҳор андеша маҳсули ривояту нақлҳои мардумианд, ки андешаву тахайюлоти худро бофтаву дар баъзе маворид аз забони дигарон шунидаи гӯяндагон баён ёфтааст. Чунончи, дар ривояти «Шоири нобино», гӯянда Абдураҳмон Нуров (т. 1900) аз деҳаи Панҷрӯд, ба чунин андеша аст: Рӯдакӣ шоири нобино буд ва ин ривоятро аз забони дигарон шунидааст. Танҳо дар як ҷумлаи аввали ривоят роҷеъ ба масъалаи нобиноии Рӯдакӣ сухан рафтаасту бас. Дар ин ривоят ҳамчунин, аз шоири бадавлату соҳиби оила ва як писару як духтар будани ӯ маълумот дода мешавад, ки онро дар дигар манобеъу маъхазҳои хаттиву шифоҳӣ дучор намешавем. Пас аз ин, ривоят хусусияти афсонавиро мегирад. Гӯянда тахайюлоти бофтаву сохтаи худро дар бораи як чеҳраи тахайюлӣ, яъне «Рулӯвала» баён мекунад, ки ин андешаҳо чандон ба воқеият наздик нестанд. Ва мавриди зикр аст, ки дар ин ҷо Рӯдакӣ паҳлавону ҷасур, далеру қаҳрамон, ҷанговари моҳир, инчунин шахси ободкору ватандӯст нишон дода мешавад: «*Ҳамон шоири кӯр Рӯдакӣ будагӣ мегӯянд. Бо давлат будааст. Вай як писар доштааст. Занаш боз як духтар зоида будааст. Воқеаи Рӯдакӣ дар ҳамон вақт шудагӣ мегӯянд.*

*Рулӯвала як бачаи бало будааст. Ҳамин ки аз модар ба дунё меояд, ҳама чизро мехӯрад. Вай одамҳо ва ҳайвонҳоро ҳам мехӯрад. Ҳамон Рулӯвала писари Рӯдакиро ҳам хӯрданӣ мешавад. Вай гурехта халос мешавад. Хоҳаракаша дошта мекушад. Баъд вай рафта ба падараш мегӯяд, ки Рулӯваларо куш. Падараш мебиёд, ки дар Рӯдак ҳеч кас намондааст. Баъд аспашро мебандаду барои эҳтиёт ба Қалъаи чанор мебарояд. Рулӯвала пайдо шуда омада аспашро*

*мехӯрад, вай аз боло истода бо шамшер зада Рулӯваларо мекушад. Одамони гурехта рафтагиро оварда, боз Рӯдакро обод мекунад»* [3, 29].

Маълумоте, ки дар ривояти аввал баён шудааст, такроран дар матни дигар оварда мешавад, аммо дар ин ҷо гӯянда ба фикри худ шубҳа дорад. Дар аввал мегӯяд, ки Рӯдакӣ шоири нобино буд, вале ба суханони худ шаку шубҳа карда, мегӯяд, ки «асосӣ як чашмаш кӯр бошад-мӣ, инаша намедонам». Ин ахбороти мардумӣ гарчанде саҳеҳ набошанд ҳам, лекин гӯяндагон анъанаи аз як насл ба насли дигар интиқол додани намунаҳои адабиёти шифоҳиро давом медиҳанд.

Дар ривояти дигар ровии он иброз менамояд, ки мувофиқи шунидаҳояш як шоири нобино будааст ва вай дар Рӯдак зиндагӣ мекардааст. Соҳиби шутурони зиёде ҳам будааст. Лекин асосан як чашмаш нобино бошад, ин масъаларо он қадар намедонистааст. Ба ақидаи ӯ Рӯдакӣ як шутур китоб навиштааст. Ин маълумоти гӯяндаро мо мазмунан дар ин ҷо овардем, ки гӯяндаи он дар бораи нобиноии шоир он қадар боварӣ надошта, суханони худро тахмин баён намудааст.

Нахустин маълумоте, ки дар ҳардуи ривоятҳо оварда мешавад, нобиноии Рӯдакӣ мебошад ва гӯяндагон аз оҷизии Рӯдакӣ хабар медиҳанд. Мазмуни афсонавӣ дар ривояти нахуст дида мешавад, ки гӯянда ин маълумотро аз куҷое ё аз забони касе шунидааст ва ба ҳаёти шоир алоқаманд дониста, дар симои «Рулӯвала» бачаи хунхор ва тимсоли чеҳраи асотирии деву аждаҳо мепиндорад.

Дар ривояти «Кӯри модарзод» низ аз нобинои модарзодӣ будани Рӯдакӣ иттилоъ дода мешавад. Гӯяндаи ривоят маълумоти дигар медиҳад, ки Рӯдакиро асосан як чашмаш нобино будааст. Ва ин маълумот дар осори хаттӣ зикр нагардидааст. Маълумоти ривоят гуногун буда, дар бораи нобиноии шоир танҳо дар як ҷумла ифода ёфтааст. Мутаваҷҷеҳ мешавем ба матни ривоят: «*Як мардаки донишманд ҳаминҷоба зиндагонӣ мекардасу бадавлат будас. Шутури бисёр доштас. Худаш модарзот як чашмаш кӯр будас. Бо худаш ҳаминқадар мардаки хондагӣ, ки табибиям мекардас… Шаш моҳ Бухороба пошшоба шоирӣ мекард. Вахти омаданаш шутурба чизи бисёр меовардас. Ҳамту шоири доно будас, ки яг ваҷто пошшои Бухоро қаҳр карда, як мамлакати дигарба мебуравад. Шоирӣ*

*карда, габ гирифта - габ гирифта, дили пошшоя гарм карда, боз ба Бухоро мебиёрад.*

*Ман писарома бо номи ҳамун кас Абулҳасан ном кардам, ки ҳамун кас барин доно шаванд. Ҳамин хел шоир да умри дунё нагузаштааст»* [13, 15].

Ривояти «Асои пирӣ» дар асоси як байт, ки мардум онро ба Рӯдакӣ нисбат медиҳанд, офарида шуда, дар хусуси нобино шудани Рӯдакӣ дар давраи пирии ӯ иттилоъ медиҳад. Чунон ки маълум аст, асо яке аз ашёҳои мададгори инсон аст ва онро куҳансолону маъюбон барои ёрирасонӣ бо худ мегиранд. Аз рӯи мазмуни байт чунин бармеояд, ки барои инсони нобино аз шамъи кофурӣ дида, асо муҳимтар аст. Ҳамчунин, дар ин байт доир ба одати мил кашидан ба чашмон маълумот дода шудааст. Ва ақидаи ба чашмони Рӯдакӣ мил кашидани душманон низ аз мазмуни чунин абёт баромадааст. Матни ривоят аз тарафи Забур Латифов, сокини деҳаи Панҷрӯд нақл карда шудааст. Гӯянда дар хусуси дар Бухоро ба чашмони Рӯдакӣ мил кашида нобино кардани ӯ ва дар ҳолати нобиноӣ асобадаст шуда ба зодгоҳаш баргаштани шоир маълумот медиҳад. Инчунин, ривояткунанда дар бораи яке аз дӯстонаш, ки сокини деҳаи Пағна, Мулло Мансур мебошад, ёдовар шуда, бо асо роҳ рафтани ӯро таъкид мекунад. Мулло Мансур, ки бо сабаби хира шудани чашмонаш ба дасти худ асо гирифта роҳ мерафт, асоро ҳамчун мададрасони пирон пиндошта, ба худ шиор карда буд, ки барои одами нобино «асо аз сад шамъи кофурӣ» беҳтар аст: *«Дар наздикии деҳаи Кулолӣ як деҳа ҳаст, ки Пағна ном дорад. Дар ҳамин Пағна Мулло Мансур ном одам зиндагӣ мекард. Як рӯз Мулло Мансур сӯи Кулолӣ мерафт, дар дасташ асо дошт. Аз пирӣ чашмонаш хира шуда буданд ва бо асо роҳро меёфт. Як нафар раҳгузар аз ӯ пурсидааст, ки:*

- *Мулло Мансур, магар бе ҳамин асо роҳ гашта наметавонед?*

*Мулло Мансур гуфтааст, ки:*

*Ба бераҳмӣ кашидӣ мил ду бодоми тари моро,*

*Асое беҳтар аз сад шамъи кофурист аъморо.*

- *Ман ин байтро борҳо аз даҳани мардуми деҳаамон шунидаам. Мардум мегӯянд, ки ин байт аз Мулло Абулҳасани Рӯдакӣ аст. Ӯ аз Бухоро кӯр шуда*

*омадаасту дар шаъни худ ҳамин тавр гуфтааст. Барои ман ҳам ин асоям аз сад шамъи кофурӣ беҳтар аст»* [86, 24].

Ҳамин тавр, чунончи маълум гардид, масъалаи асосие, ки дар ривоят баён ёфтааст, дар давраи пирӣ нобино шудани Рӯдакӣ аз ҷониби душманонаш дар шаҳри Бухоро мебошад. Гӯяндаи ривоят ақида дорад, ки шоирро дар айёми пирӣ нобино карда, аз Бухоро берун кардаанд. Ҷолиби диққат аст, ки байти мазкур бо услуби нигориш ва эҷоди Рӯдакӣ монанд намебошад ва онро дар Девони Рӯдакӣ дучор намеоем. Ба андешаи мо ин байтро мардум аз худ бофтаанд ва ё аз ашъори дигар шоир ҳифз кардаву аз рӯи мазмунаш онро ба Рӯдакӣ мансуб медонанд ва ба саргузашти шоир алоқаманд мепиндоранд. Байти мазкурро дар «Девон»-и Соиби Табрезӣ ба чунин шакл дучор мешавем:

Тариқи ақлро дар ишқ руҷҳон медиҳад зоҳир,
Асое беҳтар аз сад шамъи кофурист аъморо [86, 27].

Аз эҳтимол дур нест, ки ровиёни мардумӣ байти мазкурро аз ашъори Соиби Табрезӣ ҳифз карда бошанд ва дар мавриди нақли ривояти зикршуда ин мисраи шеъриро ба масъалаи мавриди назар мувофиқ дониста бошанд.

Ривояти зерин низ ба мавзӯи нобиноии Рӯдакӣ бахшида шудааст. Мувофиқи ахбороти ин ривоят авлоди «Муллоҳои Ҳавоӣ» авлоде будааст, ки аксарияти одамони он авлод, вақте ки синнашон ба 55 то 60 мерасидааст, чашмони онҳо хира шуда, оҳиста – оҳиста аз биноӣ мемондаанд. Гӯяндаи ривоят худро аз он авлод меҳисобад ва бар он ақидааст, ки авлодони онҳо ба Абулҳасани Рӯдакӣ рафта мерасад ва аз чашмони тирабини худ шикоят мекунад. Мутаваҷҷеҳ мешавем ба матни ривоят: «*Моҳоя авлодомоя муллоҳои ҳавоӣ мегӯн. Бисёрии онҳо кӯр мешаван. Аз ман медонистагӣ furbobоҳо шиш пушти кӯр гузаштагӣ. Чашми худи ман ҳам иллат дорад. Бобои ман Холмуҳаммади Ҳавоӣ ном дошт, ки аз рӯи шаҷара (авлод) аҷдоди вай ба як бузургвор рафта мерасад. Номи он бузургвор Мулло Абдулҳасани урофӣ будас. Вая шоири кӯр ё шоири аъмо (нобино) ҳам мегӯян. Қабри ун кас дар пушти боғи Малик аст. Боғи Малика болошба ҷӯй ҳаст. Номи ҷӯй урӯлоб. Қабри бобои ман ҳам паҳлӯи ҳамин қабр ба ҳаст. Эътиқоти одамо ин бузургвор ба бисёр калон буд. Одамо зиёрат мекарданд.*

*Дуою фотиҳа мекардан. Аз пеши қабр сувор намегузаштан. Ҳар кас касал шавад, муллоҳо ҳамун одама сари қабр бурда, шифо металабиданд. Касал сиҳат мешуд. Авлоди мо дар қишлоқи Уфор будан. Уфор дар баландии болои қабр буд. Хеле обод будас. Баъд вайрон шудас. Туруқи (тарҳи) хонаҳои ҳама ҳаст. Бисёр Уфориҳо дуторӣ буден. Хушзеҳн буден, хушдавуш (хушовоз) буден. Аз хешҳои ман Холбой ном ҷавон буд, ки нағз дутор менавохт. Соли 1939 вафот кард»* [3, 26].

Тибқи маълумоти ривояти мазкур авлодони Муллоҳои Ҳавоӣ ҳама хешу табор ва пайвандони Абулҳасани Рӯдакӣ буда, Рӯдакӣ саравлоди онҳо ҳисобида мешудааст. Бисёрии мардони ин авлод дар пиронсолии худ нобино мешуданд ва Рӯдакӣ низ дар давраи пирии худ аз чашмонаш маҳрум гаштааст. Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи тадқиқоти М. Герасимов низ Рӯдакӣ дар охири умраш кӯр карда шудааст. Аз маълумоти ӯ бармеояд, ки косахонаи сар ба нажоди ҳиндуаврупоӣ тааллуқ дошта, ҳеч нишонаи муғулӣ дар он мушоҳида нагардидааст. Синну соли соҳиби ҷасадро 75-78 сола муайян карда, аз рӯйи нишонаҳои косахонаи сар исбот мекунад, ки соҳиби ҷасад кӯри модарзод набуда, тахминан дар синни 56-60 солагӣ кӯр карда шудааст [130, 319].

Масъалаи нобиноии ирсӣ ё ба истилоҳ авлодӣ будани чашмони Рӯдакӣ дар матни дигар ҳам оварда мешавад ва гӯянда бо зикри номҳои Мулло Саид ва Соқибой фикри худро тасдиқ менамояд, ки онҳо низ ба мисли бобои худ Абулҳасани Рӯдакӣ дар давраи пириашон нобино шуда, аз олам даргузаштаанд. Маълум аст, ки вақте синни одам аз шаст боло мерасад, албатта, тавоноии ҷисмонии ӯ рӯ ба завол мениҳад. Ва ҳамчунин, агар амиқтар андеша кунем, дар давраи пирӣ оҳиста-оҳиста нури чашми одамон кам шуда, дар охир оҷиз мешаванд. Лекин аз ин ривоят бармеояд, ки Рӯдакӣ дар давраи пирӣ бо сабаби касалии авлодӣ буданаш оҷиз гардидааст. Мазмуни ривоят чунин аст, ки гӯянда мегӯяд, моро ҳам авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ мегӯянд. Ҳафт пушти мо дар охири умр оҷиз шудаанд. Як хеши мо Мулло Саид қариб шастсола шуда буданд, ки аъмо шуданд. Як хеши дигарамон бошад, Соқибой ҳам ба 72-73 даромада, дар

охир нобино шуданд. Ин бемории оҷизӣ аз аввали аҷдоди мо, яъне аз Мулло Абдулҳасан оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад.

Ҳамин тариқ, аз нақлу ривоятҳои ин бахш бармеояд, ки масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар осори мардумӣ мухталиф баён ёфтааст. Чунки дар ин ривоятҳо шоир ҳам кӯри модарзод, ҳам аз тарафи душманон нобино карда шудани ӯ ва ҳам бо сабаби касалии авлодӣ дар охири умраш бо ҳукми тақдир нобино гардидани чашмони ӯ тавсиф шудааст. Дар маҷмӯъ метавон ба натиҷае расид, ки ривояту нақлҳое, ки дар бораи нобиноии Рӯдакӣ бахшида шудаанд, аз осори хаттӣ маншаъ мегиранд. Аммо дар баъзеи ин ривоятҳо маълумоту масъалаҳои дигарро дучор шудем, ки ин масоил дар ривоёти осори хаттӣ дида намешавад. Ба назари мо низ Рӯдакӣ дар давраи пирӣ нобино гардидааст. Шояд аз дасти душманону бадхоҳонаш ва ё бо ҳукми тақдир, бо сабаби бемории авлодӣ дар даврони калонсолиаш чашмони ӯ тираву нобино гардидаанд. Ба андешаи мо Рӯдакӣ кӯри модарзод набуд, чунки ашъори ҷовидону пурғановати ӯ саршор аз мушоҳидаву андешаҳои ба чашми басар дидаву таҷрибашуда иборат аст. Ин хулосаи мо нав нест, зеро бисёре аз муҳаққиқон низ ба чунин натиҷа расидаанд. Инсони соҳибақлу мушоҳидакор албатта, дар асоси дидаву шунида, чашидаву ламс кардани ашёи табиат метавонад аз худ чунин ашъори зебову табииро рӯйи қоғаз тасвир кунад. Мисоли барҷастаи ин нукта метавонад қасидаи ҳасбиҳолии худи шоир «Шикоят аз пирӣ» бошад, ки дар ин қасида шоир дар ягон ҷо ишорат ба оҷизиву нобиноӣ ва азоби он накардааст. Ҳатто дар мисраъҳои охир, ки ҳамчун хулосаи фикр ҷамъбаст мешавад, ӯ барои инсон зарур будани асоро дар давраи пирӣ ишорат мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар ҳар яке аз ин ривояту нақлҳо маълумоти муҳимме барои равшан намудани ҳаёти шоир оварда мешаванд.

### Фасли 6. Назари мардум дар бораи мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ

Тадқиқоту ҷустуҷӯҳо роҷеъ ба ҷойи вафот ва дафни Рӯдакӣ дар Тоҷикистон асосан аз соли 1926 оғоз гардида ва бевосита хидмати устод Айнӣ дар ин ҷода

ниҳоят бузург буд. Дар таърихи адабиёт ва фарҳангу тамаддуни тоҷикон соли 1926-ро метавон ҳам саҳифаи аввал дар китоби ҳувияти миллии тоҷикон ва ҳам соли оғози марҳалаи нави омӯзиши ҳаёту аҳволи Рӯдакӣ ҳисобид. Дар ин сол сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ китоберо бо унвони «Намунаи адабиёти тоҷик» ба нашр расонид, ки дар он маълумоти муҳимми таърихиву адабиро оид ба ҳаёту фаъолияти Рӯдакӣ бо далелу бурҳонҳои зиёди дақиқ зикр намудааст. Аввалин ҳуҷҷате, ки устод Айнӣ барои исботи вуҷуди миллати тоҷик ва соҳиби фарҳанги зиёда аз ҳазорсола будани ӯ пешниҳод намудааст, «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад, ки ӯ ин асарро бо номи Рӯдакӣ оғоз кардааст.

Марҳалаи дувуми омӯзиши аҳвол ва осори Рӯдакиро, ки боз бо номи устод Айнӣ пайванд аст, метавон ба ибтидои соли 1940 нисбат дод. Тамоми кашфиёти устод Айнӣ, ки марбут ба номи Рӯдакист, дар матбуот ва нашрияҳо маҳз дар ҳамин сол рӯи кор омадаанд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки масъалаи омӯзиши аҳволу осори Рӯдакӣ устод Айниро аз соли 1926 то соли 1940 ором намегузошт ва он дар муддати 14 соли заҳмату ковишҳояш идома меёбад. Аз ин ҷост, ки дар ин сол самараи хуби ин пажӯҳишҳо асари мустақили ӯ бо номи «Устод Рӯдакӣ» бори аввал дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» (№ 2-3) ба табъ расид.

Худи ҳамон сол (1940) дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» (№5) мақолаи дигари устод Айнӣ «Қабри устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак» (бо ҳуруфи лотинӣ), ки боз аз як кашфиёти тозаи илмии устод хабар медод, пешкаши аҳли илму адаб гардид. Ҳамин тавр, самараи заҳмату ҷустуҷӯҳои сангини чандинсола, дониши дақиқу ҳаматарафаи устод ба ӯ имкон дод, ки маълумоти сарчашмаҳои зиёдеро ба ҳам муқоиса карда, бо далелҳои илмиву амалӣ ба ҳам пайванд кунад ва натиҷаҳои дақиқи илмиро ба даст биёрад. Дар ин хусус устод Айнӣ дар аввали мақолаи хеш менависад: «То ҳол дар ҷойи таваллуд ва вафоти шоири бузурги тоҷик ва музикачии қадимии ӯ – устод Рӯдакӣ ихтилоф давом мекард. Баъзеҳо ӯро аз «Рӯдак» ном қишлоқи Бухоро ва баъзеҳо аз Самарқанд, аз қишлоқи Рӯдак мегуфтанд. Аммо дар Бухоро ва Самарқанд ба ин ном қишлоқ дар замони ҳозира нест…

Аз тадқиқоти охирини баъзе олимон маълум мешуд, ки Рӯдакӣ аз «Рӯдак» ном қишлоқи Самарқанд буд, дар ҳамон ҷо зоида шуда ва дар ҳамон ҷо вафот ёфтааст. Аз ин ҷумла профессор А. Семёнов дар мақолааш, ки ба Рӯдакӣ ва Дақиқӣ бахшида навиштааст, муайян мекунад, ки Рӯдакӣ аз «Рӯдак» ном қишлоқи Самарқанд буда, қабраш дар 15 километрии шаҳри Самарқанд аст [ 45, 35].

Гузашта аз ин, устод Айнӣ гуфтаҳои муаллифи «Китоб-ул-ансоб» - и Тоҷулислом Абӯсаид Самъонии Марвазиро ба ҳақиқат мувофиқ дониста, дар ин асос тадқиқоти худро идома медиҳад. Чунончи, муаллифи асари «Китобулансоб» ривоятеро меорад, ки дар он пиромуни деҳаи Панҷрӯд ва ҷойи дафни Рӯдакӣ маълумоти муътамад дода шуда аст: «Банҷ деҳае аз деҳаи Рӯдак буда, дар навоҳии Самарқанд аст. Вайро «Банҷи Рӯдак» мегӯянд. Ва ин деҳа қутби (маркази) Рӯдак аст. Абӯсаид Идрисии Ҳофиз гуфтаанд, ки қабри Абӯ Абдуллоҳ Рӯдакӣ дар он ҷо машҳур аст ва дар пушти бӯстони (боғи) Банҷи Рӯдак аст. Мардум зиёрат мекунанд. Ман ҳам зиёрат кардам» [45, 25].

Устод Айнӣ дар асоси гуфтаи А. Семёнов ва маълумоти Тоҷулислом ба хулосае меояд, ки деҳаи «Рӯдак» ё «Банҷи Рӯдак» (муарраби Панҷрӯдак) бояд дар атрофи Панҷакент ҷойгир шуда бошад. Ин тахмини устод Айнӣ ба зудӣ тасдиқ мешавад ва ҷойи дафни Рӯдакиро дар деҳаи Панҷрӯд муайян мекунанд.

Хидмати дигаре, ки барои ҷустуҷӯи қабри Рӯдакӣ устод Айнӣ анҷом додааст, ин аст, ки ӯ ба Академияи илмҳои РССТ мактуб мефиристад ва муроҷиат мекунад, ки барои ковишҳои илмӣ ба ноҳияи Панҷакент ҳайати экспедитсия ташкил дода шавад. Ин дархости ӯро қабул мекунанд ва як ҳайати корӣ бо роҳбарии худи ӯ, Лутфулло Бузургзода ва Гарретский ном як таърихшинос қарор дода мешавад. Дар ин бора устод Айнӣ дар мактуби худ, ки дар санаи 24-уми ноябри соли 1940 ба Абулқосим Лоҳутӣ навишта буд, чунин менигорад: «Азбаски барои баромадан ба болои кӯҳи баланд дили ман тоб надошт, ман ҳамаи маълумот ва нишонаҳоро ба онҳо фиристодам. Онҳо рафта қабри Рӯдакиро ёфтанд. Ба қишлоқи Рӯдак бошад Гарретский нарафта, танҳо

Бузургзода рафта омад ва ҳардуи онҳо ҳам ҳамаи маълумотҳоеро, ки ман ёфта будам, тасдиқ карданд» [17, 55-56].

Дар ҳамин ҷо ёдрас шудан ба маврид аст, ки дар экспедитсияи соли 1940 ширкат ва хидмати Лутфулло Бузургзода барои ҷамъоварии маводи диёри Рӯдакӣ хеле зиёд будааст. Ва маҳз дар ҳамин сол нахустин маротиба ба таври ҷиддӣ ва назаррас Лутфулло Бузургзода дар муддати ҳашт моҳ ба гирдоварии осори фолклории диёри Рӯдакӣ машғул мешавад. Ҳамаи он маводе, ки ӯ ҷамъоварӣ карда буд, дар як дафтар бо унвони «Дафтаре аз Панҷрӯд» дарҷ ёфта, ҳамзамон оварда ба устод Айнӣ супорида мешавад. Пас аз гузашти солҳо маводи ин дафтар, ки ҷамъоварандаи он Лутфулло Бузургзода буд, дар ду мақолаи адабиётшинос Камол Айнӣ «Нахустин ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ ва чанд нуктаи муҳимми марбут ба матншиносӣ» (2000) ва «Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ» бо баъзе иловаҳо дар соли (2007) чоп шуданд. Бино ба маълумоти адабиётшинос Камол Айнӣ: «Ин маълумот иборат аз як дафтар буд, ки дар он замон ба он «Дафтаре аз Панҷрӯд» ном гузошта шуд. Ин дафтар бо хатти хонои лотинии Бузургзода иншо шуда, нақли қавли 10 нафар афроди гуногунро дар бар мегирад, ки соли 1940 аз 40-сола то 70-сола буданд» [3, 9-12]. Мувофиқи маълумоти донишманди тоҷик Камол Айнӣ гоҳо иҷрои баъзе корҳои нотамомашро устод Айнӣ ба фарзандонаш вогузор мекардааст.

Ҳамин тариқ, аз соли 1940 сар карда, ақидаву маълумоти мардум дар бораи Рӯдакӣ аз байни сокинони деҳоти Панҷрӯд, Зери Ҳисор ва Шинг аз тарафи муҳаққиқон ва муаррихон ҷамъоварӣ карда шуд. Аксари маводе, ки дар он солҳо ҷамъоварӣ шуда буданд, то ҳол дар хазинаи осорхонаи ба номи Садриддин Айнӣ бо дастхатҳои худи устод ва дигарон маҳфуз мебошанд. Мавриди зикр аст, ки роҷеъ ба хидматҳои устод Садриддин Айнӣ дар ин самт адабиётшинос Музаффар Муҳаммадӣ ва дигарон низ мақолаҳои пурарзише таълиф намудаанд [73, 611-619].

Ҳамаи он кӯшишу талошҳои устод Айнӣ ва Лутфулло Бузургзода барои шинохти Рӯдакӣ дар Тоҷикистон дигарбора заминаи устуворе барои муҳаққиқон фароҳам оварда, тадриҷан осори фолклориву таърихӣ ва адабӣ низ гирдоварӣ

карда шуданд. Аз ин пас ҷамъоварии нақлу ривоятҳо дар бораи Рӯдакӣ ва ҳаёту осори ӯ шакли расмӣ гирифт ва мардум дар байни худ аз шоири донишманд ва фарзанди фарзонаи халқи тоҷик ёдоварӣ мекарданд.

Аз ин ҷост, ки дар соли 1956 муҳаққиқон Р. Аҳмадов ва М. Холов ва баъдан соли 1957 Р. Амонов ва М. Шукуров ба ноҳияи Панҷакент сафари илмӣ карда, алалхусус, ба деҳоти Панҷрӯд, Шинг (Рӯдак), Рашнаи боло, Рашнаи поён, Филмандар, Косатарош рафта, аз он ҷо нақлу ривоятҳои зиёдеро ҷамъоварӣ намуданд. Натиҷаи ин экспедитсия дар соли 1960, (1963) дар китоби «Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ» фароҳам омадааст. Ҳамин тавр, ҷойи дафни Рӯдакӣ муайян гардид ва ба ин масъала ривояту нақлҳои мардумӣ низ кӯмак расониданд.

Чунончи аз маълумоти пажӯҳишгарон маълум гардид, шахсияти Рӯдакӣ нотакрор буда, барои муайян кардани зодгоҳ, аҳволу ашъор, ҷойи дафн ва ҳар чи марбут ба ӯст, диққати муҳаққиқон ҷалб шудааст. Ва ривоятҳои мардумӣ низ дар ин бахш маълумоти хуби таърихиву этнографӣ додаанд ва дар ин ҷо роҷеъ ба ин масъала чанд сухан хоҳем гуфт.

Ривояту нақлҳое, ки дар ин бахш аз байни мардум ҷамъоварӣ шудаанд, ахбороти мухталифро фаро мегиранд. Мувофиқи маълумоти ривоятҳо ҷойи дафни Рӯдакӣ мавзеъҳои «Панҷрӯд», «Боғи мирӣ», «Замини Уфорӣ», «Рӯдак», «Артуч», «Нӯгинор» ва ғайра ҳисобида мешавад. Дар ин гурӯҳи ривоятҳо ҳар як гӯянда мувофиқи фаҳмиш ва шунидаҳои худ зодгоҳи Рӯдакиро аз мавзеи зиндагии худ ҳисобида, ҷойи дафни ӯро дар боғ ва майдонҳои деҳоти он ҷо меҳисобанд. Ривоятҳои ин бахш нисбат ба дигар гурӯҳи ривоятҳо бисёртар ва бо қаринаҳои мухталиф дар байни мардуми деҳоти кӯҳистон густариш ёфтаанд. Барои возеҳтар баён намудани мавзӯи мавриди зикр ба матни ривоятҳо рӯ меорем.

Ривояти зерин, ки дар масъалаи ҷойи қабр ё ин ки мавзеи дафни Рӯдакӣ бахшида мешавад, масъалаҳои ҷойи таърихӣ ва хеле қадимӣ будани он мавзеъ, яъне Боғи мирӣ, ки дар гузашта он ҷо ҳамчун гулистону бӯстонҳо, боғи сердолу дарахт ва ҷойи пок будааст, муаррифӣ карда мешавад. Матни ривоят бо унвони «Ҷойи қабри Рӯдакӣ» сабт гардидааст: *«Қабри Абулҳасани Рӯдакӣ дар пушти*

*Боғи мирӣ воқеъ мебошад. Боғи мирӣ бисёр ҳам кӯҳна. Пеш бисёр калон будагӣ, дарахтҳои калон доштагӣ, гулзор, бӯстон доштагӣ. Пушти боғро замини Уфорӣ мегӯянд. Аз рӯи гапи бобоҳоямон дар онҷо зиёда аз 500-600 ҳавлӣ будагӣ. Замин ва боғи амири Уфорӣ ҳам дар ҳамон ҷо.*

*Абулҳасани Панҷрӯдӣ бисёр уфори калон будааст. Онҷоро ҳозир ҳам замини Уфорӣ мегӯем. Ана! Қабри Абулҳасани Уфорӣ ҳам дар ҳамон ҷо. Ман дар ин хусус ҳикояи падарамро шунида мегаштам. Як рӯз аспи падарам ланг шуд. Падарам ба қабристон овард. Қабри як азизро нишон дод ва гуфт: «Дар боло бобои ин кас хоб кардаанд, он касро Абулҳасани Уфорӣ мегӯянд».*

*Бобокалонам Исматуллоҳ, ҳикоя мекарданд, ки дар болои ин қабр сангҳои рангоранги калон буда, ҳар кас ба ҳар ҷо гирифта бурдааст. То вақтҳои охир ба инҷо хубоӣ меовარданд. Дар ҷониби шарқӣ- шимолии қабр, масҷиди уфорӣ будагӣ»* [3, 28].

Дар ривояти мазкур доир ба мавқеи ҷойгиршавии Боғи мирӣ, мазори Рӯдакӣ ва замини Уфориҳо (Уфариҳо) маълумот дода шудааст. Боғи мирӣ дар деҳаи Панҷрӯд мавқеъ гирифта, ҷойи хушбоду ҳавост ва дар баландие ҷойгир аст. Дар он ҷо қабри Рӯдакии бузургвор ҷойгир будааст ва мардуми хосу ом он ҷоро эҳтиром карда, ҳангоми гузаштан аз он ҷо дар сари манзили Рӯдакӣ дуо мехондаанд. Бовариву эътиқодоти мардум нисбат ба он манзили бузург аён буда, ҳангоми гузаштани ягон ҳайвон аз он ҷо роҳ намедоданд, зеро бовар доштанд, ки дар онҷо шоири бузурвор Рӯдакӣ хок шудааст.

Ривояти «Қабри Абулҳасани Уфорӣ» яке аз қаринаҳои ривояти боло мебошад. Дар ин ривоят низ оид ба ҷойи дафни Рӯдакӣ иттилоъ дода шуда, мардум ҷойи қабри шоирро дар пушти Боғи мирӣ меҳисобад. Маълумоти ривояти боло такроран оварда мешавад. Халқ эътиқоди худро дар бораи мазори шоир ва ҷойи қабри ӯ баён менамояд. Чунончи: *«Дар хусуси Уфориҳо ман ҳам аз одамони пеш бисёр нақл шунидагӣ. Ҳақиқатан худи Абулҳасани Уфорӣ аз ҳамин Панҷрӯд гуфта нақл мекарданд. Қабри он шахси азиз ҳам дар худи ҳамин ҷо, дар пушти Боғи Мирӣ воқеъ аст. Қабрҳои дар ҷониби қибла будагӣ, қабрҳои наванд. Абулҳасани Уфорӣ дар ҷои худаш, мулки худаш дафн карда шудагӣ мегуфтанд,*

*бо одамони пир дар сари қабри ин шахси азиз тоқ буданаш ва сангҳои калон, қайроқҳои (сангҳои калон – И.Ф.) маълум. Боғи мирӣ пеш бисёр калон будагӣ. Дарахтҳои пири азим доштаст. Ман дар хотир дорам дар вақти ҷавониам омада будам. Дар он тарафи сой (дара-И.Ф.), ки дар байни он теппаи Абулҳасани Уфорӣ дафн шудагӣ воқеъ аст, дарахтони бисёре буданд. Дар тарафи Шарқи сойи Уфорӣ ба замини Уфорӣ ба воситаи нови (дараи) ҷӯй мегузашт. Оби он ҷӯй ҳозир кам аст. Ин азизро «Панҷрӯдӣ» ва «Рӯдакӣ» ҳам мегуфтанд. Пеш, дар замонҳои кӯҳна ном ва куният Рӯдак будааст. Аз ин чанд сол пеш ин ҷоҳоба Фароб – Моғиён тобеъ буд.*

*Дар тарафи Шинг, сойи Рӯдак ҳаст. Дар сари сойи Рӯдак қишлоқи қадимӣ Рӯдак воқеъ буда, дар болои кӯҳ харобаҳои он боқӣ мондааст»* [13, 8-9].

Боғи мирӣ мавзеи хушбоду ҳаво ва ҷойи пок мебошад, ки мо низ ҳангоми сафари фолклорӣ ба он ҷо рафта, аз он ҷо дидан кардем ва он мавзеъ барои мо хеле писанд омад. Мувофиқи маълумоти калонсолони деҳаи Панҷрӯд ҳамин Боғи мирӣ аз давраи хеле қадим мавҷуд буда, баъзе дарахтони он то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Мавқеи ҷойгиршавии ин боғ ҳоло дар пушти мақбараи устод Рӯдакӣ, дуртар аз он дар баландӣ ҷойгир шуда, пушти боғро «Замини Уфориҳо» мегӯянд. Замини Уфорӣ (Уфарӣ) ҷойеро мегӯянд, ки он дар пушти Боғи мирӣ мавқеъ гирифта, мувофиқи ахборот дар замонҳои хеле қадим дар он ҷо зиёда аз панҷсад – шашсад аҳолӣ зиндагӣ мекардааст. Ин ахборотро мо дар аксар ривоятҳо дучор мешавем. Дар бораи авлоди Уфориҳо дар бахши аввали диссертатсия сухан рафтааст. Аз ин рӯ, дар ин хусус дубора маълумот доданро лозим надонистем.

Масъалаи дигар, ки дар ривоят оварда шудааст, дар хусуси Масҷиди Уфорӣ (Уфарӣ) мебошад, ки авлоди Уфариҳо дар он ҷо ибодат мекардаанд ва ин масҷид низ дар дохили замини Уфориҳо ҷойгир будааст. То замони мо аз замини Уфориҳо (уфариҳо) баъзе сангу деворҳои кӯҳнаву фарсуда боқӣ мондаасту халос. Ҳоло он ҷоро гузари Уфориҳо мегӯянд. Ин ҳама маълумоти содаву омиёна ва дар айни ҳол зарурӣ шаҳодат медиҳанд, ки халқ Рӯдакиро ҳамчун шахси авлиё, шоири донишманд ва инсони шариф мешинохтааст ва ба ӯ эътиқоди зиёде доштаанд.

Калимаи «хонақоҳ», ки дар луғат ба маънии ҷое, ки шайхҳо ва дарвешон дар он ҷо ибодат ва зиндагӣ мекунанд оварда шудааст [135, 492], дар ривоятҳои ин бахш, ки вобаста ба ҷойи дафни Рӯдакӣ мебошанд, истифода гардидааст. Вожаи «хонақоҳ» маъниҳои мазор, манзили дафн, қабристон, гӯристонро низ ифода мекунад. Ривояти зер бо унвони «Хонақоҳи Рӯдакӣ» сабт шуда, он дар масъалаи ҷойи дафн, мавқеи ҷойгиршавӣ, баландӣ, дарозӣ ва ҷойгиршавии қабри Рӯдакӣ бахшида шудааст. Ин ривоят дар мақолаи Камол Айнӣ «Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ» (2007) чоп гардидааст. Гӯяндаи ривоят мавқеи ҷойгиршавии қабри Рӯдакиро бо ҳаҷми он нақл кардааст, ки ҳоло мақбараи Рӯдакӣ дар ҳамон ҷо қомат афрохтааст: “*Ҷои хонақои Рӯдакӣ, хонақое (хонақоҳе ҳаст – И. Ф.) рӯи ҳавлиаш дарозии 51 метр, бараш 30 метр хонақои кӯҳнаи вайрона аз рӯи таҳкурсиаш қадаш 17 метр, бараш 7 метр. Аз Боғи Мир то мобайни хонақо роҳаш 61 метр, баландиаш 10 метр, аз қабристон дар мобайни қутби боғ шарқӣ боғи мир мебошад. Муллоисмоил Охунд аз деҳаи Панҷрӯд дар сини 80 солагӣ вафот мекунад. Он одам нақл мекунад ҳикояи худаша, ки Рӯдакӣ дар охири умраш аз Бухоро омад, ду кас, худи Рӯдакӣ дар қишлоқи Панҷрӯд вафот мекунад, шарикаш дар қишлоқи Артуч вафот мекунад. Ҳамин худи Рӯдакиро ҳам Ҳасани Рӯдакӣ мегӯянд ва Ҳасани Рӯдапо мегуфтен. Инҳо аз Бухоро бо ҳамроҳии худаш ва оилааш тамоми давлаташро ба шутур бор карда, бо ҳамроҳии рафиқаш гирифта мебиёд, ки рафиқаш мирзои хатнависи Рӯдакӣ буда, дар Артуч хоб кардагӣ.*

*Ин ҳикояро аз забони Муллоисмоил Охунд, рафиқ Раҳимбобо, синнаш 65 ҳикоя мекунад. Муллоисмоил дар Бухоро илмҳои кӯҳнаро хатм карда, тамом мекунад. Муллоисмоилро бисёр муллои пурқувват ҳисоб мекунанд. Мулло Холмуҳаммади Ҳавоӣ саҷарадон (шаҷарадон) бовои он кас бо Рӯдакӣ доим суҳбат мекарден. Саҷараро тафтиш карда, баъд аз ёфтан, натиҷа маълум карда мешавад”* [3, 10-11].

Дар ривояти зикргардида ровиёни мардумӣ дақиқназаронаву боэътимодона дар бораи мавқеи ҷойгиршавии қабри Рӯдакӣ маълумот додаанд, ки ин масъала барои тадқиқоти муҳаққиқон ёрӣ мерасонад. Ҳамон гуна, ки адабиётшинос С.

Муллоҷон менависад: «Дар муайян кардани ҷойи гӯри Рӯдакӣ ба Герасимов ва ҳамроҳонаш мардуми маҳаллӣ ҳам, ки аз рӯи нақли гузаштагони дар қабристони кӯҳна мавҷуд будани гӯри як нафар мусиқидон (уфарӣ)-ро медонанд, кӯмак намудаанд» [130, 319].

Аз ривояти зикршуда чунин бармеояд, ки устод Рӯдакӣ дар пиронсолияш бо тамоми дороиву хешу табораш, аҳли оилааш ба деҳаи зебоманзари Панҷрӯд баргашта, боқимондаи умри хешро дар ҳамин ҷо гузаронидааст. Мувофиқи ин маълумот Рӯдакӣ бо ҳамроҳии дӯсташ мирзои хатнависи худ ба зодгоҳаш омада, худи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд ва рафиқаш дар деҳаи Артуч хок шудаанд.

Деҳаи Артуч ҳамсоядеҳи Панҷрӯд мебошад ва он дар масоҳати ҳашт км дуртар аз ин деҳа ҷой гирифтааст. Маълумоте, ки дар бораи ҷойи ба хок супорида шудани дӯсти Рӯдакӣ дар ин ривоят оварда мешавад, чандон ба ҳақиқат наздик нест, зеро ин маълумот дар ягон сарчашмаҳову осори хаттӣ дида намешавад. Дар ҷои дигари ривоят оид ба Мулло Исмоил маълумот оварда мешавад, ки ӯ шахси босавод, донишманд ва бообрӯ буда, дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм кардааст ва аз илмҳои куҳан бохабар будааст. “Ин шахс муллои пурқувват ва бисёр донишманд будааст” - мегӯянд ровиёни мардумӣ. Ривоятро аз забони Мулло Исмоил шахси дигар бо номи Раҳимбобо нақл мекунад. Илова бар ин, дар ин ҷо вожаи «саҷара» (шаҷара) ба кор рафтааст, ки маънои силсилаи авлодро ифода мекунад. Азбаски гӯянда куҳансол аст, калимаи «шаҷара»-ро ба тариқи «саҷара» талаффуз кардааст. Мафҳуми «шаҷара» дар луғат ба маънии рӯйхати гузаштагон, насабнома [135, 579], зикр гардида, дар ривоят ҳамчун авлод, қабила ба кор рафтааст. Ҳамон гуна, ки аз ин маълумоти ривоят бармеояд, Мулло Холмуҳаммади Ҳавоӣ, ки таърихдону шаҷарадон буд, аз авлодони гузаштаи худ ёдовар шуда, силсилаи гузаштагони хешро ба авлоди Абулҳасани Рӯдакӣ мансуб медонад. Мувофиқи ахбори ривоят падарбузурги ин одам гӯё борҳо бо Рӯдакӣ вохӯрда, ӯро мешинохтааст ва онҳо хешу табор, яъне аз як авлод будаанд.

Дар ривояти «Мазори Рӯдакӣ дар Панҷрӯд» низ гӯянда дар масъалаи ҷойгиршавии мазори шоир ибрози ақида намудааст. Гӯяндаи ривоят аз

ҷустуҷӯҳои устод Айнӣ дар ин ҷо ёд карда, ба хулосаи қатъӣ меояд, ки мазори Рӯдакӣ воқеан дар Панҷрӯд ҷой гирифта, дар гузашта ҳам аз гирду атроф одамон омада мазори ӯро зиёрат мекардаанд. Матни ривоят ин аст: «*Ман дар қишлоқи Нугинор кор мекардам. Аз ин як чанд вақт пеш дар хусуси қабри Рӯдакӣ кофту ков кардани устод Айниро шунидам. Баъд аз ин, аз одамони кӯҳнасоли Нугинор пурсу ҷӯ кардам. Бисёр одамони пир тасдиқ мекарданд, ки ҳақиқатан қабри Рӯдакӣ дар Панҷрӯд воқеъ буда, пеш барои зиёрат мерафтаанд. Он кас кӯр будааст. Ҳам қорӣ, ҳам ҳофиз будааст. Дар навозандагӣ ва шоирӣ ҳам аз ҳама болотар меистодааст. Бинобар дар вақташ, дар замонаш бисёр машҳур шуда, подшоҳи Самарқанду Бухоро ӯро ба наздашон ҷеғ зада буданд. Аммо боз омада, дар ватани худ вафот карда будааст. Ин нақли ҳамон одамони пирсол мебошад. Баъзе аз пиракиҳо мегӯянд, ки Рӯдакӣ бисёр ҷойҳоро обод кардагӣ. Дар вақти Рӯдакӣ ин ҷойҳо бисёр обод будагӣ. Шаҳрҳо ва қалъаҳо бисёр будагӣ*» [85, 37].

Маълумоти дигар, ки оид ба бузургу донишманд, мутриби хушовоз, шоири бадавлат ва ободкор будани Рӯдакӣ аст, дар ривояти мазкур оварда шуда ва ин ахборот гувоҳӣ аз бузургиву шуҳратёр будани шоир медиҳанд.

Дар ривояти дигар, ки шабеҳ ба ривоятҳои зикршуда мебошад, баъзе аз маълумот такрор оварда мешавад, аммо як ахбори дигарро мебинем, ки дар матнҳои зикргардида ба назар намерасад. Дар ин ривоят дар бораи ҷойи дафни Рӯдакӣ ва ду бародари ӯ маълумот дода мешавад. Ривояти «Мазори Рӯдакӣ дар Панҷрӯд» ҷанбаҳои диниву эътиқодӣ, таърихиву маълумотӣ дорад, ки дар он мардум бовару тахайюлоти худро баён намудааст. Ривоят: «*Вақте ки ман майда будам, домулло Абдусаид гуфтагӣ бобомо ҳикоят мекарданд, ки мулло Ҳасан дар Бухоро хонда зиндагӣ кардагӣ. Се буродар шуда аз Бухоро инҷа мебиён. Ҳаминҷа-ба хок мешаванд. Яки ин буродаро мулло Одил Муҳаммад дар қишлоқи Яккахона вафот мекунан. Як бародари дигар да қишлоқи Сари Пули муаззин вафот кардагӣ. Афти ин одам ба Рӯдакӣ бисёр монанд буд. Ҳамун бобо ҳам кӯр шуда мурдан, ҳаш сол кӯр гаштан, қорӣ будан. Ёдамба ҳаст як вақт қишлоқи мо ба босмачиҳо омадану аспашона саҳни мачити қишлоқба бастан. Он кас ҳамунҷо шишта буданд. Фуққаои аспоя мешунавану ин аспои кӣ гуфта мепурсан. Аспои*

*босмачиҳо буданаша фаҳмида мегӯн, ки ино албатта шикаст мехӯран. Босмачиҳо рафтану ҳамин қатӣ нобуд шуда рафтан. Қабри ун бобом ҳам ёни қабри Муллоҳасанба. Ҳамаи авлотомо гирди қабри Муллоҳасанба..»* [13, 11].

Чуноне ки аз ин ривоят бармеояд, гӯё Рӯдакӣ дар давраи пирияш бо ду бародари худ ба деҳаи Панҷрӯд омада, худи ӯ дар ҳамон деҳа ва як бародараш дар деҳаи Яккахона, ки дуртар аз он ҷойгир аст ва бародари дигараш дар деҳаи Сари пули муаззин, ки онро ҳоло «Кулолӣ» мегӯянд, вафот карда, дар он ҷойҳо ба хок супорида шудаанд. Аммо дар деҳаи Яккахона ва Сари пули муааззин ёдгорӣ, ё ин ки нишонае аз ҷойи дафни бародарони шоир боқӣ намондааст. Деҳаи Сари пули муаззин, ки дар наздикии он қабристони деҳа ва дарёи Рӯзрӯд аз он ҷо ҷорист, то замони мо бо номи «Кулолӣ» боқӣ мондааст. Пули муаззин роҳи мошингузари деҳоти Пағна, Порвен, Вен, Зимтут ва дигарро аз деҳаи Кулолӣ ҷудо мекунад. Дар назди ин пул ҳоло як осиёб сохта шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар ин ривоят баён шудааст, эътиқод ва боварии мардум оид ба бузургии яке аз бародарони Рӯдакӣ мебошад ва мардуми маҳаллӣ ба он шахс эътиқоди зиёд дошта, мувофиқи ин маълумот ҳамон одам ҳам чашмонаш нобино будааст ва бештари вақт ӯ дар назди масҷиди деҳа менишастааст. Боре душманон ба ин деҳа меоянд ва ин бузургвор дуо мекунад, ки душманон нест шаванд. Аз ин ахборот бармеояд, ки халқ ба гузаштагони Рӯдакиву авлодаш эътиқоду дилбастагии зиёде доштааст. Нақли ривоят аз тарафи Абдухолиқ Зарифов қисса карда шудааст, ки ӯ худро аз авлодони ҳамон бузургвор меҳисобид ва ба маълумоти ӯ қабри ин одами бузург низ дар назди қабри Абулҳасани Рӯдакӣ мавқеъ гирифтааст. Аксарияти қабрҳои гузаштагони ин авлод ба ҳам наздик буда, дар гирду атрофи мазори Рӯдакӣ ҷойгир шудаанд.

Ривояти «Мазори бузургвор», ки фарогири мавзӯъҳои мухталиф аст, дар он масъалаҳои бовару эътиқоди мардум оид ба ҷойи дафни Рӯдакӣ, авлиё будани ӯ, дар ҳамон хок супорида шудани ӯ, эҳтироми мардум нисбат ба ҷойи дафни Рӯдакӣ, ки ҷойи муқаддас ва пок ҳисобида мешавад ва мадад ҷустани беморон аз он ҷо, дуохонӣ ба хотири арвоҳи гузаштагони он чо баён ёфтааст: “*Падарам аз Самарқанд омадану гуфтан, ки аспа бурда як ҷо банд, алаф хӯрад. Вахти баҳор*

*буд. Ман ун вахт тахмин бистба будам. Ман бурда мех кардам. Гашта рафтам. Гуфтан:*

*-Аспа куҷо кардӣ?*

*Ман гуфтам:*

*-«У рӯи (он тарафи – И. Ф.) майдони Малик, болои қабристони таги ҷӯи раи таг бастам». Ҷои бастагим аз пушти деволи боғ буд, ҳамвору алафрӯидагӣ.*

*-Падарам гуфтан:*

*-«Тез рафта аунҷа (аз он ҷо) аспа гир, ки унҷа (он ҷо) одами азиз хоб рафтагӣ. Беодобӣ мешавад!.» Ман нашишта рафта аспа кушода, баровварда боло бастам. Ҳамун ҷо Абдулҳасан хок шуда будааст. Баъд аз ақл ба худ омадан ман донистам, ки якта нимта одам унҷоя рафта зиёрат мекунад. Касалиҳоро Худо офият медиҳад ҳамун сабаб қатӣ»* [13, 12].

Гӯяндаи ривоят ин воқеаро дар вақти кӯдакии худ ҳангоми аз Самарқанд омадани падараш шунида, баъд фаҳмидааст, ки воқеан замини Мирӣ ҷойи муқаддасу пок будааст. Роҷеъ ба ин масъала М. Герасимов ба чунин натиҷа расидааст, ки ӯ дар наздикӣ ва атрофи мазори Рӯдакӣ мавҷуд набудани гӯрҳоро нишонаи соҳибэҳтиром будани соҳиби ин қабр дар назди аҳолӣ медонад [130, 318].

Ҳамин тариқ, ривоятҳои ин бахш маълумоти хуби таърихиву фолклориро ба хонандагон мерасонанд ва барои пажӯҳиши ин масъала яке аз сарчашмаҳои хуби фолклорӣ ҳисобида мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки ин бахши ривоятҳо ба воқеияти ҷойи вафот, мазор ва мақбараи шоир наздик мебошанд. Бовару эътиқод доштан нисбат ба шахсият ва бузургии Рӯдакӣ, эҳтиром гузоштан ба ҷойи қабри ӯ ва нагузоштани ҳар гуна ҳайвонот дар назди мазори вай далели он аст, ки халқи тоҷик ба устод Рӯдакӣ эҳтирому эътимод дорад. Ниёгони пурғановати мо аз қадим ба чунин шахсони донишманду бофазл боварӣ доштанд ва эҳтиром мегузоштанд. Маълумоти ин осори мардумӣ далолат мекунад, ки воқеан қабри Рӯдакӣ дар пушти бӯстони Панҷрӯд, ки онро «боғи мирӣ» меноманд, мавқеъ гирифтааст. Тавассути чунин ривоятҳо мо дар бораи қабр, мазор ва ҷойи дафни

шоир маълумот пайдо мекунем ва ин гурӯҳи ривоятҳо низ бузургиву шуҳратмандии шоирро инъикос намудаанд.

## Фасли 7. Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир

Дар масъалаи авлодони Рӯдакӣ мардум ақидаҳои мухталиф доранд ва бо ҳар гуна ному насаб мехоҳанд, ки худро ба авлодони ӯ марбут донанд. Аксарияти гӯяндагони ривояту нақлҳои мардумӣ, ки дар ин хусус ҳарф мезананд, шахсият, тавоноӣ, обрӯву эътибори авлодони Абулҳасани шоир, ҳамчунин шукуҳу шаҳомат ва мақому манзалати шоирии ӯро самимонаву эҳтиромона муаррифӣ кардаанд. Азбаски мақому манзалати шоирии Рӯдакӣ дар миёни хосу ом паҳн гардида буд, мардуми маҳалливу деҳоти атрофи зодгоҳи шоир ба шеърҳои содаву равон ва шахсияти ӯ меҳру муҳаббати беандоза пайдо намуда буданд, аксар фарзандони худро бо нияти нек номҳои Абулҳасан ва Рӯдакӣ мегузоштанд. Рӯдакиро дар диёраш бо номи “Абулҳасани шоир” ва “Абулҳасани аъмо” мешинохтанд. Дар аксари ривоятҳои ин бахш роҷеъ ба ин масъала маълумот дода мешавад.

Нахустин маълумоте, ки дар ривоятҳои мардумӣ оварда шудааст, роҷеъ ба авлоди «Муллоҳои Ҳавоӣ» мебошад ва Абулҳасани Рӯдакӣ яке аз шахсиятҳои номдор ва машҳури ин авлод эътироф шуда, ба ақидаи ровиёни нақлу ривоятҳо бозмондаи ин авлод то ин замон дар деҳаи Панҷрӯд зиндагонӣ мекардаанд. Авлодони «Муллоҳои Ҳавоӣ» дар деҳаи Уфор (Уфар ё Упор), ки болотар аз деҳаи Панҷрӯд воқеъ будааст, сукунат доштаанд. Деҳаи Уфар дар он замон деҳаи хеле обод буда, тарҳи хонаҳои вайроншудааш то ба имрӯз дар шакли хароба боқӣ мондааст. Сабаби авлоди «Муллоҳои Ҳавоӣ» ном гирифтани ин авлод дар ривояти «Авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ» ба таври возеҳ баён ёфтааст: *“Моҳоям авлодони Муллоҳои Ҳавоӣ мегӯянд. Сабаби Муллоҳои Ҳавоӣ ном гирифтани авлодои мо ин ки Мулло Холмуҳаммад муриди як шайх буд, ки мири ун кас дар Шаҳрисабз буд. Холмуҳаммад пеши пираш мераван. Пирашон мемурад. Пирашон*

*як духтар доштааст. Мири Шаҳрисабз ин духтара гирон будас. Чанд бор одам мемонад, пир наметияд. Баъди пир мурдан Мулло Холмуҳаммад ҳам духтара амир ба надодааст. Ясавуло омадаанд, ки Холмуҳаммата пеши мир мебарем. Ин кас ба даруни масҷид даромада, гуфтаанд, ки: «Мо ду ракат намоз хонем, сонӣ қатӣ меравем». Дуруни масҷидба даромадаанд. Ясавуло берунба ниго карда истодан, ки чанд вахт гузашту Холмуҳаммад аз масҷид набуромадан. Баъд ясавуло масҷидба даромада диданд, ки Холмуҳаммад масҷидба нестанд, болои меҳроб тешук (сӯрох) шудас. Баъд фаҳмиданд, ки ун кас аз ҳамун тешук (сӯрохӣ) буромада рафтагӣ. Холмуҳаммад аз ҳамунҷа парида кӯи Лучобба рафтен. Ун ҷа чӯли ҷазира будагӣ. Ин кас асо ба замин задагӣ. Як чашма баромадагӣ. Сонӣ чӯла обод кардагӣ. Ҳоли ҳам дари Хонақоба авлоди Ҳавоиҳо ҳастанд»* [3, 23].

Аз ривоят чунин бармеояд, ки гузаштагони авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ авлиё ё худ ашхоси рӯҳонии аз дину ойин бохабар ва шахсиятҳои намоёну номдор будаанд. Яке аз ин одамҳо, ки бо номи Мулло Холмуҳаммад машҳур аст, дар ривоятҳо ҳамчун шахси ботақво ва донишманди поктинат васф шуда, аз ӯ ёдгориву ободкориҳо боқӣ мондааст. Ҳар ҷо ки қадам гузорад, албатта он ҷо гулзору обод мешудааст. Аммо воқеаи дар дашти бедолу дарахт асо зада, аз он ҷо об баровардани Мулло Холмуҳаммад, ки дар ривоят оварда мешавад, ба воқеаи саргузашти ҳазрати Алӣ (а) монанд аст. Чи тавре ки ба мо маълум аст, дар баъзе аз ривоятҳои мардумӣ, ки бо саргузашти ҳазрати Алӣ мансуб мебошанд, оид ба ин масъала маълумот дода шудааст. Ва ин масъала як намуд эътиқоди халқист, ки нисбат ба ашхоси бузургу авлиёҳо доранд. Мавриди зикр аст, ки дар Бадахшон ин қабил ривоёту нақлҳоро ба Носири Хусрав мансуб медонанд. Инъикоси образофарии афсонаҳо низ дар ин ривоят мушоҳида мешавад. Чунки ҳодисаи аз сӯрохии боми масҷид ба ҳаво рафтани Мулло Холмуҳаммади Ҳавоӣ бевосита санъати муболиғаро пеши назар меорад. Ва инчунин, ақидаи ба Худованд наздик будани Мулло Холмуҳаммади Ҳавоӣ, гӯё аз авлиё буданаш ба осмон рафта, ба манзили дигар баргаштани ӯ ва ободкории вай низ намунае аз

боварииву эътиқодоти мардумро нисбат ба бузургиву тавоноии он авлиё нишон медиҳад.

Маълумоти дигар ин аст, ки бозмондаҳои авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ дар деҳоти атрофи Панҷрӯд ва музофоти шаҳрҳои Бухорову Самарқанд умр ба сар мебаранд. Ахбороти ривоятҳои ин гурӯҳ собит менамояд, ки аз авлодони Рӯдакӣ то ҳол дар деҳоти Некнот, Киштут, Шинг, Моғиён, Ҳисорзамин ва шаҳрҳои Бухорову Самарқанд боқӣ мондааст. Дар нусхаи дигари ин ривоят, ки бо унвони «Авлоди Абулҳасани Рӯдакӣ» номгузорӣ шудааст, маълумот қисман такрор шуда ва иттилооти дигар низ мавҷуд мебошад. Дар ривоят баён дошта шудааст, ки Рӯдакӣ низ аз авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ буда, номи ин авлод тавассути шахсияти вай дубора зиндаву ҷовид гардидааст. Матни ривоят чунин аст: «*Вақте ки ман майда будам, падару модарам дар гирди сандалӣ шишта, дар ҳаққи гузаштагон, азизон, одамони бузургу машҳур гап мезаданд ва аз онҳо дар хусуси Бобои Ҳавоӣ ва Абулҳасани Уфории Панҷрӯдӣ бисёр ҳикояҳо шунидам. Онҳо нақл мекарданд, ки Абулҳасани Панҷрӯдӣ аз ҳамин Панҷрӯд будагӣ ва омада боз дар ҳамон ҷо вафот кардагӣ ва дар ҳамин ҷо дафн карда шудагӣ.*

*Падарам мегуфтанд, ки он шахс одами бисёр азиз будагӣ. Бобоҳавоӣ ҳам аз авлоди ҳамон кас будаанд. Падари ман аз авлоди Бобоҳавоӣ будааст. Номи Бобоҳавоӣ Холмуҳаммад будааст. Ин кас ҳам одами бисёр азиз будагӣ. Як замон дар Панҷрӯд подшоҳ ё мире будааст. Қалъаи вай дар ҳамин ҷо будагӣ. Ҳозир аз қалъаи вай нишонаҳои девор мондагӣ, дар ҷои қалъа боғ ва ҳавлиҳо бунёд шудагӣ. Мири подшоҳ Уфорӣ будааст. Худи ӯ ҳам навозанда будааст, навозандаҳои бисёре ҳам доштааст. Мо навозандаҳо пеш Уфорӣ ё Упорӣ мегуфтем, акнун музикон мегӯянд, машшоқ мегӯянд…*

*…Ана! Ба воқеаи Абулҳавоӣ чандин сол шудагӣ. Абулҳасани уфорӣ боз пеш гузаштагӣ. Абулҳасани Панҷрӯдӣ аз ин ҳазор сол пеш гузашта бошад, кӣ медонад чанд сол шуда бошад?. Чунки чандин авлод ва чандин пушт гузаштагӣ, ҳеҷ кас ба хотир надорад. Аз авлоди ин одам ғайр аз ман дар Панҷрӯд боз ҳаминҳо ҳастанд: Солеҳ писари Сиддиқ, Камол Бобо, Собири Имон, аз маҳаллаи мо қариб ҳама аз як авлоданд. Инҳо кӯҳнасолҳо ҳастанд. Аз ҳамин авлод дар*

*Никнот, Киштут (Пастқурғон), дар Гузор ҳам ҳастанд. Дар Самарқанд дар гузари Дабид (Қорӣ Раҷаб), дар гузари Сӯзангарон (Мулло Абдулрасул) ҳам буданд. Дар Ғиждувон як зан ҳам будагӣ аз авлоди Абулҳасани Панҷрӯдӣ дар Ҳисорзамин ҳам будагӣ»* [3, 29].

Дар ин ривоят гӯянда худро аз авлодони Абулҳасани Рӯдакӣ ҳисобида, номи чанд нафари дигарро низ меорад, ки мансуб ба авлодони шоир мебошанд. Боқимондаи ин авлод ба деҳоту шаҳрҳои гуногун рафта, аз ҳам ҷудо умр ба сар бурдаанд. Масалан, дар деҳоти атрофи Панҷрӯд, аз он ҷумла Никнот, Киштут ва дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд шахсиятҳое бо номҳои Қорӣ Раҷаб, Мулло Абдулрасул, Камол Бобо, Солеҳ ва Собири Имон зиндагӣ мекардаанд, ки бозмондаи авлодони Муллоҳои Ҳавоӣ будаанд. Ҳамин тариқ, ровиёни мардумӣ бо ҳар гуна маълумот худро ба шаҷараи авлодони Рӯдакӣ алоқаманд мегардонанд ва аз эҳтимол дур нест, ки ин иттилооти нақлу ривоятҳои мардумӣ ном ба ном, насл ба насл ва забон ба забон интиқол ёфта, то замони мо омада расида бошанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар бархе аз ин ривоятҳо масъалаи бо ҳам монанд будани номҳо дар авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ ба назар мерасад. Аз маълумоти ин қабил ривоятҳо чунин бармеояд, ки аксарияти одамони ин авлод номашон ба Абулҳасани Рӯдакӣ монанд буда ва мувофиқи иттилоъи ин бахши осори мардумӣ ҳамон авлодро аз рӯи номҳояшон аз дигарон фарқ мекардаанд. Масалан, номҳои Абдулсамад, Абдуласад, Абдулкарим, Абдулраззоқ, Абдулҷаббор, Абдулхолиқ ва амсоли инҳо. Чунончи, дар ривояти «Мо аз авлодони Абулҳасан ҳастем» дар бораи номҳои авлоди Рӯдакӣ ва номгузории онҳо маълумот дода мешавад, ки муҳаббати халқ нисбат ба номи Абулҳасани Рӯдакӣ дар ин ҷо вонамуд мегардад. Мардум дар симои Рӯдакӣ шахсеро тасаввур мекунад, ки вай неку накӯкор, покизаву худошинос аст. Дар ривоят гӯянда аз хешу табори худ ёдовар шуда, номҳои чил нафар аз аъзоёни авлодашро меорад, ки бо ҳам монанд буда, мутааллиқ ба авлоди Рӯдакӣ мебошанд: *«Моя ҳам авлоди Мулло Абдулҳасан мегӯянд. Мо аз ҳамун авлод, мо ягон чил кас ҳастем. Номи моҳо як хел. Абдулсамад, Абдуласад, Абдулкарим, Абдулҷаббор, Абдулраззоқ,*

*Абдулхолиқ ва дигарҳо. Ҳамаи ин номҳо аз Абдулҳасан омадагӣ. Авлоди мо қабри мулло Абдулҳасана азиз медоштанд. Ҳеч кас сувор аз пеши Боғи Малик намегузашт. Одамҳое, ки ҷароҳату ярою касалӣ мешуд, ҳамунҷа мебурданд, дуо металабиданд, бемор шифо меёфт. Як та домулло будагӣ, писараш як рӯз қабати қабри мулло Абдулҳасанба аспаша мебандад. Падар мепурсад, ки бачам аспа куҷо бастӣ? Писар мегӯд, ки фалон ҷо, таги ҷӯ, ёни девори Боғи Мирба. Падар мегӯт, ки «Э, дав писарам, аспа кан, ки ун ҷа бисёр одами азиз хоб кардагӣ!.» Як буҳор аз пеши қабри мулло Абдулҳасан раҳ мекушоданд. Барои роҳ пушти як занакро буриданд. Занак Рӯдакия ҳақорат кард. Пагеш бачеш даргирифта мурд. Баъди чанд рӯз говаша гург хӯрд. Сонӣ худаш аз каравот ғалтида пояш шикаст. Ина ҳамун арвоҳи бузургвор зад»* [13, 11-12].

Азбаски Рӯдакӣ бо ашъори дилчасп ва дилнишини худ ба дилу дидаи халқ ҷой гирифтааст, мардум низ дар навбати худ назару андеша, ақидаву боварҳо ва эътиқоду муҳаббаташро алоқамандона бо ҳаёту ашъори ӯ дар нақлу ривоятҳо зикр намудаанд. Эътиқоди мардум оид ба арвоҳи Рӯдакӣ ва иҷозат надодани ҳар гуна ҳайвонот ба назди қабри шоир аз тарафи онҳо, инчунин бо қудрату тавоноию бузургӣ зиён расондани мазори бузургвор ба одамони нопоку ҳарзагӯй ниҳоят калон будааст, ки ин гуфтаҳоро ривояти боло собит менамояд. Ва ин бовару эътиқод то ҳол дар байни мардуми тоҷик роиҷ мебошад.

Вобаста ба масаъалаи шахсият ва обрӯву эътибори Рӯдакӣ дар байни мардумони баъзе аз маҳалҳои атрофи Панҷакент бо нияти нек ба фарзандони худ номи Рӯдакиву Абулҳасанро мегузоштанд. Мувофиқи маълумоти бархе аз ривоятҳо Рӯдакӣ дар деҳаи Рӯдак таваллуд шуда, баъд аз калон шудан ба Бухоро барои таҳсили илм рафтааст. Бояд тазаккур дод, ки аз рӯи ин маълумот дар он деҳа то ба имрӯз аз авлодони Рӯдакӣ боқӣ мондаанд. Дар байни мардумони бозмондаи авлодони Рӯдакӣ як расме будааст, ки онҳо номи худро якхела мегузоштаанд ва аз насл ба насл номи Абулҳасан ё Рӯдакӣ такроран ба фарзандони ин авлод гузошта мешудааст. Эҳтирому эътиқоди ин авлод барои номи Абулҳасан ниҳоят зиёд буда, онҳо барои зинда нигоҳ доштани исми шоир ҳамеша ба ин ном эҳтиром мегузоштаанд. Масалан, дар ривояти «Нияти нек»

чунин маълумот оварда шудааст: «*Дар деҳаи Шинг ва гирду атрофи он одатан аз қадим ба кӯдаки навзод гузоштани номи Абулҳасани Рӯдакӣ расм шудааст. Ин номро одамоне ба фарзанди худ мегузоранд, ки онҳо худро аз авлодои Рӯдакӣ меҳисобанд. Сабаби чунин номгузорӣ ин будааст, ки падару модари кӯдаки навзод мехоҳанд, ки фарзанди онҳо ба мисли Рӯдакӣ шахси донишманд ва шоири маҳбуби ҳамагон бошад. Барои ҳамин номи Рӯдакиро нағз медидаанд»* [85, 33-34].

Бовариву эътиқоди мардум оид ба шахсияти бузург будани шоир ва номгузории фарзандони худ бо нияти нек, ки ба исми шарифи Рӯдакӣ алоқаманд аст, дар ривояти мазкур инъикос ёфтааст. Гӯяндаи ривоят дар хулосаи нақли худ бо номи Рӯдакӣ гузоштани исми фарзандаш ифтихор мекунад ва бо орзуву умеди зиёд бо ин ният мехоҳад, ки фарзанди ӯ ҳам ба мисли Абулҳасан донову оқил ва шахсияти маълуму машҳур гардад. Ин қабил эътиқоду меҳрубонии мардум шаҳодат медиҳад, ки шахсият ва шоири бузурги халқ будани Рӯдакӣ дар қалби мардум ҷой гирифтааст.

Дар қаринаи дигари ин ривоят низ ахбори мавриди назар такрор шудааст. Ба андешаи мардум Абулҳасан, ки инсони донишманд ва шоири бузургу машҳур буд, бисёр одамон ба ин хотир номи фарзандони худро ба ӯ монанд мегузоштанд. Чунончи, ровии ривояти зайл мегӯяд: *«Ман борҳо ният мекардам, ки номи писарамро Рӯдакӣ гузорам. Барои ҳамин ба писарам номи ҳамон касро додам, то ки писари ман ҳам мисли Абулҳасани Рӯдакӣ одами донишманд ва шоири машҳур шавад. Охир ин хел шоир дар дунё нагузаштааст. Ман дуо мекунам, ки шумо ҳам бачаҳои ман мисли Абулҳасан шавед, камол ёбед ва ҳамеша азизи Парвардигор бошед»* [13, 22].

Ҳамин тавр, гӯянда дар охири суханони худ тибқи анъанаи қадимии мардуми тоҷик, яъне дуои хайр додан ба дигаронро истифода менамояд, ки ин одати мардумӣ то замони мо дар байни халқ боқӣ мондааст. Аммо асосан мақсади гӯянда дар ин ҷо дар атрофи ном гузоштани фарзандон бо исми Абулҳасан аст ва гӯянда таманно мекунад, ки дар оянда фарзандони онҳо низ ба

мисли Рӯдакӣ оқилу донишманд гарданд. Ин маълумот як навъ эҳтирому муҳаббати халқро нисбат ба симову шахсият ва номи Рӯдакӣ нишон медиҳад.

Хулоса, дар ривоятҳои ин бахш мардум шахсияти Рӯдакиро ҳамчун инсони бомаърифат, неку накӯкор, донишманди мушоҳидакор ва шахси бообурӯ тасвир намуда, мехоҳанд, ки насли минбаъдаи онҳо ба мисли ӯ маъруфу машҳур гарданд. Ин ҳама маълумоти ривояту нақлҳо барои дубора ҷовид нигоҳ доштани шахсияти шоир ёрӣ мерасонанд.

Тавре ки ба мо маълум гардид, ривояту нақлҳои мардумӣ, ки марбут ба ҳаёту фаъолияти Рӯдакӣ гуфта шудаанд, масъалаҳои муҳимми ба ҳаёти шоир наздикро муаррифӣ мекунанд. Ин осори мардумӣ хусусияти иттилоотӣ дошта, маълумоти таърихиро аз замоне ба замони дигар интиқол медиҳанд. Дар ривоятҳои марбута масъалаҳои мухталиф баён ёфтааст, ки то андозае шахсият, симо, кору амал, даврони кӯдакӣ, муносибату муоширати ӯ бо амирони Сомонӣ, чеҳраи шоирӣ ва пизишкии вай ва ҳамчунин, симои Рӯдакии ошиқ зоҳир мегардад. Инчунин, масъалаҳои нобиноии Рӯдакӣ аз назари мардум, мазору мадфани шоир ва муносибати авлодони Рӯдакӣ нисбат ба шахсият ва эҳтироми шоир дар ин осори мардумӣ воқеиву самимӣ тасвир шудааст, ки барои омӯхтани ҳаёту аҳволи ӯ муҳиманд. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки силсилаи ривояту нақлҳои мазкур барои бисёр паҳлуҳои рӯзгор ва осори шоир ба муҳаққиқони ҳаёт ва ашъори Рӯдакӣ кӯмак расонидаанд. Чунончи, маълум аст, барои муайян намудани ҷойи дафни Рӯдакӣ ба устод Айнӣ ва Герасимов нақлу ривоятҳои мардумони маҳаллӣ ёрии хубе расонида буданд. Аксари масъалаҳое, ки дар ривоятҳо баён ёфтаанд, ҷанбаҳои таърихӣ дошта, бегумон ба ҳаёту саргузашти Рӯдакӣ алоқаманд мебошанд. Таъсирпазирии ривоятҳои ин бахш аз осори хаттӣ низ масъалаи аҳаммияти назар аст, зеро аксари осори мардумии ин бахш дар заминаи маълумоти осори кутубӣ дар байни халқ густариш ёфтаанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки баррасӣ ва пажӯҳиши ин бахши ривоятҳои халқӣ барои улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти муҳимми назариву амалӣ дорад.

# БОБИ II
# АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ВА АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ

## Фасли 1. Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавқеи фолклор дар ашъори устоди шоирони Аҷам, сардафтари адабиёти форсии тоҷикӣ – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва шуҳрати шоир дар миёни оммаи халқ назаррас мебошад, зеро масъалаи мақоми осори пурарзиши халқӣ дар ашъори шоир яке аз мавзӯъҳои ҷолиб буда, тадқиқи он аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ дорад. Маъхазҳои таърихӣ ва адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки фолклор - жанрҳои гуногуни эҷодиёти даҳонӣ барои рушд ва такомули адабиёти ҳар давру замон нақши муҳим бозидаанд. Аз ин рӯ, дар ашъори аксари шоирони классику муосири тоҷик намунаҳои зиёди эҷодиёти шифоҳӣ истифода шудаанд, ки барои пурмазмуниву обу ранги ашъори бадеӣ хидмат кардаанд.

Пажӯҳишгарони осори Рӯдакӣ алоқамандии назми замони шоир ва махсусан ашъори ӯ бо эҷодиёти шифоҳии мардумро борҳо тазаккур додаанд. Адабиётшиноси тоҷик А. Раҳмонов дар асарҳои «Назария ва сайри таърихии устурашиносии форсӣ-тоҷикӣ» (1999), ва «Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ» (1999) оид ба унсурҳои устуравӣ дар адабиёти давраи Сомониён ва хусусан дар ашъори Рӯдакӣ, аз лиҳози таърихиву фарҳангӣ ва адабӣ баён намуда, аз ҷумла чунин менависад: «Аввалин устураҳои этиологӣ (пайдоиши ашё ва ҳодисаҳои табиат), космогонӣ (пайдоиши олам), этногонӣ (пайдоиши авлод) ва антропологӣ (пайдоиши одам), ки доираи ҳодисаҳои то исломият, аз замони падид омадани оламу Одам то аҳди Зардушту зардуштияро фаро мегиранд, дар рӯзгори Сомониён дар тафаккури бадеии адибон сурату сирати махсус пайдо намудаанд. Дар ин гуна устураҳо ишорат ба образу симоҳои асотирию рамзӣ ва ривоятӣ, инчунин арзишҳои маънавии қадимие зуҳур меёфтанд. Дар зеҳн ва тасаввуроти бадеии шоир маданияти ҷаҳон ҷой гирифтааст ва он арзиши асотирӣ дорад. Чунин чашмандози бадеии асотириву таърихӣ дар осори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони вай ниҳоят зиёд аст» [93,78-81].

Дар илми фолклоршиносии тоҷик оид ба симоҳои асотириву тахайюлӣ фолклоршиносону мардумшиносон, муҳаққиқон И. С. Брагинский, О. Муродов, М. Ҳазратқулов, Д. Обидов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимов ва дигарон мақолаву китобҳо чоп кардаанд. Дар асари шарқшиноси рус И.С. Брагинский «Из истории таджикской народной поэзии» (1956) ҷо-ҷо дар бораи махлуқоти асотирӣ иттилоъ дода шудааст. Доир ба ин масъала мардумшинос О. Муродов китобу мақолаҳои зиёде ба табъ мерасонад. Асарҳои ӯ «Древние образы мифологии таджиков долины Зеравшана» (1979) ва «Дар пардаи сеҳру ҷоду» (1990) мебошанд, ки бовару эътиқодоти мардумро дар хусуси махлуқоти асотирӣ нишон додааст. Баъдтар М. Ҳазратқулов «Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам» (1986), Д. Раҳимов «Чинори пургул» (2008) ва чанд тани дигар тавассути мақолаҳои алоҳида дар хусуси баъзе чеҳраҳои махлуқоти фавқуттабиӣ дар афсонаҳои халқӣ ибрози ақида намудаанд. Бо вуҷуди ин, дар бораи махлуқоти тахайюлӣ ва симоҳои асотирӣ дар ашъори Рӯдакӣ на танҳо тадқиқот, балки ҳатто мақолаи мукаммале то ҳол рӯйи чоп наомадааст. Бар замми ин, таҳлили симоҳои асотирии ашъори боқимондаи устод Рӯдакӣ дар асоси нақлу ривоятҳои мардуми тоҷик то ба ҳол анҷом нашудааст. Аз ин лиҳоз, ҳадафи ин қисмати диссертатсия таҳлили тасвири бархе аз устураҳои тахаюлӣ дар ашъори Рӯдакӣ буда, он дар асоси баррасии «Девон»-и Рӯдакӣ, ки ҳудудан 1045 абётро ташкил медиҳад, анҷом мегардад ва оид ба мавриди истифодаи онҳо ибрози андеша хоҳад шуд.

Одамони қадим ба ҳар гуна мавҷудоти ғайриодӣ бовару эътиқоди зиёд доштанд ва фаҳмишу биниши онҳо нисбат ба мавҷудияти устураву боварҳо қавитар буд. Онҳо дар ҳаёту зиндагии худ вобаста ба фаҳмишу дарк ва тасаввуроташон симоҳои тахайюлӣ офарида, роҷеъ ба онҳо дар намунаҳои эҷодиёти шифоҳӣ чун: ривояту афсона, устураҳо, ҳикояту қисса ва нақлу ёддоштҳо изҳори ақида менамуданд. Дар матнҳои осори фолклорӣ, махсусан, дар афсонаву қисса, устураву ривоятҳо образҳои тахайюлии дев, парӣ, аждаҳо, аждар, ҷин (аҷина), албастӣ, деви сафед, деви ҳафтсар ва ғайраро дучор мешавем.

Аз мутолиа ва баррасии ашъори Рӯдакӣ чунин бармеояд, ки осори ӯ бо аксари жанрҳои эҷодиёти шифоҳии мардум алоқаи наздик дорад. Чуноне ки ба

мушоҳида мерасад, дар ашъори Рӯдакӣ тавсифи чеҳраҳои асотирии фавқуттабиӣ дар байтҳои алоҳида, рубоиву қасоид ва шеърҳои ғазалгунааш ба чашм мерасанд. Осори шоир фарогири бисёр русум ва одатҳои мардумӣ мебошад. Шоир аз бовару эътиқодоти мардум нисбат ба устураҳои тахайюлӣ ва дигар одатҳои омиёна хабардор будааст ва ҳангоми мутолиаи шеърҳои ӯ хонанда ба зудӣ ин масъаларо пай бурда метавонад. Рӯдакӣ шоири тавонову ботаҷриба буда, бо тамоми нозукиҳову зебоиҳои зиндагии одамон ба чашми ҷаҳонбину мушоҳидакор менигарист. Аз ашъори пурмазмуну сода ва оммафаҳми шоир бармеояд, ки таҷрибаи ҳаётии ӯ ниҳоят зиёд буда, ӯ ба ҳикмати халқ ва эътиқоду бовари мардум майлу рағбати хосса доштааст.

Шоир чеҳраҳои асотирии дев, аждаҳо, шайтон, симурғ, ҷин, парӣ ва ғайраро дар якчанд абёти хеш зикр намудааст, ки ин калимот дар байте ба маънии аслӣ ва дар ҷойи дигар маҷозан истифода шудаанд. Масалан, «дев» устураи тахайюливу афсонавиест, ки мувофиқи маълумоти ривояту афсонаҳои халқӣ тани ӯ шабеҳ ба инсонҳо буда, аммо бисёр калону зишт ва дорои шоху дум будааст. Дар замонҳои қадим онро мавҷуди гумроҳкунанда ва бадкору бадрафтор ба мисли шайтон мегуфтанд. Инчунин, дар байни халқ мардони қавиҳайкал ва танумандро «дев» мегӯянд. Вожаи «дев» дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» (1990) чунин шарҳ дода шудааст: «Дев мавҷуди афсонавии калонҷусса ва ҳайбатнок, монанди ҷин, аҷина, шайтон, ифрит, ғӯл ва ғайра мебошад» [134, 93].

Мардумшинос О. Муродов дар асари худ «Дар пардаи сеҳру ҷоду» доир ба «дев» чунин менависад: «Девҳо душмани одамизод пиндошта мешаванд. Дар нақлу ривоятҳои қадимӣ гуфта мешавад, ки онҳоро гӯё қаҳрамонҳои афсонавӣ – Таҳмураси Девбанд, Ҷамшед, Рустам, Искандар, Алӣ, Эраҷ барин қаҳрамонҳо тасхир намуда, ба паси кӯҳи Қоф ронда, пеши роҳашонро қирдевор сохта, тилисм намудаанд ва қасам додаанд, ки ба одамизод зарар нарасонанд» [75, 88].

Дар аксар фарҳангу луғатномаҳо калимаи «дев» ба маънии ҳамон махлуқи асотирӣ зикр шудааст. Дар осори бадеӣ доир ба устураи «дев» маълумоти хубе дар қиссаи «Аҳмади девбанд»-и устод Айнӣ ба чашм мехӯрад, ки нависанда ин

асарро дар асоси қиссаву ривоят, афсонаву ҳикоёти халқӣ таълиф намудааст. Дар ин асар нависанда дар бораи қаҳрамонии Аҳмад ном ҷавони чолоку нотарс, ки гӯё қобилияти девбандӣ доштааст, иттилоъ медиҳад. Инчунин, тавассути ин қисса устод Айнӣ бисёр урфу одатҳои хурофотии мардумро маҳкум менамояд. Ин асар натанҳо асари бадеист, балки хусусиятҳои равоншиносиву таърихӣ низ дорад.

Дар мавриди истифодаи ин калима дар ашъори устод Рӯдакӣ бошад, мо онро танҳо дар як байте аз ашъори шоир дучор омадем, ки ба маънии ҳамон устураи тахайюлӣ истифода шудааст. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи ашъори устод Рӯдакӣ Қодири Рустам чунин нигоштааст: «Зайғаме насл пазируфта зи дев» - манзур асп аст ва мисраъ мутаассир аз бовари арабон аст, ки баъдан миёни ҳамаи муслимин интишор ёфт» [11, 203]. Яъне дар байни мардуми араб расм буда, ки париёни саркаш ва аспи тезтакро шайтон мехондаанд. Ба ин ақида мо низ ҳамфикр ҳастем, зеро мазмуни абёти зер ба ҳамин масъала далолат мекунад. Аз ин рӯ, шоир дар ин абёт тавсифи асперо мекунад, ки феълан аз зайғам ва дев насл гирифта, ба мисли оҳу чобуку даванд гардидааст:

Зайғаме, насл пазируфта зи **дев**,
Оҳуе ном ниҳода якрон.
Офтобе, ки зи чобукқадамӣ
Бар сари зарра намояд ҷавлон [11, 59].

“Аждаҳо” номи махлуқи бадҳайбати асотирии мардумони эронитабор мебошад, ки дар баъзе тасвирҳо он се калла дошта, аз даҳонаш оташ мебаровардааст. Аждаҳо инчунин, дар шакли мори бузург, мори калонҷуссаи афсонавӣ, ки дасту пойи кӯтоҳ ва бол доштааст, дар тасаввуроти халқ пиндошта мешавад. Дар Авесто вожаи «аждаҳо» дар шакли «Ажидаҳок, номи махлуқи офаридаи Аҳриман аст, ки се каллаву се пӯзаву шаш чашм дошта, мехоҳад ҷаҳонро аз мардумон холӣ кунад» [2, 68].

Дар бисёр афсонаҳои тоҷикӣ тимсоли «аждаҳо» ҳамчун махлуқи зараррасон тасвир ёфтааст, аммо дар баъзе афсонаҳо қаҳрамонҳои мардумӣ дар ҷанг бо аждаҳо пирӯз меоянд. Чунончи,  дар афсонаи «Подшоҳ ва аждаҳо»

оварда мешавад: «Онҳо вақте ки аждаҳорро мекушанд, бо хушу хурсандӣ боз ба шаҳри азизи худ бармегарданд. Халқ онҳоро бо хушу хурсандӣ пешвоз мегиранд ва ба ин шикорчии паҳлавон подшоҳ духтари худро бо нисфи давлаташ тақдим мекунад» [146, №4927-5248].

Дар ашъори Рӯдакӣ вожаи «аждаҳо» дар як маврид ба чашм мерасад, ки он ҳам ба маънии ҳамон махлуқи афсонавию асотирӣ истифода шудааст. Аждаҳо дар қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ ба сифати махлуқи бузургҷусса тасвир мешавад, аммо шоир дар ин абёт таъкид мекунад, ки Сифандёру аждаҳо бо вуҷуди пурзӯриву шуҷоатмандӣ дар пеши майи ҷӯшидаистода ҳеҷанд. Яъне шоир дар абёти фавқ оҷизии Исфандёру аждаҳоро нисбат ба майи ҷӯшида нишон додааст:

В-арш бидидӣ Сифандёр ғарқи разм,
Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон…
Душман агар **аждаҳост**, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон! [11, 55-56].

Оид ба махлуқи афсонавии «аждаҳо» дар Донишномаи Рӯдакӣ (2008) М. Ҳоҷиматов менависад: «Ҳаминро ҳам бигӯем, ки аждаҳои бузургҷусса, ки то 10 метр дарозӣ дорад, вуҷуд дошт, ки ҳини ҳафриёт пайдо кардаанд. Алҳол ҳам баъзе гунаи сусморҳо (Аждаҳои Комодо) ва морҳои азими анаконда, питон ва дигарҳоро аждаҳо мешуморанд (аз ҷумла сусморе, ки дар Тоҷикистон сукунат дорад аз ҷинси онҳост)» [130, 84-85].

Ҳамин тавр, аз маълумоти зикргардида бармеояд, ки дар тасаввуроти мардум «аждаҳо» махлуқе азимҷуссаву зараррасон воқеъ будааст. Аммо ба назари мо мардум морҳои азимҷуссаро низ бо номи «аждаҳо» мешинохтаанд. Дар шеъри Рӯдакӣ ҳам анъанаи бовар доштан ба махлуқоти тахайюлии асотирӣ тасвир ёфтааст.

Махлуқи асотирии «парӣ» низ ба гурӯҳи симоҳои фавқуттабиӣ шомил мешавад. Парӣ яке аз чеҳраҳои тахайюлии қадимии мардумони ориёӣ буда, нисбат ба он дар ривояту афсона, ҳикоятҳои хоб, қисса, устураҳои қадимӣ ва инчунин дар сарчашмаҳои таърихиву фолклорӣ маълумот дода шудааст.

Истилоҳи «парӣ» таърихан калимаи қадимии тоҷикӣ буда, маънояш “рӯҳи парранда” мебошад. Мувофиқи маълумоти ривояту афсонаҳои халқи тоҷик париҳо дар шакли ҳар гуна махлуқоти ғайриодӣ даромада, ба одамони пок ошиқ мешудаанд. Ва далели ин гуфтаҳо маълумоти мардумшинос О. Муродов аст, ки ӯ чунин менависад: «...париҳо ҳам махлуқи Худо буда, дар паси кӯҳи Қоф зиндагонӣ мекардаанд. Онҳо худро ба ҳар гуна қиёфа дароварда метавонистаанд. Дар байни мардум, ки даромаданд, намуди одамӣ мегирифтаанд. Онҳо дар боғу майдонҳо, кӯҳу саҳроҳо сайру гашт намуда, ба каси хостагияшон ошиқ мешудаанд» [18, 10].

Аз маълумоти сарчашмаҳои таърихиву фолклорӣ чунин бармеояд, ки париҳо махлуқоти асотирӣ буда, дар гузашта онҳоро ҳамчун олиҳаи ишқ мепарастиданд. Инчунин, дар байни мардуми тоҷик шахсоне, ки бо париҳо сару кор доранд, онҳоро «паривара», «паридор» ва «париошиқ» мегӯянд. Дар фарҳанги мардуми мо духтарони зеборӯйро «парӣ», «париваш» ва «парирӯй» низ мегӯянд.

Дар ашъори Рӯдакӣ калимаи «парӣ» дар ҳамин шакл истифода нашудааст. Шоир, ҳамчун тасвири шоирона, таъбироти «париваш» ва «парирӯй»-ро маҷозан ба қалам медиҳад, ки маънии зебо, хушрӯй, соҳибҷамолро ифода мекунанд. Ҳамчунин, дар байти зер  вожаи “паривашон” бо мазмуни зебоёни мисли парӣ, хубони монанди парӣ, соҳибҷамолон, зеборухон ифода ёфтааст:

Ай Маҷ, кунун ту шеъри ман аз бар куну бихон,
Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану равон.
Гӯрӣ кунему бода хурему бувем шод,
Бӯса диҳем бар ду лабони паривашон [11, 58].

Дар байти дигар Рӯдакӣ калимаи «парирӯй»-ро маҷозан ба маънии зебо, хушрӯй, соҳибҷамол, паричеҳра, он ки рӯяш чун рухсораи парӣ бошад, парирух истифода кадааст. Шоир дар ин байт санъати ташбеҳро ба кор бурдааст:

Аз кафи турке сиёҳчашми парирӯй,
Қомати чун сарву зулфакон-ш чавгон [11, 192].

Вожаи «парирӯй»-ро Рӯдакӣ дар байти зерин низ ба маънии маҷозӣ: ба мисли парӣ, хушрӯю зебо тасвир карда, зикр менамояд, ки вақте парирӯйе бемор мешавад, албатта  аз ин дунёи муваққатӣ ё ҷаҳони бебақо дилсард мегардад. Ибораи «сарои сипанҷ» дар ин ҷо киноя аз ҷаҳони бебақо ва фонӣ, дунёи бевафо ва нопойдор аст:

Чу гашт он парирӯй беморғанҷ,

Бибуррид дил з-ин сарои сипанҷ [11, 116].

Хулоса, вожаи «парӣ» низ ҳамчун махлуқи афсонавию тахайюлӣ дар байни халқ маъруф буда, оид ба он мардуми тоҷик ақидаву боварҳои гуногун дорад. Дар ашъори шоирон бошад, ин вожа ҳам маҷозан ва ҳам ба маънии  аслӣ истифода мешавад. Дар шеъри Рӯдакӣ  ин калима бо шаклҳои гуногун ба маънии маҷозӣ ба кор рафтааст ва аксаран ба зебоию беолоишӣ далолат дорад.

Шайтон яке аз тимсолҳои асотирии динӣ буда, он дар байни мардуми тоҷик ҳамчун симои манфӣ дар эҷодиёти шифоҳиву хаттӣ тавсиф шудааст. Шайтон дар ибтидои офариниш яке аз фариштагони офаридаи Худованд буда, номаш Азозил будааст. Вақте ки Аллоҳ инсони нахустин – Одамро аз гил меофарад ва ба тани ӯ ҷонро медамад, малоикро амр мекунад, ки барои таҳният ба Одам таъзим намоянд. Ҳамаи фариштагон саҷда меоранд, аммо Азозил аз таъзим кардан ба ин вуҷуди хокӣ саркашӣ мекунад. Зеро вай бо кибру ғурури зиёд бо Худованд баҳс мекард ва мегуфт, ки ту маро аз нур офаридиву Одамро аз гил, аз ин рӯ, ман ҳеч гоҳ дар назди ин махлуқи хокӣ таъзим намекунам. Дар натиҷа бо амри Худованд ӯ аз олами улвӣ ронда шуда, ҳамаи шукуҳу нуру иқбол аз ӯ бармегардад.

Шайтон мекӯшад, ки бо тарзҳои гуногун мусалмононро васваса намуда, аз роҳ барорад ва ба гуноҳ кардан водор созад. Тимсоли «шайтон» маҷозан ба маънии амали бад, кори зишт, бадкорӣ, бадкирдорӣ ва нофармонӣ  истифода мешавад. Дар гуфтори мардуми тоҷик таъбири «шайтонӣ накун!» низ роиҷ аст, ки мазмуни манфӣ дорад, яъне гӯяндаи ин сухан таъкид мекунад, ки феъли бади хабаркашиву фиребгариро бояд инсон надошта бошад. Инчунин, дар эҷодиёти шифоҳии мардум роҷеъ ба чеҳраи тахайюлии «шайтон» як зумра ривояту

афсона, латифа ва мақолу зарбулмасал мавҷуд мебошанд, ки дар онҳо тасвири ин махлуқи тахайюлӣ бозтоб шудааст. Мардум шахсони бадкирдору бадфеълро «шайтон» мегӯянд.

Устураи тахайюлии «шайтон» дар ашъори Рӯдакӣ ҳамчун тимсоли манфӣ тасвир шудааст. Рӯдакӣ дар қасидаи «Модари май» тарзи тайёр намудани майро тасвир намуда, феъли май ё ин ки таъсири майро, ки нӯшандагонро бехуд мекунад, феълан ба шайтон вобаста медонад. Чунки дар ин ҷо «зодани шайтон» маънии афъоли бад, муносибатҳои беҷоро ифода кардааст. Яъне, ташбеҳоти «уштури маст» ва «кафк баровардани он аз хашм», ки аз майи ноб сармаст гардидааст, ба феъли бади шайтон нисбат дода мешавад:

Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму зояд шайтон [11, 53].

Дар байти дигар Рӯдакӣ феъли бади шайтонро ба таври манфӣ тасвир намуда, хисолу рафтори онро ба ҷин, ки он ҳам махлуқи устуравист, монанд кардааст:

В-арчи дусад тобеъа фиришта дорӣ,
Тезпаре бозу ҳар-ч ҷиннию шайтон [11, 57].

Ҳамин тариқ, вожаи «шайтон» дар ду байти Рӯдакӣ истифода шуда, ки ишорат ба ҳамон махлуқи асотирӣ дорад. Ва шоир хислату амалиёти шайтонро бештар ғайри қобили қабул мепиндорад ва онро ба ҷин монанд мекунад, ки ин ақида дар байни халқ ҳам роиҷ мебошад. Чунки мардуми мо низ одамони бадфеълро ба шайтон нисбат медиҳад.

Ҷин ё (аҷина) устураи дигари тахайюлист, ки дар тасаввуроти одамон ҳамчун махлуқи боҳашамат ва зараррасон мебошад. Чунончи, дар саргаҳи Зарафшон, алалхусус, дар деҳоти атрофи ноҳияи Панҷакент оид ба мавҷудияти аҷина дар афсонаву ривоёт ва ҳикояҳои хоб ва хобгузории мардум маълумоти зиёде дода шудааст. Масалан, то имрӯз ақидае ҳаст, ки дар намози шом кӯдакро дар берун танҳо нагузоранд, зеро одамони калонсоли хона мегӯянд, ки «кӯдакро танҳо нагузоред, ки аҷина мебарад». Масъалаи дигар ин аст, ки дар баъзе аз маҳалҳои шимолии Тоҷикистон одамони бадфеълро лақаби «ҷиннӣ» мегузоранд.

Калимаи «ҷиннӣ» то имрӯз дар байни халқ дар муошират роиҷ аст ва он ҳангоми ҷангу низоъ дар байни одамон истифода мешавад. Махлуқи асотирии «аҷина» дар байни халқ ҳамчун чеҳраи зишту манфӣ арзёбӣ мешавад, ки чун махлуқи зишту бадҳайбат ё сиёҳии боҳашамат аксар вақт дар хоби одамон даромада, ба онҳо тарсу бимро мерасонад. Аз ин рӯ, мардум ин махлуқи бадҳайбату зиштро ба бадӣ ёд мекунанд.

Аз маълумоти афсонаву ҳикоятҳои шифоҳӣ ҳувайдост, ки ҷойи сукунати аҷинаҳо ғорҳо, лаби чашма, дар атрофи порутӯдаҳо, таги чинор, дар пушти дарвозаву деворҳо, дар ҷойи хокистардон ва ғайра мавҷуд будааст. Одамони калонсол ҳамеша таъкид мекунанд, ки ҳеч гоҳ аз болои хокистар ва порутӯдаҳо гузаштан мумкин нест, зеро дар он ҷо аҷина ҳаст ва ба одамизод зарар мерасонад.

Оид ба махлуқи асотирии ҷин (аҷина) ва бовару эътиқоди мардум нисбат ба он муҳаққиқ О. Муродов дар китоби «Древние образы мифологии у таджиков долины Зеравшана» (1979) чунин менависад: «Аз қадим мардуми тоҷик шабонгаҳ пас аз хӯрдани таом зарфҳоро ношуста намегузоштанд, зеро онҳо бо боварӣ мегуфтанд, ки «агар зарфҳоро дар шаб ношуста гузоранд, аҷина онҳоро мелесад ва файзу баракати ин хонадон мепарад» ва инчунин, дар шаб дастархонро наметаконанд, ки хосияти хубе надорад» [124, 84].

Бовару эътиқоди мардуми мо нисбат ба мавҷудияти аҷина ниҳоят зиёд буда, дар хобгузорӣ ва ҳикоятҳои хоб, дар афсонаву нақлҳое, ки аз байни мардум ҷамъоварӣ шудаанд, ба назар мерасанд. Дар Фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ намунаҳои зиёди ҳикояту қисса ва ривоятҳо дар бораи тасвири аҷина сабт шудаанд, ки то ба имрӯз нигоҳ дошта шуда, мавриди истифода қарор доранд. Як қисми ин гуна ҳикоёту ривоёти халқӣ дар асарҳои фолклорӣ нашр шудаанд, ки дар китобномаи диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Дар ашъори Рӯдакӣ махлуқи асотирии «аҷина» дар шакли «ҷиннӣ» танҳо дар як мисраъ ба чашм мерасад, ки шоир андешаашро маҷозан, яъне «ҷиннӣ»-ро феълан ба шайтон монанд кардааст. Тобеъа – шайтонест, ки ба шоир илҳоми

шеъргӯйӣ мебахшад ва ин аз ақидаву боварҳои давраи ҷоҳилияти мардуми араб будааст, ки баъдтар тавассути шоирони араб ба ашъори шуарои мо ворид шудааст. Дар ин хусус донишманди эронӣ Шафеъии Кадканӣ чунин менигорад: «Тобеъа: шайтоне, ки ба шоир шеърро илҳом мекунад. Аз ҷумлаи ақоиди арабии давраи ҷоҳилият яке ин будааст, ки ҳар шоире шайтон ё ҷинне дорад, ки мояи илҳоми шеърҳои ӯст ва мепиндоштаанд, ки ҳар кас шайтони ӯ нерумандтар бошад, шеъраш беҳтар аст… Ин шайтон ё ҷинни илҳомдиҳандаи шуъароро адибони араб «тобеъа» мехондаанд. Эътиқод ба «тобеъа» дар миёни шуъарои форсизабон низ ба тақлид аз шуъарои араб ривоҷ ёфта ва дар шеъри бисёре аз қудамо, аз ҷумла, Рӯдакӣ ва Носири Хусрав ва Ҷамолуддини Исфаҳонӣ ва иддаи дигар аз шуъаро метавон дид» [41, 456-457]. Ва дар ин замина метавон гуфт, ки дар ин байт ҷозибаву қувватдиҳандагии май нишон дода мешавад, зеро ин байт аз дохили қасидаи «Модари май» аст. Ҳаминро ҳам бояд ёдрас шуд, ки шояд Рӯдакии бузург дар ин ҷо аз фариштаи нерудиҳандаи илҳоми шеърнависӣ доштани худ сухан гуфта бошад, чунки аз мазмуни абёти пеш аз ин байт овардашуда мазмуни ҳамин матлаб бармеояд. Дар ин байт ибораи «ҷиннию шайтон» зикр шуда, ки ҳардуи ин образҳои манфӣ маҷозан ба маънии феъли баду рафтори ношоям истифода шудаанд:

В-арчи дусад тобеъа фиришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч **ҷиннию** шайтон [11, 57].

Аз ин рӯ, чунин натиҷа бардоштан мумкин аст, ки вожагони «ҷиннию шайтон» бештари маврид, ҳам дар осори хаттӣ ва ҳам дар адабиёти шифоҳӣ, ба маънии манфӣ ифода мешаванд. Дар ашъори Рӯдакӣ ҳам ҳамин гуна аст.

Симурғ ба гурӯҳи устураи паррандагон дохил мешавад. Симурғ номи паррандаи асотирист, ки мувофиқи маълумоти маъхазҳо он мурғе будааст, ки ҳар ранге дар парҳои соири мурғони дигар вуҷуд дошта бошад, дар парҳои вай дида мешудааст. Симурғ мурғи баландпарвоз буда, вай гӯё дарвозабони Моҳ ва Офтоб будааст. Дар Авесто (Яштҳо) гуфта шудааст, ки «Симурғ мурғи бузургҷуссаи фарохболест, ки дар асנои парвоз сояаш паҳноии кӯҳро фаро мегирад, абрҳо аз ҳаракати болҳои ӯ парешон мешаванд» [2, 698].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои дигар Симурғ мурғи афсонавиест, ки гӯё дар баландтарин қуллаҳои кӯҳи Қоф мезистааст. Дар таърихи исломӣ Симурғ дар шакли Анқо вомехӯрад [135, 222].

Дар ашъори Рӯдакӣ калимаи «Симурғ»-ро танҳо дар як байт вохӯрдем, ки он дар манзумаи «Калила ва Димна» тасвир шудааст. Симурғ дар тасвири Рӯдакӣ подшоҳи мурғон буда, симои шоҳи одилу додрасро муаррифӣ мекунад. Симурғ лонаву бачаҳои мурғи Тайтуро, ки вакили дарё даррабуда буд, бозситонида ба Тайту медиҳад. Байт:

Подшо Симурғ дарёро бибурд,
Хонаю бачча бад-он Тайту супурд [11, 105].

Як зумра афсонаву ривоятҳо низ дар бораи Симурғ маълумот медиҳанд, ки дар онҳо оид ба лонаву ҷойи зист ва тасвири ин мурғи тахайюлӣ иттилоъ дода мешавад. Дар афсонаҳои «Подшоҳбача ва Симурғ», «Шоҳдухтари чилгазамӯй», «Мурғи заррин», ки дар бойгонии Фонди фолклори тоҷик маҳфузанд, гуфта мешавад: «Як чанори бузурге вуҷуд дорад, ки дар шохаҳои он ва дар поёни он чашмае ё ҳавзе мавҷуд аст. Симурғ ҳар сол чӯҷаҳо мебарораду онҳоро ё аждаҳои ҳавзу кӯл ё мори чашма ва ё балои дигаре мехӯрдаанд. Қаҳрамони афсонаҳо, ки дар зери дарахти чинор ба хоби роҳат аст, аз фиғони чӯҷаҳо бедор мешавад ва мебинад, ки мори бузурге ба танаи чинор печида бачаҳои Симурғро хӯрданист. Шамшерро аз ғилоф кашида, морро кушта ба бачаҳои Симурғ медиҳад ва худ боз ба хоби паҳлавонӣ меравад. Симурғ ӯро ба ивази некиаш ба дунёи равшан мебарорад ва ӯ ба муроду мақсадаш мерасад» [150, №4926-5247].

Чи тавре ки аз маълумоти маъхазҳо бармеояд, мардум нисбат ба Симурғ ихлосу эътиқоди қавӣ доштаанд ва номи ин мурғи афсонавӣ ҳам дар ашъори шоирони классикиву муосир ва ҳам дар осори шифоҳии мардум мусбат ва зиёд зикр ёфтааст.

Ҳамин тариқ, махлуқоти фавқуттабиӣ намунае аз тимсолҳои асотирии офаридаи одамон буда, дар фарҳангу адабиёти мо чун симоҳои таърихиву фарҳангӣ қабул гардидаанд ва дар осори хаттиву шифоҳӣ ҳамеша аз онҳо ёдоварӣ мешавад. Ба андешаи ин ҷониб, ҳамаи ҳайвоноту ҳашаротҳои

зарарrасон, ки ба зиндагиву ҳаёти одамон халал мерасонанд, дар байни мардум ба шакли деву парӣ, аҷинаву шайтон таҷассум ёфтаанд. Рӯдакӣ, ки худ шоири хушсухану ботаҷриба ва бархурдор аз суннату ойин ва таъриху фарҳанги мардумони форсизабон буд, дар ашъори худ ҷо-ҷо аз ин гуна устураҳо ёдовар шудааст. Тавре маълум гардид, дар абёте, ки дар онҳо унсурҳои асотириву тахайюлӣ ба кор рафтааст, шоир ин қабил унсурҳоро ҳам ба маънии аслӣ ва ҳам ба маънии маҷозӣ ба кор бурдааст. Бо истифода аз ин гуна унсурҳо шоир ба бовару эътиқодоти мардум нисбат ба махлуқоти фавқуттабиӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Яъне, ин абёт гувоҳ бар он аст, ки тахайюлоти чеҳоаофаринии мардуми ориёиасл заминаҳои хеле қадимӣ дошта ва шоир низ аз эътиқоду боварҳои марбут ба замонҳои куҳан бархурдор будааст.

## Фасли 2. Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Рӯдакӣ

Аз таҳлили ашъори шоир ва тадқиқоти донишмандон бармеояд, ки осори Рӯдакӣ бо аксари жанрҳои эҷодиёти шифоҳӣ алоқамандӣ дорад. Зарбулмасалу мақолҳои халқӣ чун осори мукаммали аз таҷрибаву мушоҳидаҳои одамон бавуқуъомада барои зеботару фаҳмотар шудани мазмуни ашъор дар эҷодиёти аксарияти шоирони гузаштаву имрӯзаи мо истифода шудаанд. Зарбулмасалҳоро одамон аз таърихи гузаштаи дур, аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳанд ва аксарияти зарбулмасалу мақолҳо аз таҷрибаи ҳаётӣ ва рӯзгори мардум ба зуҳур омадаанд. Дар хусуси таъриф ва тавсифи жанри зарбулмасал фолклоршиноси тоҷик Бозори Тилавзод дар асари тадқиқотии худ «Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок» чунин менависад: «Зарбулмасал матни мӯҷази таърихан ба вуҷудомада ва аз нигоҳи семантикию грамматикӣ устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум дар контекстҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва психологӣ хулоса шудаанд» [127, 265].

Роҷеъ ба таъсирпазирии адабиёти хаттӣ аз фолклор профессор Шарифҷон Ҳусейнзода тадқиқоти хуберо дар мисоли «Рӯдакӣ ва фолклор» анҷом дода, се

тарзи истифодаи зарбулмасалҳоро дар ашъори ин шоир баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ дар ин хусус менависад: «Албатта, Рӯдакӣ зарбулмасал ва ҳикматҳои халқиро на аз китобҳо, балки бевосита аз халқ ва аз забони ӯ ёд гирифта, онҳоро дар эҷодиёти худ ба таври васеъ ба кор бурдааст. Ҳар кадом зарбулмасали овардашуда барои ифода намудани мақсади асосии шоир кӯмак расонидаанд» [115, 83].

Ҳамчунин, пажӯҳишгарони дигар чун А. Афсаҳзод, И. С. Брагинский ва дигарон дар ин хусус ишораҳо доранд, ки дар мақолаву асарҳои худ вижагиҳои корбурди мақолу зарбулмасалҳоро дар шеъри Рӯдакӣ дарёфт намудаанд. Ҳамон тавре ки А. Афсаҳзод менависад: «Шеваи кори устод Рӯдакӣ дар истифодаи зарбулмасалҳо ва мақолҳои мардумӣ он аст, ки ӯ ин ҳикматҳоро дар матн, дар мақоми хеле табиӣ бо таззодҳо ё тафсири онҳо ба кор мебарад, ки ҳам шевоӣ ва ҳам мазмуни шеърро баланд мебардорад ва ҳам ҳикматнокии онро меафзояд ва ҳам арзиши гуфтори шоирро хуб ҷилва медиҳад...» [57, 275].

Аз чунин андешаву баррасии муҳаққиқ маълум мешавад, ки ашъори Рӯдакӣ бо эҷодиёти шифоҳӣ алоқаи ногусастанӣ доштааст ва ба назари мо ҳам чунин менамояд, ки Рӯдакӣ аз давраи хурдсолияш дар байни халқ ва махсусан, аз забони ровиёни мардумӣ осори пурғановати халқро аз худ намуда будааст. Ҷиҳати дигари истифода аз зарбулмасалу мақолҳо дар шеъри ӯ ин аст, ки ҷанбаи тарбиявию ахлоқии инҳо барои мардум зоҳир мегардад. Рӯдакӣ тавассути ин гуна абёти хеш мардумро ба роҳи росту дуруст ва тарбияву маслиҳатҳо дар заминаи таҷрибаи ҳаётӣ водор менамояд.

Фолклоршинос Д. Раҳимов низ андешаҳои хешро роҷеъ ба равобити осори Рӯдакиву эҷодиёти шифоҳӣ дар як чанд мақолаи алоҳида баён намудааст. Ӯ дар баробари андешаҳои худ аз осори шоир мисолҳо оварда, бо зикри мисраъҳои шеърӣ фикри хешро тақвият додааст: «На танҳо дар шеъри Рӯдакӣ, балки дар осори қариб ҳамаи адибони адабиёти форсу тоҷик истилоҳи «масал» барои ифодаи навъи хурди адабиёти китобию шифоҳӣ зарбулмасал ба кор рафтааст. Чунончи, Рӯдакӣ дар мисраи зерин чунин гуфтааст:

Дурусту рост кунод ин масал Худой варо:

«Агар бибаст яке дар, ҳазор дар бикшод» [130, 84-85].

Дар ҳошияи ақидаҳои донишмандон ҳаминро бояд зикр намоем, ки Рӯдакӣ худ зодаи деҳоти кӯҳистони тоҷик буд ва албатта аз фарҳанг, одату русум ва ҷашну маросимҳои мардум бехабар буда наметавонист, зеро аз ибтидо шоир чун дигарон дар ҳалқаи панду андарзҳои волидайнаш ба воя расидааст. Аз ин рӯ, ӯ дар ашъори худ аз ҳикмати арзишманди мардум самаранок истифода намудааст.

Асосан истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар назми хаттӣ ба се навъ аст: асосан, бо каме тағйирот ва мазмунан. Аммо ба назари мо дар шеъри Рӯдакӣ ду тарзи истифодаи он маъмул аст.

Аз мутолиаи нусхаҳои гуногуни «Девони Рӯдакӣ» бармеояд, ки зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар ашъори шоир дар ду шакл: айнан ва мазмунан ба кор рафтаанд. Ҳамаи он зарбулмасалу мақолҳое, ки дар ашъори Рӯдакӣ истифода шудаанд, метавонем аз лиҳози мазмун ва сохташон ба ду гурӯҳ тақсим намоем. Ба гурӯҳи аввал мақолу зарбулмасалҳое дохил мешаванд, ки дар шакли пурра, яъне айнан дар дохили мисраъҳои шеърӣ истифода шудаанд. Ин қабил зарбулмасалу мақолҳо чандон зиёд набошанд ҳам, дар дохили рубоиву байт ва шеърҳои ғазалгунаи шоир мушоҳида мегарданд. Масалан, дар байни мардуми тоҷик мақоли маъруфе мавҷуд аст, ки Рӯдакӣ ҳангоми навиштани шеър аз он истифода кардааст. Ин зарбулмасал «Яг гови рихин подая меолонад» [26, 80] буда, Рӯдакӣ онро айнан истифода намудааст, чунончи:

Яке олудае бошад, ки шаҳреро биёлояд,
«Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рихин» [11, 93].

Зарбулмасали мазкурро одамони куҳансол ҳангоми насиҳати кӯдакону наврасон иброз медоранд. Дар ҷамъият нафароне вомехӯранд, ки бо иҷрои амал ва ё сухани ноҷое боиси дилозорӣ ва барҳам задани маҳфилу маъракаҳо мегарданд. Мазмуни зарбулмасали истифодашуда ин аст, ки як нафари номуносиб дар маърака ё маҳфил номи тамоми ширкаткунандагонро бо рафтору гуфтори ношоямаш дар назари дигарон бад мекунад. Мӯйсафедон ё худ шахсони ботаҷриба мақоли мавриди зикрро истифода мебаранд, ки насли наврас аз он

ибрат гирифта, одобро риоя кунанд ва Рӯдакӣ ҳам онро ба ҳамин ҳадаф истифода намудааст.

Осори шифоҳии мардум, алалхусус, зарбулмасалу мақолҳо мазмуну муҳтавои воқеии таҷрибавиро ифода мекунанд. Дар мисоли зарбулмасали дигар низ метавон маънии хубу таҷрибавиро мушоҳида кард. Зарбулмасал дар байни мардум дар ин шакл маъмул аст: «Ба як даст ду харбуза набардоранд» [26, 86]. Рӯдакии бузургвор ҳам ҳамин мазмуни зарбулмасали халқиро дар ашъори худ ба маврид истифода намудааст:

Ай хуни дӯстон ба гардан макун база,
«Кас барнадоштааст ба дасте ду харбуза!» [11, 96].

Зарбулмасали мазкурро барои он истифода менамоянд, ки ҳеч гоҳ кори ду дастро як даст иҷро карда наметавонад ва қуввати ду даст албатта зиёд аст. Чунин мазмунро дар зарбулмасали «Зӯри беҳуда миён шиканад» низ дидан мумкин аст.

Халқи тоҷик аз қадимулайём дар ҷашни Наврӯз бисёр одату суннатҳо доштанд, ки дар баробари фаро расидани соли нав ба тоза кардани хонаҳо, партофтани олоти шикастаи рӯзгор ва бо орзуву омоли нек нигаристан ба рӯзи нав таманниёти худро дар ин ҷашни фархунда амалӣ месохтанд. Дар нишасту ҷамъомадҳои наврӯзӣ бисёр осори фолклорӣ сурудаву нақл карда мешуд ва то ба имрӯз низ идома дорад. Чунончи, дар мақоли «Рӯзи наву рӯзии нав» ё гунаи дигари он «Рӯз аз наву рӯзӣ аз нав» [26, 236], мардум орзуву умед мекунанд, ки дар соли нав ҳама чиз аз нав; ризқу рӯзӣ, кору фаъолият хуб шуда, соли нав фаровонӣ меоварад ва мардум бо як нияти нек ба сӯйи оянда менигаранд. Ҳамин мазмунро дар ашъори Рӯдакӣ низ дучор мешавем, ки шоир ҳам аз овардани он маънии аслашро дар назар доштааст. Байт:

Ҳар чӣ дорӣ шаби Наврӯз ба май соз гарав,
Ғами рӯзӣ чӣ хурӣ? «Рӯзи наву рӯзии нав» [11, 77].

Ба гурӯҳи дуюм зарбулмасалу мақолҳоеро дохил менамоем, ки мазмунан дар ашъори шоир истифода шудаанд. Ба ин гурӯҳ мақолу зарбулмасалҳои зиёде шомил мебошанд, ки ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шудаанд. Аксарияти ин

қабил мақолу зарбулмасалҳо ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ дошта, барои насиҳату маслиҳат ва тақвияти одобу ахлоқи инсоният мусоидат мекунанд. Алалхусус, зарбулмасали «Оҳанро дар сардияш намекӯбанд» [108, 84], ки мазмуни тарбиявӣ дорад ва халқ онро барои ҳар корро дар вақташ анҷом додан истифода мебаранд, дар миёни омма маъмул мебошад ва халқ онро ҳам ба маънии аслӣ ва ҳам ба маънии маҷозӣ истифода мекунад. Зеро ҳечгоҳ наметавон оҳани сардшударо, ки он ба ҳолати аввалаи худ баргаштааст, ба шакли корд ё шамшере табдил дод. Аз ин ҷост, ки оҳангарон аввал онро дар ҳарорати хеле баланд тафсонида, ба шакли нисбатан моеъ табдил дода, сипас аз он масолеҳи гуногуни рӯзгори мардумро месозанд. Дар асоси ин гуна зарбулмасал дар байни мардум масалу мақолҳои зиёди дигар низ ба вуҷуд омадаанд. Гунаи дигари онро метавон зарбулмасалҳои «Ҳама кор дар вақташ хуб аст» ё ин ки «Намоз дар вақташ фарз»-ро пиндошт. Устод Рӯдакӣ дар шеъри худ вобаста ба ин мазмун чунин зикр намудааст:

Дило, то кай ҳамеҷӯӣ манеро?
Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро? [11, 29].

Дар байни халқ масали «Назан дарама, назанам дарата» [108, 84], ё ин ки намунаи дигари он «Дарвозаи касеро мазан ба мушт» [108, 87] низ дар мавридҳои зарурӣ истифода бурда мешаванд, ки мазмуни ахлоқиву тарбиявиро ифода мекунанд. Одамони солхӯрдаву ботаҷриба мақоли мазкурро барои озор надодани дигарон истифода мебаранд ва тавассути ин гуна мафҳумҳо фаҳмонданианд, ки бе мавриди дари хонаи одамонро ҳеҷ гоҳ ба мушт назанед. Дар мисраи зерин Рӯдакӣ мазмуни мақоли халқии баёншударо бо истеъдоди суханофарии худ ба риштаи назм кашидааст:

Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт [11, 34].

Бояд зикр намуд, ки ғазали фавқро муҳаққиқон ба Носири Хусрав низ марбут медонанд, аммо дар аксар манобеъи адабиву таърихӣ онро ба устод Рӯдакӣ нисбат додаанд.

Дар зарбулмасали «Як дари баста, сад дари кушода» [26, 88] мардум роҷеъ ба ҳал намудани мушкилоти худ бо як роҳ не бо роҳи дигар андеша намудаанд.

Чунончи, агар ягон шахс барои чизе ё олоте ба хонаи каси дигар равад ва он шахс ҷавоби манфӣ диҳад, ин зарбулмасалро истифода намуда, ба ҷойи дигар рафта эҳтиёҷоташро анҷом медиҳад. Ин зарбулмасал маънии дигарро низ ифода карда метавонад. Масалан, худованд барои инсонҳо агар як дареро баста бошад, сад дари дигарро боз мондааст, то одамон ҳаёту зиндагии хешро пеш баранд. Маҳз ҳамин маънии дуюмро Рӯдакӣ дар ашъори худ моҳирона мавриди истифода қарор додааст:

Агар баст яке дар, ҳазор дар бикушод,
Худой арши ҷаҳонро чунин ниҳод ниҳод [11, 35].

Ё дар байти дигар:

Эзид ҳаргиз дар набандад бар ту,
То сади дигар ба беҳтарӣ накушояд [11, 43 ].

Мардуми тоҷик мақоли маъмулеро барои масъалаҳои дӯстиву душманӣ истифода мебаранд, ки мувофиқи маълумоти ин мақол таъсири бади як душман аз ҳазор дӯст бештар мебошад. Мақоли «Ҳазор дӯст каму як душман бисёр аст» [26, 85] мазмунан ба он рост меояд, ки душман як то бошад ҳам, хасми ӯ хеле зиёд аст. Чунин мазмунро дар ашъори Рӯдакӣ низ дучор мешавем, ки шоир дар ду мисраи шеърӣ маънии як мақолро ин тавр ба қалам додааст:

Маялфанҷ душман, ки душман яке,
Фузун асту дӯст ар ҳазор андаке [11, 120].

Ростиву накӯкорӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаётии башарият буда, дар ҳама давру замон дар ин хусус инсонҳои шариф фикру мулоҳизаҳо мекунанд ва аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ростгӯйӣ ва роҳи ростро интихоб кардан дар зиндагӣ албатта, одамро ба қуллаҳои муродаш мерасонад, вале баръакси он бошад, ба пастиву касифӣ хоҳад расонд. Маҳз ҳамин масъала ҳаст, ки инсонҳои шарифу пуртаҷриба мақоли «Ростиро завол нест» [26, 90] -ро ҳамеша ба забон меоранд ва тавассути он ҷавонону наврасонро ба роҳи рост ташвиқу тарғиб мекунанд. Ин масъала дар ашъори шоирон ва адабиёти шифоҳии мардум ҷойгоҳи махсус дорад. Тавре ки, дар осори бозмондаи Рӯдакӣ дар ду мисраи шеърӣ оварда шудааст:

Ҳар к-ӯ биравад рост, нишастаст ба шодӣ

В-он к-ӯ наравад рост, ҳама мужда ҳамедиш! [11, 88].

Одамизод дар ҳар маврид бояд забони худро аз гуфтори беҳуда нигоҳ дорад, чунки як сухани ноҷо метавонад сари одамро ба зери дор барад. Вобаста ба ин масъала мақоли «Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод» [108, 189] дар байни мардуми мо роиҷ аст. Бинобар ин, инсон бояд аввал бодиққат ба атрофи худ нигарад ва пас суханони худро дар майнааш санҷида, онро дар мавридаш ба забон орад. Ин мазмунро дар ашъори Рӯдакӣ низ дучор мешавем. Байт:

Замона гуфт маро хашми хеш дор нигоҳ,

«Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст» [11, 32].

Дар ин асно агар мақоли халқиро бо мисраи шеърии Рӯдакӣ муқоиса кунем, дар ҳар ду маврид як мазмуни ба ҳам монандро бардошт хоҳем кард, зеро Рӯдакӣ низ таъкид намудааст, ки агар шахс забонашро нигоҳ дошта натавонад, албатта пойи ӯ дар банд хоҳад буд.

Зарбулмасали «Андӯҳи дилсӯхтагон, сӯхта донад» [108, 274] миёни халқ хеле маъмул аст ва дар мавридҳое истифода мешавад, ки ягон балое ё мусибате ба сари касе омада бошад ва одамон тавассути он якдигарро тасаллӣ медиҳанд. Ба андешаи ин ҷониб, то воқеа ё ҳодисае ба сари шахс наояд, ӯ аз дарду алами расондаи ин гуна воқеот бохабар шуда наметавонад. Рӯдакӣ дар як рубоии худ аз саргузашти Лайливу Маҷнун қисса карда, ҳамин мазмунро ифода намудааст:

Ҷое, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,

Он ҷо дуҳазор найза болохун аст.

Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,

Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст [11, 68].

Мақоли «Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ, то Сурайё меравад девор каҷ» [108, 229], ки ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар адабиёти шифоҳӣ фаровон истифода мешавад, сарнавишти таърихӣ дошта, дар ашъори шоирони мо ва эҷодиёти мардум ҳам айнан ва ҳам мазмунан истифода шудааст. Чунончи, Рӯдакӣ дар як байт бо тағйироти калимаҳои «лод» [134, 139] ба маънии девор ва

«бунлод» ба маънии таҳкурсии девор истифода бурдааст, ки мазмуни мақоли болоро айнан ифода мекунад. Байт:

Лодро бар бинои муҳкам неҳ,
Ки нигаҳдори лод бунлод аст [11, 78].

Раво донистани ҳар гуна суханони қабеҳу бемаврид ба дигарон одати хуб нест, зеро инсон бояд аввал ҳар сухане, ки ба дигарон мегӯяд, худаш санҷидаву диниста бошад ва баъд гуфтани он суханро сазовор донад. Шахсе, ки гуфтори зиштро дар шаъни худ намеписандад ва онро ба дигарон мегӯяд, албатта посухи номатлуб мешунавад. Роҷеъ ба ин масъала халқ мақолу зарбулмасалҳои зиёде офаридааст, ки дар гуфтори ҳаррӯзаи мо истифода мешаванд. Ин қабил суханони пухтаву муъҷаз ва ҳикматнокро мардум дар мавридҳои мувофиқ баён мекунад. Чунончи, зарбулмасалҳои «Аввал гиребони худ бибӯй, баъд айби дигарон маҷӯй» ва ё «Ҳар чӣ ба худ намеписандӣ, ба дигарон маписанд» [26, 27] дар хусуси сухангӯйии беандеша гуфта шудаанд. Ҳамин мазмун дар байти зерини устод Рӯдакӣ низ бозгӯ шудааст:

Чӣ хуш гуфт он мард бо он хадеш,
«Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш» [11, 118].

Шоир ба шахсони ҳарзагӯй ва бепардагӯй таъкид менамояд, ки кори бадеро ба мардум ҳаргиз кардан лозим нест, чунки ин гуна рафтор ба худи шахс ҳам писанд намеояд.

Ҳамнишин ва ҳамсуҳбати бад дар ҳар давру замон таъсири манфии худро ба атрофиёнаш мерасонад. Муҳит агар носозгор бошад ва ҳалқаи ҳамнишинон муносиб набошад, инсони ба ин ҳалқа воридшуда низ дуруст тарбия намегирад. Роҷеъ ба ин масъала дар байни халқ мақолу зарбулмасалҳои зиёде роиҷ мебошанд. Чи тавре ки халқ гуфтааст: «Феълу хӯйи ҳамнишин бетаъсир намемонад» [26, 231]. Ё ин ки дар зарбулмасали зер халқ ҳамин манзурро ташбеҳан ифода намудааст:

Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ,
Бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ [26, 231].

Халқ инсони бадфеълро ба деги сиёҳ монанд карда, шахси дорои хислатҳои ҳамидаи инсониро ба моҳи равшан ва оламтоб шабоҳат додааст. Дар байти зерини устод Рӯдакӣ ин мазмуни зарбулмасали халқӣ бо ибораву таъбироти дигаргунаи шоир баён ёфтааст, ки манзури шоир дар ин ҷо низ ҳамон аст, ки халқ онро дар назар доштааст. Ба андешаи Рӯдакӣ агар роҳбар шахси ноқобил ё ноаҳл бошад, албатта он ҷамъият ё давлат оқибат рӯ ба фано меорад. Байт:

Ҳар киро роҳбар заған бошад,

Гузари ӯ ба марғзан бошад [11, 121].

Дар адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик инсонҳои бадрафтору бадфеъл ва зишту бадкирдор маҷозан ба мор шабоҳат дода мешавад. Дар бораи мор дар осори шифоҳии халқ як силсила зарбулмасалу мақол, афсонаву ривоятҳо эҷод шудаанд. Зарбулмасалу мақолҳо роҷеъ ба хусусиятҳои марбут ба мор маълумот медиҳанд. Масалан, дар зарбулмасалҳои «Аз моргир мор барорад ҳаме димор», «Бадкардаро охир ҷазо бадист» [108,77] аз хосияти заҳру зараррасонии мор хабар дода шудааст. Қобили қайд аст, ки Рӯдакӣ дар байти зер бо тамсил ашхоси дунёпарастро огоҳ карданист, ки фирефтаи молу мулки дунё набошанд, зеро дунё низ дар баробари ин аз пайи интиқом гирифтану нобуд сохтани домафкан аст. Моргир гарчанде ба осонӣ морро ба даст меорад, набояд бо он эътимод кунад, зеро муқтазои табиати мор дигар аст ва он рӯзе заҳр мезанад ва ҷазои моргирро хоҳад дод. Ва мазмуни зарбулмасали халқиро Рӯдакӣ чунин тазмин намудааст:

Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳонҷӯй моргир,

Аз моргир мор барорад ҳаме димор [11, 45].

Ё ин ки: «Аҷали морбоз дар неши мор» [108, 77]. Дар ин зарбулмасал халқ таъкид менамояд, ки парвариш кардани мор ва бо мор бозӣ кардан кори саҳл аст, чунки мор бо одам дӯст шуда наметавонад. Шоири бузург шахсони бадфеълу бадсириштро «сифла» меномад ва мепиндорад, ки онҳо низ ба мисли мор ҳастанд ва аз ин қабил инсонҳо бояд эҳтиёт кард. Ин зарбулмасалу мақолҳо ҳушдор менамоянд, ки ҳар кор ё амалеро, ки шахс онро анҷом медиҳад, бояд аз

оқибати он андешад, то худ қурбони амали хеш нагардад. Дар байти зер Рӯдакӣ дар ин хусус ибрози ақида намудааст:

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯйи сифла нангарӣ [11, 62].

Инсони боақл ва бомаърифат бояд дар мавриди мувофиқ сухан гӯяд. Беҳуда нест, ки халқ гуфтааст: «Ҳар сухан ҷойеву ҳар нукта маконе дорад». Аммо баъзан одамон ба суханони гӯянда аҳаммият намедиҳанд ва сухангӯй дар охир аз гуфтори худ хиҷолат мешаваду пушаймонӣ мекашад. Дар ин хусус халқ бисёр зарбулмасалу мақолҳо офаридааст. Чунончи, «Даҳони пӯшида – сад тилло», «Аз гуфтори беҳуда, даҳони пӯшида беҳтар», «Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор» [108, 25]  ва ғайра. Дар байте аз ашъори Рӯдакӣ низ мазмуни зарбулмасалу мақолҳои мазкур ифода ёфтааст, ки ба ақидаи шоир аз сухан гуфтан ва дар охир аз гуфтаи худ пушаймон шудан, даҳони пӯшида ё сухан нагуфта шод будан хубтар аст. Байт:

Баски бар гуфта пушаймон будаам,
Баски бар ногуфта шодон будаам [11, 109].

Хулоса, ашъори Рӯдакӣ аз лиҳози забону шеваи гуфтор, муҳтаво ва сохтори анвои адабӣ бо эҷодиёти шифоҳии мардум алоқаи наздик дошта, дар ашъори ӯ ғайр аз зарбулмасалу мақолҳо инчунин, намунаҳои дигари фолклорӣ чун: образу рамзҳои асотириву таърихӣ, ибораҳои рехта, таъбироти халқӣ, гуфтори омиёна ва ғайра бозтоб шудаанд. Дар қасида, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, шеърҳо ва мисраъҳои парокандаи бозмондаи шоир нақши пурқимати маданияту фарҳанги пешин қадр гардидааст. Рӯдакӣ барои хулосаи фикру андешаҳои худ аз мақолу зарбулмасалҳои мардумӣ истифода намудааст, ки ин ҳусни волову фасоҳати  ашъори шоирро бештар намуда,  алоқамандии  ашъори ӯро бо фарҳанги мардум собит менамояд. Истифодаи мазомуни мақолу зарбулмасалҳои мардумӣ дар шеъри ӯ бо ин намунаҳо маҳдуд намешавад, зеро метавон гуфт, ки дар дигар намунаҳои ашъори шоир ҳам ҳамин гуна мазмунҳои марбут ба

гуфтори мардум истифода шудаанд. Аммо, мо бештар мазмуну муҳтавои мақолу зарбулмасалҳоеро мавриди пажӯҳиш қарор додем, ки инҳо ҳам дар адабиёти китобӣ ва ҳам дар осори шифоҳӣ пуркорбурданд. Аз ин ҷо, бармеояд, ки Рӯдакӣ шоири мардумӣ буда, ӯ аз гузаштагони худ бевосита зарбулмасалу мақолҳои маъруфро ҳифз карда, дар шеърҳояш дар мавридҳои муайян истифода бурдааст.

## Фасли 3. Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Тавре ки дар бахшҳои аввал зикр шуд, ашъори Рӯдакӣ бо аксари жанрҳои эҷодиёти шифоҳии мардум алоқамандӣ дошта, шоир осори шифоҳиро барои пурмазмун ва тақвияти гуфтаҳояш дар шеъри хеш истифода бурдааст. Бар замми ин, дар ашъори ӯ истилоҳоти фолклорӣ, махсусан номи жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ чун: афсона (дар шакли «фасона»), суруд, муаммо, зарбулмасал (масал), қисса ва панд зикр шудаанд, ки омӯзиши заминаҳои пайдоиш, мазмуни онҳо ва мақсади шоир аз истифодаи онҳо барои муайян намудани мавқеи ҳар яки онҳо дар ҳаёт ва фарҳанги миллати мо аҳамияти илмӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки истилоҳоти мавриди зикрро шоир ба маъниву мазмунҳои мухталиф ба кор бурдааст. Баъзе аз ин вожаҳо ба маънии аслии худ истифода шуда, баъзеи дигар мазмуни маҷозиро ифода кардаанд.

Афсона яке аз жанрҳои маъмулу машҳури насри шифоҳии мардум буда, мавзӯъҳои мухталифи ҳаётии ҷомеаро фаро мегирад ва ҳамчун жанри фолклорӣ таърихи куҳан дорад. Мардуми тоҷик аз қадимулайём тавассути афсонаҳо орзую ормони худро баён менамуданд ва афсонагӯйиву афсонахонӣ низ дар байни мардум то ин замон роиҷ мебошад.

Истилоҳи «афсона» дар аксари фарҳангу луғатномаҳо бештар дар як шаклу мазмун зикр шудааст. Масалан, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (1969) ин истилоҳ ба ду маънӣ шарҳ дода шудааст, ки як навъ ҷамъбасти ҳамаи андешаҳо дар ин хусус мебошад: «1. Қисса, достон, ҳикоят, нақл, саргузашт. 2. Сафсатта, дурӯғ, суханҳои бофтаву сохта» [135, 101].

Афсонаро ҳамчун жанри алоҳида ва махсуси фолклори тоҷик олимону муҳаққиқони зиёде, чун Р. Амонов, Б. Шермуҳаммадов, Д. Обидов Д, И. Явич, Ҷ. Рабиев, Р. Раҳмонӣ, Ш. Мирзоева, Д. Раҳимов ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ борҳо мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Фолклоршиносон жанри афсонаро аз лиҳози маънову мазмун ва сохтораш тасниф кардаанд. Дар хусуси жанри афсона китобу мақола ва рисолаҳои илмӣ низ ба табъ расидааст. Барои мисол метавон асарҳои Д. Обидов Афсонаҳои ҳаҷвӣ-маишии тоҷикӣ. (Душанбе, 1978), Р. Амонов  Афсонаҳои халқи тоҷик ( Душане, 1998), Р. Раҳмонӣ Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (Душанбе, 1999) ва ғайраро зикр намуд.

Истилоҳи «афсона»-ро мо дар ашъори шоирону нависандагони адабиёти классикӣ ҳам дучор мешавем. Чунончи, дар ашъори  Рӯдакӣ ин истилохро дар ду мисраи шеърӣ  вохӯрдем, ки шоир дар ҳарду маврид истилоҳи афсонаро дар шакли «фасона» ба кор бурдааст. “Фасона” шакли кӯтоҳшудаи “афсона” мебошад, ки бештар дар назм ба чашм мерасад. Дар мисраи зерин шоир истилоҳи фасонаро маҷозан ба кор бурдааст:

Некӣ ӯро фасона дору шуд,

Бадӣ ӯро камар-т сахт битанҷ! [11, 34].

Мурод аз гуфтаи шоир ин аст, ки некиву хубӣ мухотабашро бисёр доруи давобахш  шудааст, яъне доруи хуб шуда ва бадӣ ӯро сахт азоб дод,  миёнашро бишкаст. Дар ин байт “фасона” гуфта, шоир “аҷоиб”, “нотакрор”, “бебаҳо” буданро дар назар доштааст, ки марбут ба некӣ аст. Аммо ба мазмуни дигар низ метавон байти фавқро таҳлил намуд, ки некӣ доруе буд ва барои мухотаби шоир фасона шуд, яъне ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ некӣ намекард, чи тавре ки афсона ҳақиқат нест ва бадӣ бошад, камари ӯро печида буд.

Дар байти зер Рӯдакӣ ибораи «фасонаву бод»-ро ба кор бурдааст, ки мурод аз «фасона» ҳеч аст, яъне чизи беасос ва пучу бефоида мебошад:

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,

Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод! [11, 34].

Ба андешаи  қаҳрамони лирикӣ, дар дунё бояд инсон ҳамеша шоду хуррам зиндагӣ кунад вагарна дигар масъалаҳои дунявӣ монанд ба афсонаву бод аст. Аз

истифодаи калимаи афсона дар шакли “фасона” аз тарафи Рӯдакӣ маҳз маънои асосии он, яъне чизи бофта ва аз ҳақиқат дур ба назар мерасад. Ҳамин мазмун маънои истилоҳии афсонаро фароҳам овардаст.

Суруд яке аз жанрҳои лирикии осори шифоҳиву китобӣ аст, ки дар ашъори парокандаи устод Рӯдакӣ зикр гардидааст. Суруд дар байни мардуми тоҷик бо истилоҳоти «тарона», «ашӯла», «байт» ва ғайра ба кор бурда шуда, он асосан жанри фолклорӣ мебошад. Дар осори хаттӣ дар шакли шеър ва ғазал истифода мешавад. Сурудҳои фолклорӣ аз китобӣ бо содагиву шевои гуфторашон фарқ мекунанд. Ин истилоҳ, яъне «суруд» дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънии хониши инсон ва паррандаҳо, ашӯла, ҳофизӣ истифода шудааст [135, 277] ва ҷолиб аст, ки Рӯдакӣ ҳам онро ба ҳамин мазмун, ба кор бурдааст.

Дар осори Рӯдакӣ калимаи «суруд»-ро дар се маврид ба маънии хондани суруд, ашӯла ё ҳофизӣ кардан дучор мешавем. Рӯдакӣ худ шоири тавоно, сарояндаи хуб, машшоқ ва навозандаи асбобҳои мусиқии барбат, уд, чанг буда, албатта, сарояндагиву санъати мусиқиро хеле зиёд дӯст медошт ва мусаллам аст, ки ба сарояндагӣ ва суруд иртиботи бевосита дошт. Масалан, дар мисраи зерин амали машшоқӣ ё сурудхонӣ бо асбоби мусиқӣ тасвир ёфтааст ва овозхонии худи шоир бо навозиши асбоби чанг баён гардидааст:

Рӯдакӣ чанг бигирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт [11, 31].

Суруд, чунон ки хосияти он аст, бо асбоби мусиқӣ, навозандагӣ ва сарояндагӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар байти дигар шоир шунидан ва гӯш кардани сурудро хуш пиндошта, шунидани гиряву ноларо бар хилофи он ба қалам додааст:

Гӯши ту солу маҳ ба рӯду суруд,
Нашнавӣ неваи хурӯшонро [11, 76].

Гӯш кардани суруд ба инсон рӯҳияи болида мебахшад ва шоир барои мухотабаш дуо мекунад, то ҳамеша гӯшаш ба шунидани суруду мусиқӣ бошад ва ҳеҷ гоҳ шунидани нолаву гиря насибаш нагардад. “Суруд” дар ин гуфтаи Рӯдакӣ маҳз маънои ҳамон суруде аст, ки халқ онро дар назар дорад.

Сурудхониву навозиши асбобҳои мусиқӣ низ санъати хосси худро дорад ва овози фораму машшоқии хуб ҳамеша ба ҳамаи мардум писанд меояд, аммо баръакси он бошад, яъне овози нохуш ва навозиши ноҷур ба гӯши кас хуш намеояд. Дар байни мардум мақолу зарбулмасалҳое низ роиҷанд, ки чунин мазмунро ифода мекунанд. Гуфтори мақолмонанди мардумӣ «Овози хунуката набарор, ки боз борон набораd» дар чунин маврид истифода бурда мешавад. Ҳамин мазмунро аз мисраи зерини шоир дарёфтан мумкин аст:

Ҳеч роҳат менабинам дар суруду рӯди ту,

Ҷуз, ки аз фарёду захма-т халқро котура хост [11, 78].

Рӯдакӣ касеро танқид карда гуфтааст, ки аз хондану навозиши ту ҳеч роҳат дида наметавонам ва аз нофорамии чунин овози нохуш мардум нороҳат мешаванд ва шояд ба дарди сар гирифтор шаванд.

Қисса яке аз жанрҳои ҳаҷман калони насри шифоҳӣ буда, мавзӯъҳои мухталифро фаро мегирад. Қиссахонӣ ва қиссагӯйӣ низ яке аз суннатҳои мардумӣ мебошад, ки дар байни халқи тоҷик аз давраҳои қадим роиҷ будааст. Аксарияти қиссаҳо дар бораи ашхоси таърихиву динӣ гуфта мешаванд. Роҷеъ ба ин масъала фолклоршинос Д. Раҳимов дар китоби худ «Фолклори тоҷик» (2009) чунин менависад: «Дар байни мардуми тоҷик қиссаҳо аз рӯзгори паёмбарон, оид ба корнамоиҳои Амир Ҳамза, ҳазрати Алӣ, Имом Ҳусайн, авлиёву малоик ва инчунин тасвири биҳишту дӯзах ҳикоят карда мешаванд, ки бегумон аз адабиёти динии китобӣ маншаъ гирифтаанд» [19, 131]. Дар фолклори тоҷик намунаҳои зиёде аз қиссаҳои омиёна гирдоварӣ шудаанд ва дар баъзе китобу маҷаллаҳо рӯйи чоп омадаанд.

Дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ вожаи «қисса» ба маъноҳои мухталиф истифода шудааст. Чунончи, шоир дар рубоии зер вожаи «алқисса»-ро ба қалам овардааст, ки маънии “хулоса”, “хулосаи калом” ва “қисса кӯтоҳ”-ро ифода кардааст:

Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон

В-аз гиряи хунин мижаам шуд марҷон.

Алқисса, ки аз дасти азоби ҳиҷрон

Дар оташи рашкам дигар аз дӯзахиён! [11,72].

Назаре ба таърихи пайдоиши ин калима гувоҳӣ медиҳад, ки он маҳз аз калимаи қисса ва бештар аз он, аз амали қиссагӯӣ, ки дар истилоҳи имрӯз онро жанр мехонем, пайдо шудааст. Қиссахонон нақлашонро ба охир расонда онро бо иборахое, ки шоир онҳоро дар назар доштааст, анҷом медоданд. Пешоянди "ал", ки хоси забони арабӣ аст, ба қисса ҳамроҳ шуда, як навъ маълумоти қиссахонро дар хусуси анҷоми қиссааш ба шунаванда пешкаш менамояд.

Дар байти дигар шоир ибораи «қисса тамом»-ро истифода бурдааст, ки маънии хулосаи суханро ифода мекунад ва ибораи сирф мардумӣ ва тоҷикона аст:

Ҳангомаи шаб гузашту шуд қисса тамом,

Толеъ ба кафам яке наяндохт каҷа! [11,73].

Ба маврид аст, аз як ҷанбаи дигари фолклории ин байт ёдрас шавем: дар мисраи дуюм шоир оид ба маъракаи каҷабозӣ, яъне ангуштаринбозӣ, ки як навъ бозии маъмули халқӣ мебошад, ишора намудааст.

Рӯдакӣ дар қасидаи «Модари май» аз саргузашти ҳазрати Нуҳ ёдовар шуда, дар хусуси қиссаи тӯфон маълумот додааст. Қиссаи тӯфон ишора ба «Тӯфони Нуҳ» ва «Киштии Нуҳ» аст. Мувофиқи маълумоти қиссаву ривоёти қадимӣ, нахуст аз ҷониби Худованд тавассути ҳазрати Нуҳ ваҳй меояд, ки башарият ба мавҷудияти Аллоҳ бовар кунанд ва пайрави ҳазрати Нуҳ бошанд. Аммо халқ дар аввал ба ӯ бовар намекунад ва вақте ки қудрату тавоноии ӯро мебинанд, дар ҳайрат монда, ба ӯ пайравӣ мекунанд. [134, 299-300]. Байт:

Бо ду кафи ӯ зи бас ато, ки бибахшад,

Хор намояд ҳадису қиссаи тӯфон! [11, 56].

Дар ин байт "қисса" гуфта, Рӯдакӣ маҳз ҳамон мазмуни истилоҳии онро, ки нисбат ба қисса истифода мешавад, дар назар доштааст. Қиссаи тӯфон дар ин байти Рӯдакӣ талмеҳ шуда омадааст.

Панд яке аз жанрҳои хурди фолклорист, ки дар байни мардум бо истилоҳоти насиҳат, панду насиҳат, сухани нек, ҳикмат истифода мешавад. Мардум панду насиҳатҳоро барои маслиҳат додани ҷавонону наврасон истифода

мебаранд. Дар адабиёти хаттӣ низ ин жанр ҷойгоҳи махсус дорад. Осори шоирону нависандагони мо саршор аз панду андарз мебошанд.

Дар осори Рӯдакӣ калимаи «панд» ба маъниҳои насиҳат ва таҷриба гирифтан истифода шудааст. Ибораи феълии «панд додан» дар мисраи зер ба маънии дарси ҳаёт омӯзондан ва ибрат нишон додан истифода шудааст:

Замона панде озодвор дод маро,
Замонаро, чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.
Ба рӯзи неки касон гуфт ғам махур зинҳор,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.
Замона гуфт маро хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст [11, 32].

Шоир иброз менамояд, ки инсон аз ҳаёту зиндагӣ бо гузашти замон таҷрибаи ҳаётӣ касб мекунад ва агар шахс ба замона накӯ ва бо диду зеҳни боақлона, бошуурона назар афканад, аз он панд гирифта метавонад. Бояд зикр намоем, ки инсони мулоҳизакор аз гузашти рӯзгор таҷрибаи хуб мегирад ва замона саросар пур аз панду андарз аст. Рӯдакии шоир ва ҳаким дар мисраи аввал ва дуюм калимаи “панд”-ро истифода намудаст: аввал, панде, ки замона шоирро дода будааст, яъне зиндагии шоир барои ӯ панди хеле муфид додааст. Дуюм, шоир аз ин панди замона (ҳаёт) пай бурдааст, ки чашми некӯбин ҳазор панди замонаро метавонад дарёбад. Пас, панд гуфта Рӯдакӣ маҳз андарз ва насиҳатро дар назар доштааст.

Дар як мисраи байти дигар шоир истилоҳи мазкурро ба маънии ҳукм, фармони шоҳ ба қалам медиҳад. Мурод аз гуфтаи шоир ин ҷо он аст, ки шахсе ки аз гуфта ё амри подшоҳ дасткашӣ мекунад, оқибат ба балое гирифтор мешавад:

Ҳар кӣ сар аз панди шаҳрёр бипечид,
Пои тарабро ба доми гурм дарафганд [134, 190].

Панд гирифтан ё панд шунидан ва ибрат гирифтан ҳам яке аз масъалаҳои иҷтимоии тарбияи инсон мебошад, ки Рӯдакии бузург дар ашъори худ ба ин маънӣ чунин ишорае намудааст:

Сирати он шоҳ пандномаи аслист,

З-он ки ҳаме рӯзгор гирад аз-ӯ панд [134, 190].

Дар байти боло калимаи «пандномa» зикр шудааст, ки маънии китоби панду насиҳат, насиҳатнома ва андарзномаро ифода мекунад. Ва табиист, ки аз андарзнома бояд панд гиранд ва ин маъниро мисраи дуюми байт фароҳам овардааст. Масъалаи пандномa бошад, дар байти дигари шоир, ки дар бораи яке аз китобҳои пурарзиш оид ба одилона идора кардани давлат ва ба қалами шоҳи одилу тавоно Хусрави Анӯшервон мансуб будани он иттилоъ додааст:

Сирати ӯ буд ваҳйнома ба Кисро,

Чунки ба ойин-ш Пандномa биёганд [134, 190].

Ҳамин тариқ, масъалаи панду пандномa низ дар ашъори то ба мо расидаи устод Рӯдакӣ бо ҳамон фаҳмиши аслии худ, вале дар дохили таъбиру тасвирҳои шоирона истифода шудаанд.

Масал ё худ зарбулмасал як навъ жанри хурди адабиёти шифоҳӣ буда, ин вожаҳо дар адабиёти хаттӣ ба шакли “масал” ва дар осори шифоҳии халқ дар шакли “зарбулмасал” дучор мешаванд ва он дар байни мардум ва дар осори шоирон ҳамчун яке аз унсурҳои хулосакунандаи фикр истифода мешавад. Зарбулмасалҳоро одамон аз таърихи гузаштаи дур, аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳанд ва аксарияти зарбулмасалу мақолҳо аз таҷрибаи ҳаётӣ ва рӯзгори мардум ба зуҳур омадаанд.

Дар ашъори Рӯдакӣ калимаи «масал»-ро дар ду байти алоҳида мушоҳида менамоем, ки маъниҳои мухталифро ифода мекунанд. Ин истилоҳро дар фолклори тоҷик дар шакли “зарбулмасал” ба кор мебаранд, ки дар бораи он дар фасли мақолу зарбулмасалҳо дар шеъри Рӯдакӣ маълумот дода шуд. Дар адабиёти классикӣ алалхусус, дар ашъори Рӯдакӣ мо онро дар шакли «масал» дучор мешавем. Рӯдакии бузургвор ҳамчун шоири борикбин ва закитабъ ба тамоми нозукиҳову мавҷудияти ҳаёти олами зинда аз лиҳози таҷрибаи ҳаётӣ назар карда, тавонистааст намунаҳои зиёдеро аз фарҳанги мардум самаранок истифода намояд. Масалан, дар мисраъҳои зерини шоир намунаи чистонро

мушоҳида кардан мумкин аст ва дар фароҳам овардани он шоир аз калимаи “масал” истифода намудаст:

Он чист бар он табақ ҳаме тобад
Чун мулҳам зери шаъни уннобӣ?
Соқаш ба масал чу соиди ҳуро,
Пояш ба масал чу пойи мурғобӣ [11, 61].

Рӯдакӣ аз мушоҳида ва таҷрибаҳои зиндагӣ истифода намуда, дар бораи растании ревоҷ (чукрӣ) ба шакли шеърӣ чистоне тартиб додааст, ки аз мазмуни мисраъҳо ҷавоби онро мантиқан дарк кардан мумкин аст. Вожаи “масал” дар ин мавқеъ  маънии  монандӣ, шабоҳат ба чизе ё ба мисли чизеро ифода намудааст.

Дар байти дигар  шоир истилоҳи мазкурро ба маънии аслии он ба қалам додааст. Инчунин, дар байт мазмуни зарбулмасали халқии «Як дари баста - сад дари кушода» баён шудааст, ки мурод ин ҷо он аст, ки агар коре барор нагирифт, метавонад кори дигар барор гирад, чун ноомади кор барои ҳамаи мақсадҳо яку якбора ба амал намеояд. Маҳз ҳаминро мардум ба инобат гирифта, мегӯянд, ки «як дар пӯшида бошад, сад дари дигар кушода аст». Байт:

Дурусту рост кунод  ин масал: «Худой варо
Агар бибаст яке дар, ҳазор дар бикшод» [11, 35].

Бар замми мазмуни боло, метавон гуфт, ки Рӯдакӣ дар истифода аз ин масал инчунин бузургӣ ва азамати Худоро тавсиф намудааст, ки ғарази мардум низ ҳамин чиз будааст.

Муаммо низ яке аз жанрҳои маъмули  адабиёти китобиву шифоҳӣ мебошад. Дар муаммо гӯянда ҳодисае ё воқеаеро тасвир менамояд, ки бо суханони пардапӯшона гуфта мешаванд ва онро шунаванда фикр карда, ба савол посухеро меёбад. Дар фолклори тоҷик ҳам намунаҳои зиёди муаммоҳои халқӣ мавҷуд мебошанд ва дар байни халқ низ муаммогӯӣ дар ҳар давру замон роиҷ будааст. Дар осори китобӣ муамморо ба  шакли шеърӣ бо суханони маҷозиву пӯшида ифода мекунанд. Дар муаммои китобӣ номи шахсе ё чизе тавассути санъатҳои бадеӣ ниҳон карда мешавад.

Калимаи “муаммо”- ро мо танҳо дар як мавриди истифодааш аз ашъори Рӯдакӣ дучор омадем, ки ба маънии аслиаш истифода шудааст. Шоир калимаи «муаммо»-ро дар ин ҷо дар баробари ташбеҳ, ҳамчунин чун истиора ба кор бурдааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд [11, 38].

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки ашъори Рӯдакӣ, ки нисбатан қадимист, ба забон, тахайюл ва тафаккури халқ наздик буда, дар порчаҳои алоҳидаи ашъори ӯ аз намунаҳои осори шифоҳӣ истифода шудааст. Рӯдакӣ чун шоири забардаст аз оину маросимҳои миллӣ ва суннатии мардум бохабар буда, дар ашъори ба мерос гузоштаи хеш ба онҳо ишорае намудааст. Корбурди Рӯдакӣ аз ганҷинаи пурҳикмати фарҳанги мардуми тоҷик бо ин намунаву ишораҳое, ки дар боло зикр шуданд, маҳдуд намешаванд. Чунин баҳравар шудан аз фарҳанги мардум ва эҷодиёти халқ табиист, ки мундариҷаи шеърҳои шоирро рангин карда, зудтар ба дилу дидаи хонандагон ҷой мегиранд. Истилоҳоти фолклорӣ ва ишороти эҷодиёти мардумӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ, агар, аз як тараф, барои шарҳи ин ё он ҳол ҳамчун истилоҳ истифода шуда бошанд, аммо дар аксари мавридҳо шоир онҳоро ҳамчун санъатҳои бадеӣ барои пурмазмун гардондани андешаи шоиронааш истифода намудааст. Аз ин лиҳоз, месазад бисёр паҳлуҳои дигари ашъори Рӯдакиро, ки марбут бо эҷодиёти халқанд, амиқтару дақиқтар омӯхт.

## Фасли 4. Чистон ё луғз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Луғз як навъ санъати шеърии адабиёти форсии тоҷикӣ буда, шоир шеъре менависад ва чизеро дар назар гирифта сифат, аломат ва хусусиятҳои онро дар либоси ибораҳои мушкил ва монанд ва ғайри зикри номи ашё баён мекунад ва ёфтани онро аз хонанда ба таври хитобу савол ва аксаран ба ибораи «чист он?» ифода мекунад. Луғзро як навъи шеър-чистон ҳам мегӯянд, ки дар назми классикӣ зиёд дида мешавад. Луғз нисбат ба чистон ҳаҷман калонтар аст. Дар луғз хусусиятҳои ягон чиз бо санъатҳои нозуки шеърӣ тасвир шуда, фаҳмидан ва

ёфтани шарҳи он душвор мегардад. Истилоҳи луғз (луғаз) аз забони арабӣ буда, дар фарҳангу луғатномаҳо (Деҳхудо Алиакбар «Луғатнома» (Теҳрон, 1373), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1986) ба маънии сухани печида, гапи пӯшидамаъно зикр шудааст ва ин истилоҳро аксар маврид дар ашъори шоирони классик дучор меоем. Чунончи, ба назар мерасад, дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз калимаи «луғаз» ба маънии сухани печида истифода шудааст ва ин ҳам бошад, гувоҳ бар он аст, ки луғз чун як навъи санъати шеърӣ дар гузашта маъмул будааст:

Муддаӣ гӯ: Луғазу нукта ба Ҳофиз мафурӯш,
Килки мо низ забоневу баёне дорад [44, 49].

Луғз ҳамчун санъати шеърӣ аз муаммо фарқ дорад. Хусусияти фарқкунандаи луғз дар он аст, ки дар он шоир андешаашро нисбатан содатар ва ба таври саволгузорӣ баён мекунад, аммо дар муаммо ақоиди шоир печидаву сарбаста ва хеле мураккаб баён меёбад. Аз ин лиҳоз, хонанда ҳангоми мутолиаи ашъори шоир намунаи луғзҳоро дарк карда метавонад. Ба ақидаи адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмон нахустин маротиба луғз (ё чистон) чун жанри адабӣ дар ашъори Рӯдакӣ дида мешавад ва минбаъд шоирони пасин аз ин гуна шакли шеърӣ истифода кардаанд, ки аз ашъори гаронқадри устод Рӯдакӣ сарчашма мегирад. Чи тавре ки муҳаққиқ менависад, дар чунин анвои шеърӣ Рӯдакӣ аз санъатҳои бадеии ташбеҳу тавсиф ва маҷоз истифода бурдааст ва он ҳам маҳорати волои шоирро нишон медиҳад: «Луғз (ё чистон) дар адабиёти форсу тоҷик нахустин маротиба дар эҷодиёти Рӯдакӣ дида шуда ва аз ӯ оғоз гирифтааст. Воқеан ин санъати бадеии Рӯдакӣ аз ташбибу насиби қасидаҳои ӯст, ки дунболаашон аз байн рафтааст» [130, 51]. Андешаи муҳаққиқ нисбат ба чунин баҳогузорӣ дуруст буда, дар эҷодиёти бозмондаи Рӯдакӣ дар аксари жанрҳои шеърӣ намунаҳои пурарзиш ба чашм мерасанд, ки дар замони шоир рушду такомул ёфтаанд ва то ба имрӯз идома меёбанд.

Мавриди зикр аст, ки доир ба баёни намунаҳои чистон дар шеъри Рӯдакӣ профессор Ш. Ҳусейнзода низ ибрози ақида намуда, чанд намунаи чистонҳои Рӯдакиро барои исботи фикри худ меорад ва воқеан собит месозад, ки Рӯдакӣ аз чистонҳои халқӣ мазмунан ва аз лиҳози сохтор истифода бурдааст: «Чунон ба

назар мерасад, ки аз ин шакли эҷодиёти даҳонӣ (яъне, чистон - Ф.И.) дар осори худаш бо маҳорат истифода бурдааст. Чистонҳои Рӯдакӣ ҳам мисли чистонҳои адабиёти даҳонӣ ба ду шакл оварда шудаанд: яке-ишора ба тавсифи чизи маҷҳуле ва баёни сифатҳои он; дигаре пурсидани чизе ва ҷавоби нишонаҳои он ба тарзе, ки фаҳмидани он мушкил мебошад. Ин навъ шеърҳо, бешак дар сабзиши зеҳн ва парвариши қувваи тасаввур мақоми барҷаста доранд» [115, 92].

Вожаи «луғз» танҳо дар осори хаттӣ боқӣ мондааст ва он дар эҷодиёти шифоии халқ ба шакли «чистон» дар байни мардум ҳамчун як жанри фолклорӣ густариш ёфтааст. Аммо ин вожаро дар ашъори устод Рӯдакӣ ба ҳамин шакл дучор наомадем ва танҳо чанд намунаи ин санъати шеъриро дидан мумкин аст, ки марбут ба чистону луғазҳо мебошанд. Дар сурате, ки луғаз як навъ санъати шеърӣ дар ашъори шоирон ба кор рафта бошад, чистон дар фолклори тоҷик ҳамчун як жанри алоҳида маъруфият дорад.

Чистон яке аз жанрҳои хурди фолклорӣ буда, он таърихи хеле қадимӣ дорад. Аз даврони куҳан дар байни тоҷикон чистонгӯйиву чистонёбӣ ва маҳфилҳои чистонхонӣ роиҷ будааст ва ин маҳфилҳои оддиву манфиатбахш дар фарҳанги халқи тоҷик аҳамияти бузург доштаанд, зеро мардуми оддӣ тавассути чистонгӯйиву чистонёбӣ дониши ҳамдигарро месанҷиданд ва тафаккури зеҳнии худро сайқал медоданд. Ин гуна одатҳои мардумӣ то замони Ҳокимияти Шӯравӣ идома ёфтаанд ва як навъ машғулияти зеҳниву фикрӣ ҳисобида мешаванд, ки мардум дар саҳро ҳангоми кишту кори деҳқонӣ ва умуман, дар ҳар вақти фароғатӣ ба онҳо машғул мешуданд.

Матни чистонҳо аз як-ду мисраъ, ё ин ки аз як мисраъ то 4-6 мисраъ иборат буда, дар дохили он дар хусуси аломат ва нишонаҳои ягон ашё, ҷирмҳои осмонӣ, одам, гиёҳу ҷонварон, макон ва ҳодисаҳои табиат маҷозан баён шуда, аммо номи худи он ашё махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Гӯянда чистонро мехонад ва шунаванда вобаста ба мафҳуми он фикр карда, ҷавобашро пайдо менамояд. Масалан, чистони маъруф, ки қариб дар ҳамаи манотиқи Тоҷикистон роиҷ аст, дар хусуси илму дониш гуфта шудааст ва халқ илмро ба гули махсусе шабоҳат

додааст, ки на дар дашт мерӯяд ва на дар кӯҳсор ва ҷӯяндагони илмро ба ташкилдиҳандагони бозор нисбат додааст:

Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар кӯҳсор бошад.
На онро кас харад, не кас фурӯшад,
Ҳамеша бар сараш бозор бошад [19, 156].

Пажӯҳиш ва баррасии чистонҳо дар фолклори тоҷик асосан аз замони Шӯравӣ оғоз ёфтааст. Фолклоршиносону мардумшиносоне чун Р. Амонов, Н. Маъсумӣ, Т. Зеҳнӣ, Ҳаким Карим, И.А. Сухарев ва О.А. Сухарева, К. Лутфуллоева, А. Ҳабибов, А. Сӯфиев, Д. Раҳимов ва дигарон чандин мақолаву маҷмӯаҳоеро оид ба чистонҳои адабиёти хаттӣ ва эҷодиёти шифоҳӣ таълиф намудаанд. Аммо дар пажӯҳиши чистонҳои халқӣ аз ҳама бештар фолклоршинос Асадулло Сӯфиев муваффақ шудааст. Таълифоти ӯ роҷеъ ба ин жанри фолклорӣ хеле назаррас аст, аз ҷумла асарҳои «Чистонҳои халқии тоҷикӣ» (1972), «Фолклор – афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ» (1982), «Фолклор ҳамрадифи таърих» (1994), «Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик» (1992) оид ба масоили гуногуни чистонҳои халқӣ маълумоти арзанда медиҳанд. Ӯ дар хусуси алоқамандии чистонҳои халқӣ бо луғз-чистонҳои китобӣ ақидаҳои ҷолибро пешниҳод намуда, аз ҷумла, чунин менависад: «Як қатор чистонҳои манзуми халқӣ, ки хусусияти оммавӣ гирифтаанд, ё баромади китобӣ доранд ва ё аз тарафи одамони саводнок бевосита дар зери таъсири адабиёти хаттӣ эҷод шудаанд. Инчунин, як факти дар байни халқ паҳн шудан ва дар айни замон асосан хусусиятҳои забони адабиро нигоҳ доштани чистонҳо исботи он аст, ки эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ба адабиёти бадеии китобӣ ва забони адабӣ алоқаи мустаҳкаме доштааст» [107, 101].

Чунончи аз иттилооти маъхазҳои хаттиву шифоҳӣ бармеояд, аксари чистонҳои халқӣ дар асоси осори хаттӣ дар байни халқ паҳн шудаанд ва ё баръакси ин ҳодиса таъсирпазирии чистонҳои осори шифоҳии халқ ба ашъори шоирон ба назар мерасад. Хусусиятҳои фарқкунандаи луғаз аз чистонҳои омиёна низ дар сохтор, тарзи баён, содагии забон ва ғайра зоҳир мегарданд. Дар

чистонҳои халқӣ вазну қофия на ҳамеша риоя карда мешавад. Аммо луғаз ё чистонҳои китобӣ бо хусусиятҳои сохтор ва тарзи баёни худ аз чистонҳои шифоҳӣ бартарӣ доранд.

Дар ашъори Рӯдакӣ чанд намунаи луғзҳоро дучор мешавем, ки дар онҳо мазмуни маҷозиву маҷози пӯшида дида мешавад. Шоир андешаҳои хешро бо муболиға ва маҷози пӯшида дар бораи ашё ё чизе баён намуда, дар аксарияти луғзҳои осори ӯ санъати ташбеҳ истифода шудааст. Чуноне ки муаллифи китоби «Назарияи адабиёт” (қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ, 1987) Юрий Бобоев қайд мекунад, дар шеъри Рӯдакӣ намунаҳои луғзро дучор омадан мумкин аст: «Луғз дар бораи асп, қалам, тиру камон ва ғайра дар эҷодиёти Рӯдакӣ дида мешавад» [9, 169]. Дар луғзҳои ашъори шоир санъатҳои шеърии маҷоз, ташбеҳ, саволу ҷавоб ва ғайра истифода шудаанд, ки барои хубтару беҳтар шудани сохтори шеърӣ кӯмак мерасонанд.

Дар луғзи зер шоир тавассути санъати саволу ҷавоб дар бораи аломатҳои растании ревоҷ (чукрӣ) ва хусусиятҳои он маълумот медиҳад:

Он чист бар он табақ ҳаме тобад,
Чун мулҳам зери шаъри уннобӣ?
Соқаш ба масал чу соиди ҳуро,
Пояш ба масал чу пойи мурғобӣ [11, 61].

Рӯдакӣ дар мисраи аввал савол мегузорад ва ишора менамояд, ки чӣ чиз аст, ки дар он табақ дида мешавад ва ба мисли мулҳам (матоъи абрешимини нафис) ва дар он мӯйҳои сурхгун намудоранд. Дар мисраи дуюм ибораи «шаъри уннобӣ»-ро ба кор мебарад, ки киноя аз мӯйҳои сурх аст. Яъне шоир дар мисраи нахуст барги паҳни ревоҷро ба табақ монанд карда бошад, дар мисраи дуюм сурхии шохаҳои поёнии баргро ба матоъи сурхгун ё мӯйҳои ҳинокардашуда ташбеҳ медиҳад. Дар мисраъҳои охир банд ё танаи ревоҷро ба мисли дасти зебои маҳбуба ё ҳурони ороста шабеҳ намудааст. Монандии пойи мурғобӣ бо бун ё пояи ревоҷ низ шабоҳат дода шудааст ва бо ин Рӯдакӣ тавонистааст бо тамоми нозукиву хусусиятҳояш ревоҷро тасвир кунад ва тавассути санъатҳои бадеӣ сохтори шеърии худро хубтару беҳтар намояд. Дар охир бо дарки чанд калимоти

номафҳум мо пай бурдем, ки шоир андешаҳои хешро дар хусуси яке аз навъҳои растании туршу хуштамъ, ки дар айёми баҳорон дар кӯҳистон мерӯяд ва онро одамон бо намак мехӯранд, шоиронаву оқилона ҷамъбаст намудааст ва тавонистааст, ки дар чаҳор мисраи шеърӣ сифатҳои «ревоҷ»-ро нишон диҳад. Албатта, ин ҳам аз таҷрибаву нозукбинии шоир дарак медиҳад.

Қалам ё хома дар ҳар давру замон ҳамчун воситаи моддигардонии фикр барои нависандагону шоирон хидмат кардааст. Қалам рози нуҳуфтаву андешаҳои донишмандону қаламкашонро рӯйи қоғаз меорад. Дар бораи қалам донишмандону соҳибқаламон суханҳои зиёде гуфтаанд. Тасвири қалам дар порчаҳои шеърии аксар шоирони классик ба чашм мерасад. Рӯдакии бузург андар васфи қалам ва аломатҳои он дар абёти зер моҳирона ибрози афкор кардааст:

Ланги равандаст, гӯш нею суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм нею ҷаҳонбин,
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин [11, 59].

Дар ин луғз суханёбиву ҷаҳонбинии қалам ва тезии шамшеру равиши мор доштани он тасвир шудааст. Дуруст аст, ки он пой ва гӯш надорад ва инчунин, забони гӯё ва чашмони бино низ надорад, аммо суханёб аст ва ҳар гуна воқеоту ҳодисаҳоро ба рӯйи қоғаз иншо мекунад.

Дар байти дуюм шоир ибораи «колбади ошиқон»-ро истифода намудааст, ки мурод ин ҷо ташбеҳи шоирона аст, яъне соқи қаламро ба ҷисми ошиқи ноком монанд карда, ҳолати ғамгинии ошиқро нишон медиҳад.

Чистону луғзҳои Рӯдакӣ шакли китобии адабӣ буда, бо бисёр бартарияти худ аз чистонҳои осори шифоҳӣ фарқ доранд. Аммо дар баъзе аз ин луғзҳо тарзи саволгузориву баёни андешаи шоир ба чистонҳои омиёна наздикӣ дорад. Метавон гуфт, ки Рӯдакӣ бо ҳунари волои шоирии худ тавонистааст ба ҳар гуна анвои шеърӣ эҷодиёти хешро гуногунрангу ғанӣ бигардонад.

## Фасли 5. Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ҳаёти башарият тавлид ва марг табиист, ки воқеианд. Дар тавлиди тифл одамон хушнудиву хурсандӣ мекунанд, аммо дар марг мардумро ғаму андуҳ фаро мегирад. Дар ин хусус донишманди эронӣ дуктур Насруллоҳ Имомӣ менависад: «Ҳеч кошонае нест, ки нафроти марг бар остонааш қадам нагузорад ва гарди андуҳи ҳиҷрон бар он напошад ва ҳеч қавме нест, ки дар марги азизону аз даст рафтани хеш ва барои бузургдошти онон маросиме надошта бошад. Ин маросим ба гунаҳои мухталиф бар ашъор ва маросии форсӣ таъсир гузоштааст» [43, 27], ҳамин таъсирро дар каломи бадеъ марсия пазируфтааст, ки яке аз анвои шеърӣ буда, дар он ғаму андӯҳ, азову мотами бозмондагони шахси фавтида баён меёбад. Марсия дар шаклҳои гуногуни анвои шеърӣ эҷод мешавад.

Марсиянависӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи қадимӣ дошта, мувофиқи маълумоти муҳаққиқону тазкиранависон эҷоди ин навъи шеърӣ аз шоирони аҳди сомонӣ оғоз гардидааст. Чи тавре ки адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмад қайд менамояд: «Марсия дар адабиёт ва фарҳанги мардумони ориёӣ таърихи хеле қадим дорад, вале аввалин намунаҳои комили шеъри форсиро дар ин мавзӯъ дар осори шоирони садаи даҳум метавон пайдо кард» [137, 2]. Муҳаққиқ аз таърихи қадимӣ доштани марсия чун як навъи шеъри иттилоъ дода, зимнан тазаккур менамояд, ки аввалин намунаҳои ин навъи шеърро дар осори шоирони асри даҳум дучор омадан мумкин аст. Дар асрҳои баъдӣ низ дар осори аксар шоирон чун Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон намунаи ин навъи шеърро дучор мешавем. Аз ҷумла, марсияҳои Фирдавсӣ дар марги Суҳроб аз дасти падар, «Марсияи падари Маҷнун»-и Низомӣ аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун», марсияи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар сӯги фарзандаш ва марсияи устод Айнӣ дар марги бародараш Сироҷиддин аз ҷонгудозтарин марсияҳои адабиёти мо ба шумор мераванд.

Унсурҳои навъи шеърии марсия дар ашъори Рӯдакӣ мавқеи махсус доранд. Аз маълумоти тазкираву осори таърихӣ бармеояд, ки марсиянависӣ низ дар адабиёти форсу тоҷик аз Рӯдакӣ оғоз ёфтааст. Чунончи, донишманди эронӣ -

Зайнулобиддин Муътаман таъкид менамояд: «Нахустин шоири марсиягӯй Рӯдакӣ аст» [42,75], ва зимнан марсияи дар васфи шоир Муродӣ навиштаи Рӯдакиро намунаи беҳтарини марсия меномад. Ба андешаи ӯ дар ин марсия мазмуни фалсафӣ низ нуҳуфтааст. Ин маълумотро муҳаққиқи дигари осори Рӯдакӣ Аълохон Афсаҳзод чунин ба қалам медиҳад: «Марсияҳои устод Рӯдакӣ, ки намунаи барҷастаи марсияҳои забони форсӣ мебошанд, дар навъи қасида навишта шудаанд» [57, 97]. Ба ақидаи пофессор А. Афсаҳзод, ки марсияҳои Рӯдакиро асосан дар навъи қасида суруда шуда менигорад, чандон розӣ шуда наметавонем, зеро дар бархе аз порчаҳои шеърии пароканда ва рубоиёти шоир низ мазмуни марсиявӣ ҳувайдост, ки дар ин хусус поёнтар таваққуф хоҳем кард.

Пажӯҳиш ва тадқиқи марсия дар ашъори Рӯдакӣ борҳо аз ҷониби донишмандони эрониву тоҷик сурат гирифтааст, вале муҳаққиқон дар мақолаву таълифоти худ марсияҳоро бештар аз нуктаи назари адабиётшиносӣ ва ҷанбаҳои таърихӣ дида баромадаанд. Аз пажӯҳишгарони тоҷик роҷеъ ба ин масъала А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Ш. Ҳусейнзода, М. Муллоаҳмад ва дигарон ибрози назар кардаанд. Роҷеъ ба ин масъала адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмад бештар аҳаммият додааст. Муҳаққиқ дар ду мақолаи худ «Марсия дар ашъори шоирони аҳди сомонӣ» ва «Марсия дар шеъри Рӯдакӣ» оид ба марсияҳои Рӯдакӣ ақидаҳои ҷолиброи баён намудааст. Аммо дар мақолаи «Марсия дар шеъри Рӯдакӣ» сухан на танҳо дар бораи марсияҳои Рӯдакӣ рафтааст, балки дар ин мақола муҳаққиқ аз осори шоирони дигар низ мисолҳо овардааст, ки ба андешаи мо чунин номгузорӣ намудани мақола чандон ба мақсад мувофиқ нест, зеро дар мақола доир ба сирф марсияҳои устод Рӯдакӣ сухан нарафта, балки мавзӯи баҳс марсияҳои дигар шоирон низ қарор гирифтааст. Дар ҳар сурат, мақолаҳои муҳаққиқ барои пажӯҳандагони осори Рӯдакӣ дастури хубе мебошанд.

Ҳамин тариқ, мутолиаи тамоми ашъори дастраси устод Рӯдакӣ нишон дод, ки чаҳор намунаи ашъорашро ҳамчун навъи шеърии марсия ҷудо кардан мумкин аст, ки дар онҳо мазмуни ғамангез дида мешавад.

Яке аз марсияҳои сурудаи Рӯдакӣ «марсияи шоир Муродӣ» мебошад, ки онро донишмандону пажӯҳишгарон борҳо дар асару мақолаҳояшон ба номи

Рӯдакӣ зикр намудаанд. Ин марсия ба марги Абулҳасан Муродӣ бахшида шудааст ва доир ба мазомуни фалсафии ин марсияи устод Рӯдакӣ адабиётшинос Ҳ. Қаландаров чунин ибзори назар кардааст: «Яке аз мубоҳисати муҳимми каломӣ маод мебошад, ки ба маънои бозгаштан аст ва дар истилоҳ ҳаққонияти олам пас аз марг ва подош ва кайфари аъмол дар он олам аст. Устод Рӯдакӣ низ ба ин эътиқодманд аст, ки пас аз марг зиндагии дигар ҳаст ва марг поёни ҳама чиз барои инсон нест… Ин эътиқоди Рӯдакӣ дар байтҳои машҳуре, ки шоир дар марсияи Абулҳасан Муродӣ сурудааст, комилан равшан аст» [64, 163].

Абулҳасан Муҳаммад ибни Муҳаммади Муродии Бухороӣ шоир, донишманд, ҳамаср ва ҳамсуҳбати Рӯдакӣ буд. Аз марсияи зер чунин бармеояд, ки марги Муродӣ барои Рӯдакӣ мусибати сахте буда, шоир андешаҳои худро бо сӯзу гудоз баён менамояд ва ин мотамро мусибати калон меҳисобад:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боздод,
Колбади тира ба модар супурд.
Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд [11, 36].

Дар марсияи мазкур Рӯдакӣ роҷеъ ба мавзӯъҳои мухталифи ғаму андуҳ ва бовару тасаввуроти асотирӣ ишорат намудааст. Байти нахуст аз марги шоир – Муродӣ маълумот дода, ӯро андӯҳи зиёде фаро гирифта ва шоир марги Муродиро кори бисёр шигифтовар меҳисобад. Дар байти дуюм аз боварҳои исломӣ, ки дар гузашта тасаввуроти халқ нисбат ба рух ва ҷисм буд, ки вақте одам мемирад, руҳи ӯ аз ҷисм ҷудо шуда ба осмон меравад ва ҷисми инсони фавтидаро ба хок месупориданд, ёдовар мешавад. Калимаи «падар» дар ин ҷо мурод аз Азроил, Азозил аст, ки фариштаи марг мебошад. Ҳамчунин вожаи «модар» киноя аз замин, хок аст. Яъне, мазмуни байт чунин аст, ки Рӯдакӣ тазаккур менамояд, ки шоир Муродӣ аз олам даргузашт ва «ҷони гиромӣ»-ҷони азиз, руҳи абадии худро ба фариштаи марг дод ва «колбади тира», яъне ҷисми беҷони ӯро ба хок супориданд.  Дар байти охир калимаи «малак» зикр шуда, ки

маънои махлуқи осмонӣ ва гӯё аз рух офарида шударо ифода мекунад. Шоир дар охир ба натиҷае меояд, ки рух аз малак аст ва он боз ба ҷойи худ бармегардад ва намиранда буда, аз дубора зинда шудани ин руҳи инсонӣ ёдовар шудааст. Гарчанде дар ин марсия сӯзу гудози шоир бо нидову мухотаб ва нолаву гиряи пурсӯз ифода нашуда бошад ҳам, дар ҳар сурат дар ин абёт масоили маргу мотам ва дафну азодории халқ баён ёфтааст.

Дар марсияи дигар Рӯдакӣ роҷеъ ба яке аз шахсиятҳои донишманд ва наздикони худ Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ шоири маъруф ва ҳамасри хеш маълумот медиҳад. Фавти Шаҳиди Балхӣ аҳли адабро мотамзада мегардонад ва ба хусус Рӯдакии бузургвор аз ин фоҷиаи нобаҳангом андӯҳгин гардидааст. Марсияи дар марги Шаҳиди Балхӣ эҷодкардаи шоир бо ибораи «корвони Шаҳид» оғоз ёфтааст ва мурод аз қатори одамон аст, ки тобути шоир Шаҳидро ба сӯйи гӯристон мебурданд:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам
В-аз шумори хирад ҳазорон беш…
Тӯшаи ҷони хеш аз ӯ бирубой,
Пеш к-ояд-т марги поёгеш [11, 48].

Дар байти нахустини марсияи мазкур шоир ишорат ба гурӯҳи одамоне, ки тобути Шаҳидро мебурданд ишора намуда, зимнан зикр менамояд, ҳар як аз мо низ бояд андеша кунем, ки ин воқеа ба сари мо ҳам хоҳад омад. Ва ҳамчунон маҷозан ин корвон маънои маргро низ дорад. Байти дувум бар он мазмун аст, ки агарчанде аз назари зоҳирӣ як нафар аз байни мардум кам шуда бошад ҳам, вале аз лиҳози илм, дониш ва хирад ба теъдоди ҳазорон беш коҳиш хоҳад ёфт. Чунки дар баробари фавти шоир чароғи рӯшани эҷодиёту таълифоти ӯ абадӣ хомӯш мегардад. Аз ин рӯ, ҳар шахс бояд аз чунин инсонҳои хирадманд биёмӯзад ва аз воқеаи ҳатмии ҳаёт, ки ба қавли устод Рӯдакӣ «марги поёгеш» - яъне марги ногузир, марги ночор ва марги ҳатмӣ аст, ҷойи гурез нест ва мо бояд ба ин воқеаи ҳатмии ҳаёт таслим шавем.

Абёти зеринро метавон порчаи шеърии ғамангез ё бозмондае аз марсияҳои Рӯдакӣ номид, зеро аз мазмуни ин порчаи шеърӣ бармеояд, ки шоир ба шахси фавтида муроҷиат карда гуфтааст. «Мо ҳама хушу хурсанд ҳастем, аммо ту дар гӯр танҳо ҳастӣ!». Дар байти дувум аз падруд гуфтани дунё ва абадӣ ба олами ғайб рафтани инсони фавтида маълумот медиҳад:

Мо ҳама хуш хурему хуш хусбем,
Ту дар он гӯри танг танҳойӣ,
На чунон хуфтаӣ, ки бархезӣ,
На чунон рафтаӣ, ки боз ойӣ [11, 61].

Масъалаи дигарро такроран бояд ёдовар шавем, ки дар адабиёти пурарзиши мо марсия чун як навъи осори манзум дар ҳамаи шаклҳои шеърӣ суруда мешавад, аз қабили қасида, қитъа, достон, ғазал, рубоӣ ва ғайра. Масалан, ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи хеш дар достони «Рустам ва Сӯҳроб» дар қисмати охири он аз марги Сӯҳроб ёд кардааст, ки онро метавон марсия номид, зеро дар ин фасли достон шоир аз навҳаи Таҳмина ба марги фарзанди ҷавонмарги худ хабар медиҳад. Ҳамин гуна марсияҳои омехтаро мо дар ашъори шоирони дигар низ дучор мешавем. Роҷеъ ба ин масъала адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмад чунин менависад: «Ҳувайдост, ки марсия дар адабиёти садаи даҳум дар қолабҳои гуногун сурат гирифтааст. Барои ибрози эҳсоси ғамангези сӯгворӣ шоирони ин даврон бештар қасида ва қитъаро интихоб кардаанд. Дар қолабҳои дигари шеър, аз ҷумла рубоӣ, ҳам суруда шудани марсияро метавон мушоҳида кард» [137, 4].

Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки шоирон ғаму андӯҳи хешро бо оҳанги марсия дар анвои гуногуни шеърӣ месурудаанд.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи ғаму андуҳ, навҳаву гиряи мардум дар бораи шахси фавтида дар як қатор рубоиёти шифоҳии халқ низ таҷассум ёфтааст. Дар ин хусус фолклоршинос С. Фатҳуллоев дар мақолаи «Бозтоби фалак дар рубоиёти шифоҳӣ» (2017) ибрози ақида намудааст [110, 153-158].

Ҳама гуна дарду алам, нолаву шеван ва ҳасрату андуҳро дар рубоиёти омиёнае, ки мазмуни ғамангез ё мотамӣ доранд, дарёфтан мумкин аст. Ҳаминро

ҳам бояд гуфт, ки мардумони гуногунзабони Бадахшон дар маросими мотам рубоиҳои хеле ғамангези халқӣ ва китобиро истифода мекунанд. Роҷеъ ба ин масъала адабиётшинос В. Охонниёзов дар асару мақолаҳои хеш маълумоти муътамад додааст. Тавре ки муҳаққиқ дар асари “Пайдоиш ва ташаккули шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ” (2017) менигорад: “Як қисми дигари рубоиҳо аз номи худи шахсе гуфта мешавад, ки ӯро аҷал дар камин аст. Гӯяндаи аксари ин рубоиёт низ занонанд, вале сухан аз забони шахси ба марг рӯбарӯшуда меравад. Мавзӯъоти ин гурӯҳ рубоиҳоро нотавонӣ дар назди аҷал, бурида шудани таноби умр, бекасӣ, ҷудоӣ, дар сари болин набудани шахсони наздик – модар, хоҳар, падар, бародар ва ғайра ташкил медиҳанд. Масалан, дар ин рубоӣ:

Кай вақт бимурдам, хок кунед дар Лангар,
Баъд аз сари хоки ман биёяд модар.
Эй модари дилсӯхта, чи дер омадаӣ,
Ман зинда намешавам ба як бори дигар» [89, 63].

Аз ин рӯ, иқрор бояд шуд, ки аксарияти навъҳои шеърии адабиёти омиёна бо асарҳои хаттӣ дар алоқамандӣ ташаккул ёфтаанд. Рубоиёти шифоҳӣ ва китобӣ низ аз лиҳози мазмуну воқеот ба ҳам наздик мебошанд.

Баъд аз марги устод Рӯдакӣ низ дар байни шоирону донишмандон ва умуман, аҳли ҷомеаи форсизабонон аз марги нобиғаи замон андуҳу ғами зиёд ба вуқуъ пайваст ва ашъори зиёди марсиявӣ арзи вуҷуд намуд. Марсияи зерин, ки аз тарафи яке аз шоирони асри Х Расоӣ ном шоири ношинохта суруда шудааст, иттилоъ медиҳад, ки ин ҳодисаи ногувор аҳли илму адаб ва дӯстдорони суханро хеле ба ғаму андӯҳ ғӯтавар карда будааст:

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Май бирезад нарезад аз май бӯй.
Шоират ку кунун, ки шоир рафт,
Набувад низ ҷовидона чун ӯй.
Хун гашт оби чашмам аз ғами вай,
З-андуҳаш мум гашт оҳану рӯй.
Нолаи ман нигар, шигифт мадор,

Шав бишав зор-зор нол бар ӯй.
Чанд ҷӯйӣ чун ӯ наёбӣ боз,
Аз чун ӯ дар замона даст бишӯй [128, 774].

Чунончи, дар аввал зикр шуд, устод Рӯдакӣ роҷеъ ба ҳар гуна анвои шеърӣ ҳамчун шоири тавонову забардаст дар эҷоди қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва махсусан марсия ҳунари эҷодии хешро нишон додааст. Дар ашъори ӯ марсия низ ҷойгоҳи махсус дорад. Марсияҳое, ки аз тарафи шоир суруда шудаанд, мазмуни ғамангез доранд ва дар бораи ашхоси воқеӣ, донишмандону шоирон суруда шудаанд. Ҳамин тавр, ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки дар марсияҳои устод Рӯдакӣ он қадар сӯзу гудоз, андуҳи зиёд, нолаву шевани аз ҳад берун дида намешавад. Зеро дар шариат ва боварҳои исломӣ низ бисёр гиристану кандани мӯйҳову дасту рӯй низ макрӯҳ ҳисобида шуда, алайҳи гуфтаҳои Худованд мебошад. Чунки Худованд ҷонро ба инсон медиҳад ва вақте ки рӯзаш ба охир расид, боз меситонад. Аз ин сабаб, Рӯдакии бузург дар шеърҳои марсиявии хеш аз ин гуна одатҳо худдорӣ намуда, дар ин бахши ашъораш андешаҳои фалсафиву таърихиро муаддабона ба кор бурдааст. Аммо дар сурудҳои марсиявии халқӣ сӯзу гудози зиёд баён ёфтаанд. Халқ ҳамаи сӯзу алами худро дар асоси воқеаву ҳодисаи дидаи худ тасвир менамояд. Бовуҷуди ин, марсия чун як суннати башарӣ ва ҳамчун шеъри халқӣ ба адабиёти хаттӣ роҳ ёфт ва он аз нолаву шеван рӯ ба панду ҳикмат овард, ки намунаи беҳтарини чунин марсияҳоро дар ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ мебинем.

## Фасли 6. Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар осори пурарзиши устоди шоирони Аҷам, поягузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чеҳраҳои асотирӣ, фолклорӣ, таърихиву фарҳангӣ бо корномаву шахсияти онҳо бозтоб шудаанд. Муқаддамушшуаро Рӯдакӣ ҳамчун шоири тавонову донишманди нотакрор аз таърихи гузашта ва махсусан, аз чеҳраҳои мондагори қаҳрамониву паҳлавонии

фолклориву асотирии бостонии ориёиву сомӣ огоҳӣ доштааст. Дар ашъори ӯ ҳама гуна ёдгориҳои таърихиву асотирӣ, бахусус, ҷойҳои таърихӣ, ёдгориҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, чеҳраҳои таърихӣ, симоҳои асотирӣ - афсонавӣ, унсурҳои асотирии тахайюлӣ, зикри номи ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Рӯдакӣ дар осори хеш образҳои фолклориву таърихии Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро (Хусрави Парвиз), Рустам, Сифандиёр (Исфандёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхоро истифода намудааст ва чунин ишороти шоир гувоҳ бар онанд, ки таърихияти шеъри ӯ ниҳоят дар пояи баланд аст. Мо дар ин бахши диссертатсия роҷеъ ба чеҳраҳои мазкур, қаҳрамониву паҳлавонӣ, таҷассуми ишқи поки онҳо ва махсусан, бозтоби онҳо дар шеъри Рӯдакӣ чанд сухан хоҳем гуфт. Ҳамчунин, дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки зимни овардани мисолҳо аз ашъори Рӯдакӣ ва намунаҳо аз осори шифоҳӣ мо андешаҳои хешро роҷеъ ба алоқамандии мутақобилаи фолклор ва адабиёт иброз хоҳем дошт, зеро осори шифоҳии халқ бо адабиёти китобӣ дар ҳар давру замон дар алоқамандиву таъсирпазирӣ зуҳур мекунад. Муқоисаи чунин симоҳои барҷастаи ашхоси таърихиву устуравӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар ашъори шоирон санъаткорона корбаст шудаанд, аммо дар осори шифоҳии халқ бо забони содаву шевои мардумӣ баён ёфтаанд. Ҳамин гуна ёдоварӣ аз воқеаву ҳаводиси таърихӣ ва чеҳраҳоро дар илми суханшиносӣ ба санъате мансуб медонанд.

Дар илми бадеъ санъате ҳаст, ки дар он роҷеъ ба истифодаи симоҳо ва воқеоти таърихӣ, тахайюливу асотирӣ ва ҷойҳои ҷуғрофӣ маълумот дода мешавад ва онро санъати «талмеҳ» меноманд. Чи тавре ки донишманди каломи бадеъ Тӯрақул Зеҳнӣ дар асари худ «Санъати сухан» (1967) менависад: «Дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ҳоказо санъати талмеҳ номида мешавад» [61, 301].

Санъати талмеҳ, ки дар он шоир роҷеъ ба воқеот, шахсиятҳои таърихиву асотирӣ ишорат мекунад, дар шеъри Рӯдакӣ низ ба таври густурда истифода шудааст. Донишманди эронӣ Муҳаммадризо, Шафеии Кадканӣ дар асари тадқиқотии хеш «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» андешаҳои ҷолиброро роҷеъ ба истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри Рӯдакӣ пешниҳод намудааст ва дар бахши

«Сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ» менависад: «Дар сувари хаёли ӯ (яъне Рӯдакӣ - Ф.И.) нишонаҳои фарҳанги зардуштӣ ба хубӣ маҳсус аст. Ё беҳтар аст бигӯем дар сувари хаёли ӯ аносури Эрони қадим беш аз аносури исломӣ ва арабист ва бештар шеърҳое, ки мансуб бад-ӯст ва дар онҳо сухан аз фарҳанги арабӣ ва сомӣ аст, шеърҳое аст, ки аз ӯ нест. Аз қабили: «Юсуфрӯе к-аз ӯ фиғон кард дилам» ё ин ки «Дилаш аз карашмаи Салмо чун хотири Маҷнун», ки мусаллам аз ӯ нест ва аз Қатрони Табрезист» [41, 414-423].

Чунончи ба назар мерасад, Шафеии Кадканӣ бархе аз чеҳраҳои асотириро, ки ба фарҳанги сомӣ (арабӣ) мансуб мебошанд, бе ҳеч далел ба Рӯдакӣ мансуб будани онҳоро рад менамояд ва аксарияти чунин ашъори шоирро мансуб ба Қатрони Табрезӣ мепиндорад. Албатта, мо ба ин ақида чандон розӣ шуда наметавонем, зеро гарчанде чеҳраҳои фарҳанги зардуштӣ дар ашъори Рӯдакӣ ба таври густарда истифода шуда бошанд ҳам, шоир тавонистааст, аз симоҳои барҷастаи адабиёт ва фарҳанги арабӣ ва юнониву румӣ низ дар шеъри худ ёдовар шавад. Ва рубоии “Юсуфрӯе к-аз ӯ фиғон кард дилам” низ аз Рӯдакист. Ҳамон гуна, ки ба аҳли илму адаб маълум аст, бо сабабҳои таърихӣ дар тӯли таърихи гузаштаи ҳар қавму миллат омезиши фарҳангу ҳунар, адабиёту санъат ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоӣ дида мешавад. Бинобар ин бояд тазаккур дод, ки Рӯдакӣ дар ашъори хеш ҳам аз асотири зардуштӣ ва ҳам аз чеҳраҳои намоёни фарҳанги арабиву юнонӣ истифода кардааст. Аз чеҳраҳои таърихиву асотирии арабу юнонӣ, ба мисли Ҳотам, Маҷнун, Мусии Имрон, Исо, Сулаймон, Суқрот, Фалотун ва ғайра истифода бурдааст.

Яке аз чунин чеҳраҳои фарҳанги арабӣ Ҳотами Той мебошад, ки на танҳо дар шеъри Рӯдакӣ, балки дар осори аксари шоирони форсигӯй тавсиф шуда ва махсусан дар осори шифоҳии халқи тоҷик нуфузи калон дорад. Халқи тоҷик дар бораи Ҳотами Той ва саховату ҷавонмардии ӯ нақлу ривоят, афсонаву қиссаҳои зиёдеро офаридааст, ки то ба имрӯз аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл интиқол меёбанд. Ҳотами Той яке аз шахсиятҳои маъруфи араб буд, ки бо саховат ва накӯкории худ миёни оммаи мардумони Арабу Аҷам машҳур гардид. Чеҳраи Ҳотами Тойӣ ҳамчун симои мусбат аз адабиёти араб ба фарҳангу адабиёти

форсизабонон гузаштааст. Ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам дар як қатор рубоиёти омиёнаи тоҷик низ инъикос ёфтааст. Гӯяндагони мардумӣ бо шеваву лаҳни сода тавонистаанд, ки аз чеҳраҳои асотириву таърихӣ ёдовар шаванд. Ҳамчунон, ки дар рубоии зайл гӯянда Қосимов Ҳошим маълумот медиҳад, Ҳотам шахси бадавлат ва дорои қалъаву сарватҳои зиёд будааст. Аммо дар мисраъҳои охири рубоӣ таъкид менамояд, ки ҳамаи сарвату дороии Ҳотам аз тарафи Аллоҳ аст ва то Худованд ба ӯ надиҳад, вай чи гуна метавонад, ки ба халқ ёрӣ расонад. Аз ин ҷост, ки Ҳотам шахси сахӣ ва родмарди роҳи Ҳақ буда, ҳамеша ғамхору мушфиқ дар хидмати мардум будааст:

Мурғе дидам нишаста дар гумбази вой,
Дар пешаш фитодааст, қалъаи Ҳотами Той.
Ин мурғ амон мегуфт ё розиқи хай,
То Ҳақ натияд, кай тияд Ҳотами Той [147, 2:1388,3].

Рӯдакӣ низ дар шеъри худ аз ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам ёдовар шудааст. Аз рӯи маълумоти маъхазҳо қитъаи зерини Рӯдакӣ ба шоҳ Наср ибни Аҳмади Сомонӣ бахшида шудааст. Шоир саховатмандиву қаҳрамонии Насрро ба Ҳотами Той ва Рустами Дастон ташбеҳ медиҳад. Ҳотам бо ҷавонмардӣ ва хислатҳои барҷастаи худ ҳамеша вирди забони хосу ом қарор мегирад:

Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард [11, 36].

Дар қитъаи боло шоир бо вуҷуди Ҳотаму Рустамро аз мамдуҳи худ паст донистан, аммо дар аввал онҳоро меситояд ва ёд мекунад.

Дар байти дигар ҳамчунин аз ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам ёд шудааст. Дар ин байт калимаи «Ҳотамфаш» ба кор рафтааст, ки маънои шабеҳи Ҳотам, мислу монанд ба Ҳотамро ифода мекунад. Мурод аз гуфтаи шоир бисёр сахӣ ва саховатмандии Ҳотам, шахси карим будани ӯ мебошад:

Ай дареғ, он ҳури ҳангоми сахо Ҳотамфаш,
Ай дареғ, он гави ҳангоми waғо Сомгироҳ [11, 94].

Вожаи «вағо» дар байти боло ба маънии корзор, ҳангоми набард истифода шудааст. Ва ин вожа дар «Луғатнома»-и Аллома Деҳхудо низ ба ҳамин маънӣ оварда шудааст [136, 3137].

Дигар чеҳраи бисёр машҳури асотирӣ ва ба ҳамагон маълум Луқмони Ҳаким мебошад, ки ӯро ҳам аҳли илму адаб ва ҳам оммаи васеи ҷомеа мешиносанд. Луқмон - ҳаким ва донишманди асотириву афсонавист, ки дар бисёр ривоятҳои халқҳои Шарқ: арабҳо, эрониҳо, тоҷикон, туркҳо ва ғайра мавқеъ дорад. Луқмон шахси донишманд ва ҳамадон будааст ва аз ин сабаб халқ ба ӯ лақаби «Ҳаким»-ро додаанд. Чеҳраи Луқмон дар байти зерини Рӯдакӣ низ як шахси ҳамадон, олиму ҳаким тасвир ёфтааст:

Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,

Гӯш кун инак, ба илму ҳикмати Луқмон [11, 55].

Ба андешаи Рӯдакӣ Луқмон қуфлкушои ҳамаи донишҳо мебошад. Луқмони Ҳаким файласуфу табиби машҳуру маъруф, фарҳехтаи илму маърифати ҷаҳонист. Ном ва хираду донишмандии ӯ ба вижа дар адабиёти классикии тоҷику форс ҷойгоҳи махсус дорад.

Мақоли халқии «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст» низ дар байни халқ то ҳол роиҷ мебошад ва мардум онро дар вақти суҳбат истифода мебаранд. Ғайр аз ин нақлу ривоятҳои зиёде дар бораи шахсият ва корномаҳои Луқмони Ҳаким дар байни халқ густариш ёфтаанд. Ин қабил нақлу ривоятҳо шаҳодат медиҳанд, ки Луқмон шахси донишманд, хирадманд, донандаи забони гиёҳҳову растаниҳо мебошад ва беморонро тавассути гиёҳҳои табобатии табиӣ муолиҷа мекунад. Маҳз ҳикмати Луқмон ва ҳунари шифобахши ӯ, ки дар миёни халқ арҷгузории бесобиқа дорад, сабаб шудааст, ки Рӯдакӣ аз вай дар шеъраш ёдовар шавад.

Ҳамон гуна, ки ишорат шуд, аз рӯйи иттилои доктор Шафеии Кадканӣ дар ашъори Рӯдакӣ чеҳраҳои асотирии зардуштӣ ё ба истилоҳи дигар, симоҳои ориёӣ нисбат ба образҳои фарҳанги арабӣ бештар бозтоб шудаанд. Ин андеша воқеият дорад, зеро хонанда ҳангоми мутолиаи девони шоир ба зудӣ пай мебарад, ки фарҳанги миллӣ, чеҳраҳои таърихӣ ва ойину русуми суннатии тоҷикону форсизабонон дар шеъри ӯ барҷаста тасвир ёфтаанд. Яке аз ин гуна симоҳо Соми

Наремон мебошад, ки Рӯдакӣ дар баъзе аз порчаҳои шеърии хеш аз ӯ ёд мекунад. Сом номи падари Золи Зар ва бобои Рустам мебошад ва ӯ яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ маҳсуб мешавад. Соми Наремон қаҳрамони асотирии адабиёти форсу тоҷик буда, чеҳраи ӯ дар адабиёти мо барҷаста арзёбӣ шудааст. Ӯ қаҳрамони ҷасур будааст. Исми вай дар адабиёти классикӣ ва асотири бостон бо номҳои «Соми Дастон» ё «Дастони Сом» низ машҳур аст. Соми Наремон дар асотири эронӣ ба сифати савори бузурги размандa ва паҳлавони беҳамто машҳур буд, ки дар байти зерини устод Рӯдакӣ ҳам ҳамин хислату қобилияти Сом таъкид гардидааст:

Соми суворе, ки то ситора битобад,
Асп набинад чун ӯ сувор ба майдон! [11, 55].

Дар байти дигар вожаи «Сомгироҳ» зикр шудааст, ки ишора ба шахсе, ки дар қаҳрамонӣ ва садоқат шабеҳ ба Сом аст, мебошад:

Ай дареғ, он ҳури ҳангоми сахо Ҳотамфаш,
Ай дареғ, он гави ҳангоми ваѓо Сомгироҳ [11, 94].

Мавриди сухан аст, ки дар бораи қаҳрамониву корномаҳои Сом дар осори шифоҳии халқи тоҷик маълумоте дода намешавад. Шояд сабаб он бошад, ки халқ ӯро он қадар намешиносад ва дар бораи ӯ маълумоти кофӣ надорад. Аз ин ҷост, ки чеҳраи ӯ асосан дар осори хаттӣ густариш ва дар ашъори шуарои форсу тоҷик таҷассум ёфтааст.

Рустами Дастон номи яке аз қаҳрамонҳои афсонавии як қатор достонҳои халқии мардуми эронинажод ва инчунин, номи яке аз қаҳрамонҳои асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсист. Писари Золи Зар, набераи Соми Наремон аст. Симои барҷастаи Рустам дар адабиёт ва фарҳанги мо ба гунаи образҳои қаҳрамониву паҳлавонӣ, нерумандиву далерӣ ҷилвагар шудааст. Зеро зикри номи ӯро мо дар ашъори шоирон ва осори омиёнаи халқи тоҷик бо ҳама гуна тавоноиву нерумандиаш мушоҳида мекунем. Чеҳраи Рустами қаҳрамон дар осори шифоҳии халқи тоҷик дар рубоиву таронаҳо, ривояту афсонаҳо, қиссаву достонҳои қаҳрамонии эпоси «Гӯрғулӣ» ҳамеша ва барҷаста тасвир ёфтааст. Дар бораи Рустам дар байни халқи мо нақлу ривоятҳо ва афсонаҳои ҷолиб бо

нусхаҳои гуногун густариш ёфтаанд. Чунончи, дар ривоятҳои «Ҷанги Афросиёб бо Рустам», «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам», афсонаи «Ҷанги Рустам бо дев» ва ғайра аз байни халқ ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар Фонди фолклори тоҷик маҳфуз мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки роҷеъ ба қаҳрамонҳои «Шоҳнома» дар осори шифоҳӣ фолклоршинос С. Фатҳуллоев  дар мақолаи хеш «Шоҳнома дар осори шифоҳӣ» нуктаҳои ҷолиброизроз намудааст. Чи тавре ки ӯ менависад: «Аз ин ривоятҳои халқӣ чунин бармеояд, ки қаҳрамонони «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ: Рустам, Сухроб, Золи Зар, Рахш, Исфандиёр ва дигарон симоҳои дӯстдоштаи тоҷиконанд... Қаҳрамонони «Шоҳнома» на танҳо дар байни гӯрғулихонҳо, балки дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ба таври васеъ интишор ёфтаанд. Аз ривоятҳои халқӣ бармеояд, ки гӯяндагони халқӣ бо истифода аз воситаҳои тасвири бадеӣ дар забони зиндаи халқ аз Рустам ва Исфандиёр нақшҳои фаромӯшнашуданӣ офарида, бад-ин васила меҳру муҳаббати халқро нисбати «Шоҳнома» бештар гардонидаанд» [111, 122-129]. Воқеан, чунин чеҳраҳои асотирӣ дар фарҳангу адаби мо тимсоли паҳлавонӣ, ҷасуриву далерӣ, қаҳрамониву пирӯзмандӣ буда, халқ дар симои онҳо шахси боҷасорату пурқувватро мебинад.

Дар як силсила дубайтиву рубоиёти шифоҳӣ чеҳраи Рустами Достон  ва аспи номии ӯ Рахш тасвир ёфтааст, ки халқ аз хислату амалиёти паҳлавон воқиф мебошад, зеро овозаи қаҳрамони ҷасуру нотарс будани Рустам дар байни халқ паҳн гардидааст. Чунончи, дар дубайтии зер мебинем, гӯянда бародари аскари худро ба Рустами Достон монанд мекунад ва таъкид менамояд, ки ӯро Рустам ном баранд:

Ман садқа шавам чилими дар чилима,
Ман садқа шавам акаи аскарчима.
Аскараш наген, Рустами Достонаш биген,
Дар мийнаи аскаро гулистониш биген [149, 1,3870,7].

Дар ҷойи дигар гӯянда Кабиров Набӣ аз номи аспҳои ҳазрати Алӣ ва Рустами Достон – Дулдул ва Рахш ёд мекунад. Зимнан ба яке аз воқеаҳои дар

шаби Меъроҷ рух дода, ки ба Муҳаммад (с) мансуб мебошад, ишорат мекунад. Чунончи:

Рӯзе, ки нафас бар тани одам доданд,
Аввал ба забон сабақи «Алҳам» доданд.
Доданд ба шаби Меъроҷ ёраке ба Набӣ,
Дулдул ба Алӣ, Рахша ба Рустам доданд [148, 2, 1380].

Симои Рустам дар адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик ҳамоно рамзи далериву паҳлавонист. Дар ашъори Рӯдакӣ ҳам ҳамин хислату махсусияти Рустам дида мешавад. Рустами Достон дар шеъри Рӯдакӣ ҳам рамзи тавоноиву диловарӣ, қаҳрамониву ҷасурӣ ва паҳлавонист. Чи тавре ки дар байти зер мебинем, номи Рустами Достон ҳамеша зиндаву ҷовид хоҳад монд, зеро шуҳрату шаъну шони ӯ номашро дар ҳар давр зинда нигоҳ медоранд:

Рустамро ном, агарчи сахт бузург аст,
Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон [11, 56].

Яке аз қитъаҳои машҳури устод Рӯдакӣ ба тавсифи шоҳ Наср бинни Аҳмади Сомонӣ бахшида шуда, шоир саховатмандиву ҷавонмардии ӯро ба Ҳотами Той ва далериву паҳлавониашро ба Рустами Дастон шабоҳат додааст. Ӯро дар набард ба гунаи Рустам мепиндорад ва таъкид менамояд, ки дар ҷанги ӯ каси дигар наметавонад то ба охир разм оварад ва пирӯз шавад. Роҷеъ ба ин масъала муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Муҳаммад Авфии Бухороӣ чунин нигоштааст: «Ва агарчи шеъри ӯ аз ҳаду ад мутаҷовиз аст, аммо он чи ин маҷмӯи онро эҳмол кунад сабт афтод, дар мадҳи Наср бинни Аҳмад мегӯяд дар аснои қасидае» [39, 246]. Ҳамин тавр, Муҳаммад Авфӣ зимнан бо овардани қитъаи шеърии поён дар мадҳи Наср бинни Аҳмад бахшида шудани онро иттилоъ медиҳад. Муҳим ин аст, ки шоир мамдуҳи хешро ба Рустами Достон шабоҳат медиҳад:

Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард [11, 36].

Рустами Достон дар шеъри Рӯдакӣ ҳам тимсоли нерумандиву паҳлавонӣ мебошад. Номи ӯро шоир бо сарбаландӣ ёд мекунад ва ӯ яке аз чеҳраҳои бостонии фарҳанги миллии мо маҳсуб мешавад ва ба ин хотир дар байни халқи тоҷик мардум бо орзуву умеди бедард ва нотарсу паҳлавон шудани фарзандонашон номи он қаҳрамонҳо, амсоли «Рустам»-ро мегузоранд.

Чеҳраи дигаре, ки дар фарҳанг ва адабиёти мо ҳамеша аз ӯ ёд мешавад, Исфандёр мебошад. Исми Исфандёр дар шеъри Рӯдакӣ ба шакли «Сифандёр» вомехӯрад. Сифандёр шакли кӯтоҳшудаи номи Исфандиёр буда, паҳлавони афсонавӣ, писари Гуштосп аст ва ӯро Рӯйинтан низ мегуфтанд. Яке аз қаҳрамонҳои асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки чеҳраи Исфандёр дар байни халқ он қадар маъмул намебошад ва дар осори шифоҳӣ аз ӯ кам ёд мешавад ва номи ӯро асосан мо дар ашъори шоирони классикӣ дучор мешавем. Дар байти зерини Рӯдакӣ дар бораи разми Исфандёр ва ҷанговарии ӯ маълумот дода шудааст:

В-ар-ш бидидӣ Сифандёр гаҳи разм,
Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон [11, 55].

Чун Исфандёри пилтан ба набард мебаромад, дар пеши шамшеру синони вай ҳамагон тарсидаву ларзон мешуданд. Дар ин байт Рӯдакӣ аз санъати иғроқ ва муболиға истифода намуда, суханонашро бо ҳамин санъатҳо назокат бахшидаст.

Равобити адабиёти форсии тоҷик бо дигар адабиёти ҷаҳон, махсусан бо адабиёти араб собит менамояд, ки дар натиҷаи масоили сиёсиву иҷтимоӣ дар тӯли таърихи гузашта ин ду адабиёт ба ҳам таъсири мутақобила доштаанд. Манзур аз ин суханон ин ҷо таъсирпазирии ду достони ишқӣ-романтикии адабиёти Арабу Аҷам «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки ин достонҳо ҳам дар адабиёт ва фарҳанги араб ва ҳам дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеи хоссаро доро ҳастанд.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун», замоне ки аз адабиёти араб ба адабиёти форсизабонон ворид мешавад, то ба дараҷаи яке аз достонҳои маъруфу машҳур мубаддал меёбад. Дар ин замина шоирони зиёде ба навиштани ин достон машғул шуда, арзиши онро ба дараҷаи олӣ мебардоранд. Дар адабиёти мо шоирони зиёде

чун: Амир Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон дар пайравӣ ба он бо сабку равияҳои махсуси худ ин қиссаи асотириро ба риштаи назм кашидаанд.

Маҷнун ва Лайлӣ қаҳрамонони асосии достони ишқии адабиёти форсии тоҷикӣ ва дигар халқҳои Шарқ маҳсуб мешаванд. Дар “Донишномаи Рӯдакӣ” адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор роҷеъ ба таърих ва зуҳури калимаи «Маҷнун» менависад: «Вожаи «Маҷнун» аввал дар адабиёти араб  сипас, дар шеъри форсу тоҷик ба туфайли моҷарои ишқи шоири ошиқпешаи араб-Қайс ибн Мураввах, ки дар ишқи Лайлӣ ақли худро бохта, лақаби Маҷнунро гирифта буд, роиҷ ва маъмул гардидааст. Дар шеъри Рӯдакӣ ҳам вожаи Маҷнун ишора ба қаҳрамони ҳамин қиссаи ишқии арабист» [130, 106-107].

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ чеҳраи Маҷнун ҳамчун тимсоли шахси дорои ишқи поки инсонӣ бозтоб шудааст. Номи ӯ дар фарҳанги омиёнаи тоҷик ва махсусан, дар намунаҳои осори шифоҳӣ хеле барҷаста зикр шудааст. Чунончи, дар рубоии зер гӯянда худро ба мисли Маҷнун ошиқи маҳҷур ва дурафтода мепиндорад ва пайваста ба маъшуқаи хеш дуо мегӯяд ва ҳамчунин, аз азобу уқубати ишқи худ ёд мекунад. Ва ранҷу азоби хешро ба Юсуфи зиндонӣ ташбеҳ менамояд, ки ин манзури қаҳрамони лирикӣ ба саргузашти Маҷнуну Лайлӣ ва ҳамзамон ба азоби зери чоҳ афтодани Юсуф равона шудааст. Рубоӣ:

Маҷнунаму пайваста дуо мегӯям,
Дар фақр фитодаям, сано мегӯям.
Ҳамчу Юсуф фитодаям дар зери чоҳ,
Бо Лайлии сухтадил видо мегӯям  [27, 30].

Ҳамон гуна, ки дар боло зикр шуд, мувофиқи маълумоти А. Абдусаттор дар ашъори Рӯдакӣ низ мурод аз Маҷнун ва Лайлӣ ҳамон қиссаи ишқии арабӣ аст. Дар рубоии зерини Рӯдакӣ мазмуни зарбулмасали «Андӯҳи дилсӯхтагон, сӯхта донад» [108, 274], ифода ёфтааст ва ин зарбулмасал дар байни халқ дар мавридҳое истифода мешавад, ки  агар шахс ягон мусибате ба сараш  наояд, ба қадри он расида наметавонад.

Ҷойе, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,

Он ҷо ду ҳазор найза болохун аст.

Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,

Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст [11, 68].

Ҳамчунин, дар ин рубоӣ роҷеъ ба ҳолу аҳволи Маҷнуни ошиқи шайдо ва пурҷабру ҷафо маълумот дода шудааст. Касе, ки аз роҳи ишқ гузаштааст ва моҷарои ошиқиро паси сар кардааст, ба қадри Маҷнун мерасад.

Қитъаи шеърии дигар, ки дар байни хосу ом маъмулу машҳур аст ва Рӯдакӣ дар он тавсифи Лайливу Маҷнун мекунад, ин аст:

Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,

Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.

Зи оби ҷӯй ҳар соат, ҳаме бӯйи гулоб ояд,

Дар ӯ шустаст пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун [134, 173].

Дар ин абёт шоир аз санъати ташбеҳ ниҳоят моҳирона ва шоирона истифода намудааст. Иборaву таъбироти «хандидани лола ба сони Лайло» ва «гиристани абри борандаи баҳорӣ ба сони Маҷнун» ташбеҳоти воқеӣ мебошанд, ки ҳолати руҳиву ҷисмии қаҳрамонони лирикиро ҳувайдо месозанд. Дар ҳақиқат, зебоиву матонати Лайлӣ ё маъшуқа ба мисли лолаи зебову шукуфони баҳорист, аммо гиристани абри найсони баҳорӣ бар моҷарову саргузашти Маҷнуни саҳроӣ ташбеҳи воқеъбинона мебошад. «Аз ҷӯй мудом омадани бӯйи гулоб» ба хотири он аст, ки дар он «нигори шоир» рухи гулгуни худро шустааст.

Дигар достони ишқии қолиби таваҷҷуҳи хосу ом гардида, достони «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки дар он моҷарои зиёде мавҷуд буда, заминаҳои асотириву афсонавӣ дорад ва ин қисса низ дар фарҳангу адаби форсӣ ва дигар мамолики мухталифи олам паҳн гардидааст. Қаҳрамонҳои асосии ин қисса Юсуф ва Зулайхо мебошанд. Юсуф яке аз пайғамбарон ва писари Яъқуб пайғамбар буд. Саргузашти ӯ пур аз моҷаро мебошад. Юсуф бо зебоиву бартарияти худ назди падар аз дигар бародаронаш азизтар буд. Мувофиқи ривояте ӯ шабе хоб мебинад, ки моҳу ситорагон дар баробараш ба саҷда афтодаанд ва ӯ хобашро ба бародарон ва падараш нақл мекунад. Аз ин пас, бародарон ба ӯ рашку ҳасад пайдо мекунанд ва ӯро ба чоҳ меандозанд ва ба назди падар омада ба ӯ мегӯянд, ки

Юсуфро гург хӯрд. Ҳамин тавр, корвоне ӯро аз чоҳ раҳо карда, ба Миср мебаранд ва ба Азизи Миср мефурӯшанд. Баъд аз ин моҷарои Юсуф меафзояд. Зулайхо, ки номи аслии ӯро «Роил» ва мувофиқи иттилоъи ривояте «Нико» гуфтаанд, ҳамсари Азизи Миср – Қатифар ибни Раҳиб буд ва дар замони фиръавни Миср Раён ибни Валид мезистааст. Чун шавҳари Зулайхо Юсуфро аз корвоне харид, Зулайхо аз сабаби ниҳоят зебо буданаш ба ӯ дил баст. Аз ин пас, дар байни Юсуф ва Зулайхо моҷароҳои зиёде гузашт, ки дар ашъори шоирону адибони мо дар ин хусус маълумот дода шудааст.

Дар осори шифоҳии халқи тоҷик низ аз саргузашти Юсуф ва Зулайхо маълумоти зиёдеро вохӯрдан мумкин аст. Як силсила афсонаву қисса ва ривоятҳои омиёна роиҷ мебошанд, ки дар онҳо оид ба қаҳрамонони зикршуда сухан рафтааст. Як чанд нусхаи афсонаи «Юсуф ва Зулайхо» дар Фонди фолклори тоҷик ҷамъоварӣ шудаанд, ки то имрӯз маҳфуз мебошанд. Инчунин, дар як силсила рубоиву таронаҳои ошиқонаи халқӣ дар хусуси ишқи поки онҳо маълумот дода шудааст. Масалан, дар як рубоӣ ҷавони ошиқ худро ба Юсуф шабеҳ намуда, маъшуқаашро ба Зулайхо монанд мекунад ва ба дилдодааш муроҷиат карда мегӯяд, ки «эй ёри зебо аз хона ба берун баро, то ман қомати раъно ва рӯйи зебои туро бубинам». Ва дар ин рубоӣ аз ҷудоиву фироқи ошиқи ноком иттилоъ дода шуда, ҳамчунин аз воқеаи дар зери чоҳ будани Юсуф хабар медиҳад:

Эй ёр биё, қади раъно бинам,
Аз хона баро, рӯйи зебо бинам.
Ман Юсуфаму фитодаам дар зери чоҳ,
Армон дорам, рухи Зулайхо бинам [148. 2, 1380].

Дар ашъори Рӯдакӣ зикри номи Юсуф дар се маврид истифода шудааст, ки шоир аз воқеаву ҳаводиси марбут ба саргузашти ӯ маълумот медиҳад. Аммо номи Зулайхо дар ягон маврид дар шеъри Рӯдакӣ зикр нашудааст. Дар як рубоии устод Рӯдакӣ ба Юсуф-писари Яъқуби Канъонӣ, ки яке аз пайғамбарони асотирии исроилист, талмеҳан ишора шудааст. Дар афсонаи Юсуф ва Зулайхо гуфта мешавад, ки Зулайхо ошиқи Юсуф шуд ва занони аъёни мамлакати Миср

ӯро таъна карданд, аммо ҳангоме ки худи он занҳо Юсуфро диданд, аз ҳусну ҷамоли ӯ моту маҳбут монда, ба ҷойи турунҷе, ки дар даст доштанд, беихтиёр дастони худро буридан гирифтанд. Рӯдакӣ бо ибораи «дасти занони мисриён» ба ҳамин воқеа ишорат кардааст:

Юсуфрӯйе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чун дасти занони мисриён кард дилам.
З-оғоз ба бӯса меҳрубон кард дилам,
Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам [11, 71].

Дар абёти дигари устод Рӯдакӣ ибораи «се пироҳан», мурод аз се пироҳани Юсуф аст, ки якеро бародаронаш бо макр хунолуд карда, Юсуфро гург хӯрд гӯён пеши падар бурдаанд; дуюм пироҳане ки аз дасти Зулайхо чок шуд ва бо туҳмати ӯ Юсуфро ба зиндон андохтанд ва сеюмӣ пироҳане буд, ки бо бӯйидан ва ба чашм молидани он дидаи Яъқуб бино шуд, ишорат шуда, аз воқеияти қиссаву афсонаи саргузашти ду ошиқи маҳҷур дарак медиҳад:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр-андар:
Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз туҳмат
Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар? [11, 44].

Дар қитъаи боло ҳунари волои шоир дар масъалаи истифодаи талмеҳ барои ташбеҳ ҳувайдост.

Мусаллам аст, ки Рӯдакӣ шоири тавонову забардаст ва ҳофизи хушовозу машшоқи хушсадо буда, шуҳрати шоириву овозхонии ӯ дар Бухорову Ҳирот ва шаҳрҳои дигари ҳукумати Сомониён паҳн гардида буд. Дар байти зер ғурури шоирии ӯ боло гирифта, садову савти худро ба андалеб монанд мекунад, аммо дар мисраи дувум аз ранҷу машаққати Юсуфи зиндонӣ ёд мекунад.

Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру зиндонӣ [11, 65].

Ранҷи зиндонро Юсуф аз сабаби ҳусни зебояш кашид ва Рӯдакии шоир маҳз масъалаи ҳуснро, зебоиро, ки барои ҳар дуяшон хос ва боиси ранҷи ҳар ду гардидааст, ёд мекунад.

Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки масъалаи таъсири мутақобилаи адабиёти шифоҳӣ бо осори хаттӣ аз даврони куҳан то имрӯз идома кардааст ва дар ашъори устоди шоирони Аҷам Рӯдакии бузург низ ин ганҷинаи бегазанди мардумӣ таъсири қавӣ гузоштааст. Рӯдакӣ яке аз аввалин шоиронест, ки дар ашъори хеш бо ҳунару истеъдоди фавқулодаи худ аз нақлу ривояҳо ва қиссаву устураҳои мардумони эронитабор ва араб истифода кардааст. Дар заминаи воқеоти тахайюлии қадимаи мардумӣ ва ҳаводиси мавҷудбуда тавонистааст ашъори хешро пурарзишу хонотар гардонад. Аз дидгоҳи дигар, нақши ашъори Рӯдакӣ дар зиндаву устувор нигоҳ доштани бисёре аз зарбулмасалу мақолҳо ва номҳои устуравию афсонавӣ назаррас мебошад. Ҷанбаҳои асотириву суннатии эҷодиёти шифоҳӣ ҳамчун ёдгории ниёгон дар ашъори шоир бозтоб шудаанд. Ашъори Рӯдакӣ ба тафаккури халқ наздик буда, дар эҷодиёти ӯ арзишҳои башардӯстиву инсонпарварӣ, ахлоқи неку накӯкорӣ, пос доштани ниёгони ориёӣ, эътиқоду бовар доштан ба аносури куҳан ҳувайдост. Ва маҳз ин масъала сабаб шуда, ки ашъори бикру пурарзиши ӯ аз замони зиндагии худи шоир то имрӯз ба дилу дида ва зеҳни халқ ҷой гирифтааст ва ин содагиву омафаҳм будани шеърҳои ӯ дар сабки ироқӣ суруда шуда буданд, ки яке аз махсусиятҳои ин сабк низ дар наздик будан ба ҳаёту воқеяити зиндагии инсонҳо мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки дар ашъори на он қадар зиёд боқимондаи Рӯдакӣ бисёре аз навъҳои гуногуни унсурҳои осори шифоҳӣ нуҳуфтаанд ва ҳамин бахши эҷодиёти ӯ алоқамандии ашъори ӯро бо эҷодиёти мардумӣ нишон медиҳанд.

# БОБИ III. ҶАШНУ МАРОСИМҲО ВА БОВАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ШЕЪРИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

## Фасли 1. Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ашъори Рӯдакӣ тавсифи ҷашну маросимҳои миллӣ ҷойгоҳи махсус дошта, шоири пуртаҷриба дар баёни афкори бадеӣ, иҷтимоӣ ва маънавияш номҳо ва хусусиятҳои ҷашну ойин ва одатҳои мардумони форсизабон, махсусан тоҷиконро истифода намудааст. Пеш аз ҳама, дар навиштаҳои ӯ васфи баҳори нозанин ва ҷашну маросимҳои марбут ба ин фасли зебои сол ба мушоҳида мерасад.

Ҷашни Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимӣ ва пурарзиши мардуми ориёитабор ба ҳисоб меравад ва он дорои таърихи куҳан буда, аз даврони қадим то ин замон аз тарафи мардумони форсизабон таҷлил карда мешавад. Маҳбубият ва хусусияти башардӯстонаи маросимҳои наврӯзӣ сабаб шуданд, ки ин ҷашн бо пешниҳоди сарварони мамолики Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, аз ҷумла силсилаи дархостҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи ЮНЕСКО соли 2009 ҳамчун ҷашни байналхалқӣ пазируфта шуд.

Наврӯз яке аз мусаввараҳои милии адабиёти шифоҳӣ ва хаттии тоҷик дар давоми ҳазорсолаҳо будааст. Дар хусуси ҷашни Наврӯз ва зебоиҳои баҳори фархундаву сарсабз, пеш аз ҳама дар осори шифоҳии халқи тоҷик рубоиву таронаҳои зиёде бо бадеият ва самимияти хос эҷод шудаанд. Махсусан рубоиву дубайтиҳои омиёна, ки ба Наврӯз бахшида шудаанд, гувоҳ бар онанд, ки халқи тоҷик аз даврони куҳан то замони мо Наврӯзро чун ҷашни қадимии аҷдодони хеш пиндошта, фаро расидани онро ҳамасола мунтазир мешудаанд. Дар ин бора садҳо рубоиву сурудҳои махсуси бахшида ба маросими ин ҷашн гувоҳӣ медиҳанд ва асарҳои зиёде руйи чоп омадаанд. Чунончи, асарҳои Р. Аҳмадов “Наврӯз дар Варорӯдон” (Теҳрон, 2005) ва “Фолклори маросимҳои мавсимиии

тоҷикони Осиёи Марказӣ” (Душанбе, 2007), Н. Шакармамадов ва О. Шакармамадов “Наврӯзи Бадахшон” (Хоруғ, 2001), М. Мирраҳим “Ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ” (Душанбе, 1992), Д. Раҳимов “Чинори пургул” (Душанбе, 2008) ва ғайра дар бораи таърих, анъанаҳои наврӯзӣ ва тараннуми ҷашни Наврӯз маълумот медиҳанд. Аммо, Наврӯз, чунон ки гуфтем, ба як унсури образофаринӣ ва мусаввараи бадеӣ дар шеър табдил ёфт ва аз он фасоҳату балоғати шеър баҳраи зиёд бардошт. Масалан, дар ин рубоии халқӣ, ки гӯянда ғами ҳиҷрон, гардиши тунди даврон ва ҳаёти нобасомони худро ба шодиву нишоти Наврӯз муқоиса мекунад ва ҳаваси он рӯзро изҳор медорад:

Наврӯза ба навбаҳор кай мебинам?
Гулҳора ба шаш қатор кай мебинам.
Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,
Дунёра ба як қарор кай мебинам [6, 23].

Наврӯз, чунон ки гуфта шуд, дар ашъори устод Рӯдакӣ низ мавқеи муайян дорад. Дар хусуси тасвири зебоиҳои баҳор ва Наврӯз дар ашъори Рӯдакӣ муаррихон, адабиётшиносон ва фолклоршиносони тоҷик ақидаҳои худро дар мақолаву осорашон  баён намудаанд. Аз ҷумла, академик Абдулғанӣ Мирзоев дар бахше аз китоби худ “Абӯ Абдулло Рӯдакӣ” роҷеъ ба ашъори дар васфи баҳор сурудаи Рӯдакӣ ибрози андеша намуда, аз ҷумла менависад: «Ашъори ба тасвири баҳор бахшидаи Рӯдакиро мумкин аст дар қатори беҳтарин ашъори васфии шоир дохил кард. Ҳамон навъе, ки манзараҳои табиат ва обу ҳавои ҳар як мамлакат  дар афкору хаёлоти сухансароёни он сарзамин бетаъсир намондааст, табиати зебои Мовароуннаҳр, таровату хуррамиҳои баҳоронаи он мавзӯи асосии ашъори баҳорияи Рӯдакиро ташкил додаанд» [70, 344-345].

Ҳамчунин, академик Р. Амонов андешаҳояшро дар китоби «Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ» зери унвони «Як факти робитаи ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ бо назми халқ» чунин хулоса менамояд: «Як ҷиҳати ифодакунандаи алоқаи назми замони Рӯдакӣ ва эҷодиёти даҳанакии халқ диққати бисёртарафа ба тасвири табиат, барои ин ду соҳаи каломи бадеӣ манбаи хос ва беохири тасвирот қарор гирифтани табиат аст» [50, 17].

Наврӯзшиноси тоҷик Р. Аҳмадов дар як чанд асару мақолаҳояш доир ба ҷашни Наврӯз ва маросимҳои марбут ба он ақидаҳои худро баён карда, дар ду мақолаи алоҳидаи хеш: «Инъикоси баҳор ва Наврӯз дар ашъори Рӯдакӣ» ва «Чун лола ба Наврӯз қадаҳ гир ба даст» роҷеъ ба мавқеи ашъори баҳория ва ҷашни Наврӯз дар шеъри Рӯдакӣ андешаҳои ҷолибро ба арз мерасонад.

Ҷамолиддин Саидзода роҷеъ ба сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ ва зимнан дар бораи тасвири зебоиҳои баҳор дар шеъри ӯ фармудааст: "...Рӯдакӣ дар мавсими баҳор, ба вижа бонг задани раъду равшан шудани барқ, на танҳо сайру гашти табиат, балки май хӯрдан, шодӣ кардан, шунидани садои мусиқӣ, аз ҷумла рӯду чангро, ки худ дар навохтани онҳо моҳир будааст, тавсия медиҳад ва аз ҳамнавъон дархост менамояд:

Чун ба бонг омад аз ҳаво бахнав,
Май хӯру бонги руду чанг шунав!" [98, 71].

Ҳамин тариқ, аз навиштаҳои пажӯҳишгарон бармеояд, ки дар воқеъ, Рӯдакӣ чун шоири борикбин ва тавоно ба тамоми зебоиву назокати баҳор ва ҷашну маросимҳои марбут ба он нигариста, вижагиҳои онро дар ашъори ноби хеш иброз доштааст. Васфи баҳори гулшукуфону ҳуснафзо дар навиштаҳои Рӯдакӣ бо тамоми зебоиву дилнишиниаш тараннум ёфтааст. Чуноне ки шоир дар қасидаи "Баҳория"- и худ, тасвири ин фасли зебои солро бо латофату матонати шевои гуфтораш васф мекунад, завқи хонандаро дубора ба зебоиҳои баҳор бедор месозад. Дар ин қасида шоир барои зебову назокати суханаш аз санъатҳои бадеии тавсиф, ташбеҳ, муболиға ва ғайра истифода бурдааст ва ҳаводорони шеъри ноби ӯ ҳангоми қироати он худро дар оғӯши табиати сарсабз эҳсос менамоянд ва лаззату ғизои маънавӣ мегиранд.

Ба андешаи шоир бо фаро расидани фасли баҳор тамоми гулу гиёҳҳои табиат сарсабзу хуррам гашта, эҳёшавии табиат ба ҷисми инсон низ таъсири хуб мерасондааст. Рӯдакӣ ба чунин андеша аст, ки табиат зинда мешавад, тамоми дунё дубора эҳё ва пиру барно қувваи ҷавонӣ дар бар мекунанд:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.

Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкара-ш абри тираву боди сабо – нақиб.
Наффот – барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин маҳиб [11, 31].

Дар мисраъҳои зер ташбеҳоти «гиристани абр» бар ҳолу аҳволи «марди ғамдидаву сӯгвор» ва «нолидани раъд» ба монанди «ошиқи дилсӯхта» хеле мувофиқ  корбаст шудаанд:

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯквор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи кайиб.
Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.
Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯйи саман, бодро табиб.
Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф пеш ҳамедошт, гул гирфт,
Ҳар ҷӯяк, ки хушк ҳаме буд, шуд ратиб.
Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамид,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад ҳазиб [11, 31].

Шоири ҳассос ҳамчун шахси мушоҳидакор доир ба ҳар як мавҷуди табиат жарфтару амиқтар назар афканда,  ҳар гуна латофату зебоии табиату мавҷудоти зиндаро  ба риштаи тасвир мекашад. Тавре ки ба назар мерасад, баромадани Офтоби оламтоб ва нуру рӯшноии он, боридани майдаборони баҳорӣ, ки ҳангоми ба замин расидани он аз замин накҳати хуш бар машоми кас хеле форам мерасад, дар ин мисраъҳо воқеъбинонаву ҳунармандона тасвир шудаанд. Инчунин, баъд аз боридани борон ва лаҳзаи ист гирифтани он,  ҳангоми нурпошии Хуршед ва пайдо шудани ҳафтранг (рангинкамон) низ аз назари шоир дур намондааст, ки ин гуна тасвироту андешаҳои хирадмандона баён шуда, албатта, ҳунари волои шоирии Рӯдакиро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, қасидаи мазкур аз оғоз то анҷом саршор аз тавсифу тараннуми баҳор буда, шоир дар мисраъҳои охир ба хулосае меояд, ки бояд инсон дар ин айёми гулу гиёҳи рангоранг хушбахту хушнуд, шоду беғам бошад ва бода бинӯшаду хурсандӣ кунад. Тасвири шукуфтани лола дар саҳрои васеъ ва шабоҳат додани он ба панҷаҳои ҳинобастаи наварӯсон низ шоирона ва боистеъдодона ба қалам дода шудааст. Инчунин чаҳчаҳи бул-бул дар шохи дарахти бед ва бо вай ҳамовоз шуда, хондани паррандаи хеле хурди «сор» низ дар абёти зер ба маврид корбаст шудаанд:

Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,

Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда хазиб  [11, 31].

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин абёти Рӯдакӣ ба яке аз суннат ё ойини мардумӣ, ки аз замонҳои хеле куҳан дар байни занони тоҷик роиҷ буд ва то имрӯз идома дорад, ишорат шудааст. Рӯдакӣ дар ин ҷо зебоӣ ва шукуфоии лолаи сурхро ба панҷаи ҳинокардашудаи арӯсон ташбеҳ медиҳад ва ин монандкунӣ бевосита ба ойини «ҳинобандон»-и мардумӣ алоқаманд аст. Бастани ҳино ба дасту пой ва мӯйи сар хусусиятҳои шифобахшӣ низ дорад, ки мардум барои мустаҳкам шудани мӯйи сар ва ороиш додани арӯсон истифода мебурданд. Аз ин рӯ, ҳунари Рӯдакии бузург дар ёдовар шудан аз ин одати куҳани тоҷикон нишонаи бархурдор будани шоир аз ҳар гуна ойину анъанаҳои халқиро ба ёд меорад. Ва махсусан, ёдрас шудани шоир дар бораи он ки дар мавсими ҷашни Наврӯз ҳино бастани арӯсон расм буда низ заминаҳои воқеӣ дорад. Зеро аз замонҳои гузашта то имрӯз дар фасли баҳор махсусан дар айёми баргузории ҷашни Наврӯз занону духтарон ва наварӯсон бо ҳинобандӣ ва дигар ороишот худро тамиз ва зебо мекунанд, ки ин нишонаи бедоршавии табиат ва шукуфоии мавҷудоти зинда ва ҷисму руҳи инсонҳо мебошад.

Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,

Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.

Сулсул ба сарвбун бар бо нағмаи куҳан,

Булбул ба шохи гул бар бо лаҳнаки ғариб.

Акнун хуред бодаву акнун зиед шод,

К-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб.
Соқӣ гузину сабзаву май хӯр ба бонги зер,
К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалеб.
Ҳарчанд навбаҳори ҷаҳон аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар, он меҳтари ҳасиб… [11, 30-31].

Қасидаи мазкур ба таври куллӣ ва қисматҳои он ба таври ҷузъӣ мавриди пажӯҳиши олимони зиёди гузашта ва имрӯза қарор дода шудаанд. Вале ҳадафи мо аз овардани намунаҳои боло, аз як тараф агар нишон додани маҳорати тасвири шоир бошад, ки ҳамагон тасдиқ кардаанд, аз тарафи дигар аз он ҳис кардан ва дидани тамоми он манзараҳое, ки ҳар як инсони ҳаваси фасли баҳорро дар дил парварида дошта мебошад. Дигар масъала ин аст, ки дар ин бахши диссертатсия мо бештар ба одату анъанаҳои мардумӣ, ки ҳангоми таҷлили ҷашни Наврӯз баргузор мегардиданд ва инъикоси ин масоилро дар шеъри Рӯдакӣ баррасӣ намудем. Дар ин хусус пажӯҳишгарон то ба ҳол дар мақолаҳои худ ибрози андеша накардаанд. Дар идомаи сухан метавон гуфт, ки маҳз ҳамин табиат боис шуда, ки халқ аз хурд то бузург баҳорро барои сарсабзии табиат ва Наврӯзаш азиз медоранд.

Дар абёти дигар Рӯдакӣ аз ойини қадимии дуд кардани гиёҳи сипарм ё испарҳам ёд мекунад ва дар гузашта дар байни мардум ин одат роиҷ буд ва имрӯз низ дар бархе аз манотиқи кишвари мо идомаи он суннати куҳан боқӣ мондааст. Яъне, аз қадим дар ҷашни Наврӯз ва дигар тӯю сур мардум аз ин гиёҳи хушбӯй истифода мекарданд. Ба гумони ғолиб вожаи “сипарам” дар ин ҷо на ба маънии сипар, ки олоти ҷангист истифода шуда, балки манзур ҳамон гиёҳи испарҳам аст, ки мо имрӯз шакли арабии он “райҳон”-ро истифода мекунем. Вожаи “испарм” ё “испарҳам” дар Луғатномаи Деҳхудо чунин шарҳ ёфтааст: “Испарм-мутлақи гулҳо ва раёҳин, райҳон, барги муаттар. Ҳар гиёҳ, ки барги он бӯйи хуш дорад. Сипарм, испарҳам” [136, 130]. Аз ин рӯ, манзур аз ин байти устод низ ҳамон ойини куҳани ниёгон аст, ки ба хотири бартараф кардани деву дад ва душманон ва эътиқоди мардум тавассути дуди испарҳам мебошад. Яъне, мардуми мо аз қадимулайём дар бисёр ҷашну маросимҳо мехостанд ба воситаи

оташ ва бӯйи гиёҳҳои хушбӯй махлуқоти зараррасонро аз худ дур кунанд. Ва он то замони мо боқӣ мондааст, ки дар аксар манотиқи кишварамон дар тӯйи арӯсӣ бо гиёҳи испанд дуд мекунанд ба хотири дур кардани ҳар балову офатҳо ва зиндагонии осудаи наварӯсону ҷавонон. Бе гумон метавон гуфт, ки ин ойини куҳан аз оташи Ҷамшед сарчашма мегирад. Мавриди зикр аст, ки гиёҳи испарм ё худ испарҳамро дар Бадахшон дар шакли “ситрахм” ифода мекунанд, ки то имрӯз мардуми ин минтақа дар ҷашну маросимҳо, тӯю сур ва хусусан дар ҷашни Наврӯз аз он истифода мебаранд. Ҳамон гуна ки фолклоршинос Н. Шакармамадов дар ин бора менависад: “Дар қисме аз деҳаҳои Шуғнон, ки қад-қади Панҷ воқеъанд, субҳи барвақти “Бат-айём” ё “Хирчизӯн” ба ғайри хокистари оташдону дудаи хона соҳибхона (мард), ҳамчунин як ё ду кулча ва “ситрахм” гирифта, берун мебарояд, кулчаро дар ҷои баландие барои раҳгузаре ё ҳамсоя мегузораду “ситрахм”-ро рӯи ҳавлӣ даргиронда мемонад, ки аз бӯяш ҷинсҳои нопок дур гардонду ба хонадон фариштаҳо баракати солро ато кунанд ва хокистари оташдону дударо дар як гӯшаи қитъаи замин рӯи барф мепошад, ки ба кишти аввал омода ва баракати хонадон ба замин пайваст гардад” [116, 42].

Аз ин маълумот бармеояд, ки дуд кардани гиёҳҳои хушбӯй барои рафъи балоҳо дар байни мардуми тоҷик заминаҳои қадимӣ дошта ва он одат то замони мо побарҷо мондааст. Ва манзури Рӯдакӣ ҳам он аст, ки дар ҷашни Наврӯз ҳангоми базм оростани дуди сипарҳам ва ба ин васила дар ин айём аз худ дур кардани ҳар гуна махлуқоти зараррасон мебошад. Ва дар маҳи Баҳман, ки чиҳил рӯз қабл аз Наврӯз меомад, ҷашни дигаре низ дар байни мардуми ориёинажод буд, ки онро Сада ном мебурданд ва яке аз ойинҳои ин ҷашн чунон буда, ки ҳайвоноти ваҳширо оташ мезаданд ва раҳо мекарданд. Манзур дар ин абёт низ он аст, ки дар ҷашни Наврӯз ҳам он одати куҳани мардумӣ ба хотири озод кардани халқ аз зиштиву зулмот барпо мегардид. Рӯдакии хирадманд дар мисраъҳои охир менигорад, ки бо хурсандиву нишот ҷони адӯро сӯхтан бамаврид аст. Пас аз ин мурочиат мекунад, ки ту хушу хурсанд бош ва бодаи Фанорӯз, ки хеле хуштаъму лазиз аст, бинӯш ва бо асбобҳои наю рӯд сурудхониву хурсандӣ бояд кард:

Чун сипарам неҳ миёни базм ба Наврӯз,

Дар маҳи баҳман битозу ҷони адӯ сӯз.

Боз ту беранҷ бошу ҷони ту хуррам

Бо наю бо рӯду бо набиди Фанорӯз! [11, 48].

Дар байти зер Рӯдакӣ бо фаро расидани ҷашни Наврӯз касеро табрику таҳният намуда, дар ин асно шоир ба русуми «гӯспандкушон», ки дар гузашта ва то ба имрӯз дар байни мардуми баъзе манотиқи Тоҷикистон ва тоҷикони Ӯзбекистон маъмул аст, ишорат мекунад:

Бод бар ту мубораку хуншон

Ҷашни наврӯзу гӯспандкушон [11, 122].

Мавриди зикр аст, ки дар масъалаи мазомуни ин ду мисраи Рӯдакӣ дар байни пажӯҳишгарони осори шоир ақидаҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд. Бархе аз муҳаққиқон одати «гӯспандкушӣ»-ро танҳо дар иди Қурбон мепиндоранд ва мувофиқи ақидаи онҳо шояд дар ягон сол ҷашни Наврӯзу иди Қурбон дар як шабу рӯз баробар омада бошанд, ки Рӯдакӣ байти мазкурро дар ин маврид сурудааст. Чунончи, фолклоршинос Рӯзии Ахмад менависад: «Дар ин байт шоир ба муносибати дар як рӯз рост омадани ҷашни Наврӯз ва Иди Қурбон касеро табрику муборакбод намуда, байти мазкурро иншо намудааст» [6, 47].

Мувофиқи маълумоти фолклоршиносони дигар Н. Шакармамадов, С. Фатҳуллоев, Д. Раҳимов дар мавсими баҳор ҳангоми таҷлили Наврӯз дар байни мардум қурбон кардани ҳайвонот дар кишвари мо маъмул буд. Дар ин хусус дар асару мақолаҳои Н. Шакармамадов ва Д. Раҳимов маълумот дода шудааст. Дар Бухоро субҳи содиқ мардум ба хотири Сиёвуш хурӯс мекуштанд ва инчунин дар Панҷакент ва деҳоти атрофи он то солҳои наздик ҷавонон ба кӯҳҳо баромада, гӯсфанду буз ва хурӯсу харгӯш кушта Наврӯзро бо шодиву хурсандӣ ҷашн мегирифтанд. Аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки куштани гӯсфанду дигар ҳайвонот дар замони зиндагии Рӯдакӣ низ маъмул буда ва шоир ин воқеаро мушоҳида намуда, дар ашъори хеш аз он ёдовар шудааст.

Мардуми тоҷик аз қадимулайём дар ҷашни Наврӯз бисёр одату суннатҳо доштанд, ки дар баробари фаро расидани соли нав ба тоза кардани хонаҳо, партофтани олоти шикастаи рӯзгор ва бо орзуву омоли нек нигаристан ба рӯзи

нав таманниёти худро дар ин ҷашни фархунда амалӣ месохтанд. Дар нишасту ҷамъомадҳои наврӯзӣ бисёр осори фолклорӣ сурудаву нақл карда мешуд ва то ба имрӯз низ идома дорад. Чунончи, дар мақоли «*Рӯзи наву рӯзии нав*» ё гунаи дигари он «*Рӯз аз наву рӯзӣ аз нав*» [108, 236] мардум орзуву умед мекунанд, ки дар соли нав ҳама чиз аз нав; ризқу рӯзӣ, кору фаъолият хуб шуда, соли нав фаровонӣ меоварад ва мардум бо як нияти нек ба сӯйи оянда менигаранд. Ҳамин мазмунро дар як байти Рӯдакӣ дучор мешавем, ки шоир ҳамон мақоли халқиро моҳирона ба кор бурдааст. Байт:

Ҳар чӣ дорӣ шаби Наврӯз ба май соз гарав,
Ғами рӯзӣ чӣ хурӣ? «Рӯзи наву рӯзии нав» [11, 77].

Ҷойи тазаккур аст, ки дар хусуси таърих ва пайдоиши ҷашни Наврӯз ривояту устураҳои зиёде ҳам дар осори хаттӣ ва ҳам дар осори шифоҳӣ густариш ёфтаанд ва инчунин, гоҳшумориҳои мухталиф мавҷуд мебошанд, ки аз рӯйи чунин воситаҳо шабу рӯзи фаро расидани Наврӯзро тахмин мекарданд. Яке аз чунин бурҷҳо бурҷи Ҳамал ё Барра мебошад, ки дар ҳамин давра рост меояд. Бурҷи Ҳамал яке аз дувоздаҳ бурҷи соли шамсӣ буда, дар тақвим давраи аз бисту дуюми март то бисту дуюми апрелро дар бар мегирад ва дар ин давра боришот зиёд мешавад, яъне дар ин айём дар баландкӯҳҳо барф меборад ва дар ҳамвориҳо борони пуршиддат ва дар ҳар сурат, ҳаво рафта-рафта гарм шудан мегирад ва замин ҷомаи сабзро дар бар мекунад. Ҳамин мазмун дар байти зерини устод Рӯдакӣ бисёр ҳунармандона баён ёфтааст:

К-Офтоб ояд ба бахшаш зӣ Бара,
Рӯйи гетӣ сабз гардад яксара [11, 112].

Фаро расидани баҳори нозанин ва шукуфоии гулҳои рангоранги баҳорӣ шоири ҳассос ва хушқаламро ба ваҷд меорад ва ӯ хома ба даст гирифта, тамоми назокату бартариҳои ин фаслро ба назм мекашад. Дар мисраъҳои дигар вожаи «вор» ба кор рафтааст, ки маънои мавсим ва фаслро ифода мекунад. Шоир фарорасии мавсими гулшукуфиро шодбош гуфта, аз сардиҳои зимистон ва оташ афрӯхтани рӯзҳои фасли сард ёд мекунад:

Гул дигар раҳ ба гулистон омад,

Вораи боғу бӯстон омад.
Вори озар гузашту шуълаи он
Шуълаи лоларо замон омад [11, 37].

Дар айёми баҳор оростани хонҳои наврӯзӣ бо таомҳои милливу маҳаллӣ, сабзонидани гандуму ҷав, гузоштани ҳар гуна меваҳои лазиз ва нӯшидани шароб аз суннатҳои мардуми куҳанбунёди мо маҳсуб мешавад. Ҳамон тавр, ки дар байти зерини шоир ибора ва тасвири «такуки шоҳвор»-ро мушоҳида мекунем, он ба маънии қадаҳи тиллоӣ, қадаҳи нуқрагин, ки онро аз нуқраву тилло ба сурати шер ё дигар ҳайвон месозанд ва шоҳону сарватмандон бо он шароб менӯшиданд, бевосита яке аз одатҳои қадимии шоҳони гузаштаи ниёгони моро пеши назар меорад:

Май гусор андар такуки шоҳвор,
Хур ба шодӣ рӯзгори навбаҳор [11, 125].

Дар ин байт шоир таъкид мекунад, ки дар айёми баҳор нӯшидани май бо қадаҳи нуқрагин ва шодиву хурсандӣ кардан хеле руҳу ҷисми инсонро болидаву шукуфта мегардонад ва ниҳоят хушу гуворост.

Ҳамин тариқ, аз ашъори пурғановати Рӯдакӣ чунин бармеояд, ки дар шеъри ӯ тавсифи баҳору Наврӯз бо ҳама гуна назокату матонати марбут ба он ҳунармандонаву шоирона инъикос ёфтаанд ва шеърҳои дар ин мавзӯъ сурудаи шоир дар эҷодиёти ӯ як бахши алоҳидаро ташкил медиҳанд.

**Меҳргон** дар баробари Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимии мардуми ориёитабор буда, таҷлили он дар фасли тирамоҳ, ҳангоми ҷамъоварии меваю сабзавот, ғалладонаву дигар маҳсулоти меҳнати деҳқонон барпо мегардад. Ҷашни Меҳргонро дар тӯли таърих мардумони эронитабор ба мисли ҷашни Наврӯз гиромӣ медоштанд. Агар Наврӯз оғози баҳор ва мавсими киштукори баҳории деҳқонон бошад, Меҳргон дар фасли тирамоҳ айёми ҷамъоварии ҳосилотро фаро мегирад. Ҳардуи ин ҷашнҳоро маъхазҳои қадимӣ ду қутби зиндагии мардум муаррифӣ намудаанд, ки аз оғози сол сар шуда, то фасли тирамоҳ анҷом мепазиранд.

Роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва баргузории ҷашни Меҳргон дар маъхазҳои таърихиву илмӣ ва фолклорӣ маълумоти мухталиф дода шудааст. Ҳамон тавре ки олим, мутафаккир ва ҳакими барҷастаи тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ дар асари пурарзиши хеш «Осор-ул-боқия» (1990) дар хусуси ин ҷашни куҳан ва таърихии мардуми Ориёӣ маълумоти дақиқу арзишманд додааст: «Меҳрмоҳ, рӯзи аввали он ҳурмуздрӯз аст. Ва рӯзи шонздаҳум рӯзи меҳр аст, ки иди бузурге аст ва ба Меҳргон маъруф аст, ки хазони дуюм бошад. Ва ин ид монанди дигар идҳо барои умуми мардум аст. Ва тафсири он дӯстии ҷон аст. Ва гӯянд, ки «Меҳр» номи офтоб аст ва чун дар ин рӯз Офтоб барои аҳли олам пайдо шуд, ин аст, ки ин рӯзро «Меҳргон» гӯянд. Далел бар ин гуфтор он аст, ки аз оини Сосониён дар ин рӯз ин буд, ки тоҷеро, ки сурати Офтоб дар ӯ буд, ба сар мегузоштанд. Ва Офтоб бар чархи худ дар он тоҷ савор буд. Ва дар ин рӯз барои эрониён бозоре пайдо мешавад» [8, 242].

Аз ахбори Берунӣ бармеояд, ки ҷашни Меҳргон бо гардиши Хуршед вобаста буда ва ин ҷашн тарғибкунандаи дӯстиву бародарӣ ва якдилӣ будааст. Ин маъхаз инчунин шаҳодат медиҳад, ки махсусан дар рӯзи ҷашни Меҳргон бозор дар байни эронитаборон ба вуҷуд омада будааст.

Дар фолклори тоҷик роҷеъ ба ҷашни Меҳргон муҳаққиқон Р. Аҳмадов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимов ва дигарон андешаҳои ҷолибро дар мақолаву маҷмӯаҳои худ зикр намудаанд. Дар мақолаи Р. Аҳмадов «Шод бошед, Меҳргон омад» (2008) оид ба таҷлил ва баргузории ин ҷашни таърихӣ дар адабиёти китобӣ ва шифоҳӣ ва махсусан, дар хусуси оростани хони меҳргонӣ иттилои хуб дода шуда аст. Ӯ менависад: «Дар даврони куҳан аз маъмултарин ва ҷолибтарин русуми меҳргонӣ оростани хони меҳргонӣ будааст, ки хеле бошукӯҳ бо оростану перостани хон бо ҷамъи меваҷот сурат мегирифтааст. Дар Меҳргони бузург шоҳ намояндагони вилоятҳо ва шаҳрҳои кишварашро қабул мекард. Онон барои шоҳ ва ғанӣ гардонидани давлату хазина тӯҳфаҳо меоварданд. Борёфтагон ҳадяҳоро ба шоҳ бо навбат месупориданд. Баъдан дар патнуси тиллоӣ болояшро бо матои гаронбаҳо пӯшида, ашёҳои рамзиро ба назди шоҳ мегузоштанд, ки онҳо пандомӯз буданд» [6, 100-101].

Фолклоршинос Д. Раҳимов соли 2012 маҷмӯаеро бо унвони «Ҷашни Меҳргон» нашр намуд, ки он аз сездаҳ мақола иборат буда, дар ҳар мақола роҷеъ ба вожаи «Меҳргон», замони баргузории ин ҷашн, суфраи меҳргонӣ, аз таърихи пайдоиши Меҳргон ва ғайра маълумоти муфиди таърихиву фолклорӣ дода шудааст.

Меҳргонро чун ҷашни аҷдодӣ дар Тоҷикистон ҳамасола бо шукӯҳ ва шаҳомати зиёд таҷлил менамоянд. Дар замони Истиқлолияти кишвари мо бо ибтикори сарвари муаззами кишавар, Асосгузори сулҳу ваҳадати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Меҳргон дубора эҳё гардид. Минбаъд ҳамасола ҳаштуми октябр ҷашни Меҳргон дар кишвари мо таҷлил мегардад.

Метавон ёдовар шуд, ки яке аз давраҳои хуби таърихӣ барои зиндаву ҷовид нигоҳ доштани ҷашнҳои миллии мо ин замони салтанати Сомониён буд ва дар ин давра ҷашни Меҳргон бо ҳама одату анъанаҳои марбут ба он таҷлил карда мешуд. Ва дар он замон устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳаёти осудаву оромро паси сар карда, дар дарбори амирони Сомонӣ машғули кору эҷод буд ва дар ҳар ҷамъомаду нишастҳои меҳргонӣ бо аҳли дарбор ҳамнишинӣ ва ширинсуханиву машшоқӣ мекард. Чи тавре ки аз ривояти Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар хусуси эҷоди қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» бармеояд, тасвири Меҳргон дар шаҳри Ҳирот (Ҳарӣ) ниҳоят бо шукуҳу шаҳомат ба назар мерасад. Дар ин ривоят гуфта мешавад, ки гурӯҳи дарбориён бо ҳамроҳии Наср бини Аҳмади Сомонӣ соле дар фасли тирамоҳ аз Бухоро ба шаҳри Ҳарӣ (Ҳирот) сафар мекунанд ва фазову муҳити онҷо ба шоҳ писанд меояд ва дар он ҷо чаҳор сол сукунат мекунанд. Тавре ки дар ин хусус Низомии Арӯзӣ менависад: «Меҳргон дер даркашиду сармо қувват накард ва ангур дар ғояти ширинӣ расид. Ва дар шаҳри Ҳарӣ саду бист навъи ангур ёфта шавад, ҳар як аз дигаре латифтару лазизтар ва аз он ду навъ аст, ки дар ҳеч ноҳияи аҳолинишини рӯи замин ёфт нашавад: яке парниён ва дуввум каланҷарии тунукпӯсти майдахӯшаи бисёроб, гӯӣ, ки дар ӯ аҷзои арзӣ (хокӣ) нест. Аз каланҷарӣ хӯшае панҷ ман ва ҳар донае панҷ

дирамсанг биёяд, сиёҳ чун қиру ширин чун шаккар ва азаш бисёр битавон хӯрд ба сабаби моъияте, ки дар ӯст. Ва анвои меваҳои дигар ҳама дилкаш (хиёр).

Чун амир Наср ибни Аҳмад Меҳргону самароти ӯ бидид, азимаш хуш омад. Наргис расидан гирифт. Кишмиш бияфкананд, дар молину мунаққӣ (мавизи тоза) баргирифтанд ва ованг бибастанду (бо ресмон овехтанду) ганҷинаҳо пур карданд» [24, 38].

Ин маълумот далели он аст, ки ҷашни Меҳргон бо ҳама гуна самароти худ дар он замон побарҷо буда, таҷлили он низ бо суруру шодӣ баргузор мегардидааст. Ва Рӯдакӣ, ки худ дар он замон ҳамроҳу ҳамсуҳбати амир буд, он ҳама зебоиву латофат ва чи тавр баргузор гардидани ҷашни Меҳргонро бевосита дидаву мушоҳида кардааст. Аз ин рӯ, вай дар ашъори хеш аз ин ҷашни куҳан ёд мекунад. Тасвири ҷашни Меҳргон дар ашъори шоирони баъд аз Рӯдакӣ низ, мисли Фирдавсӣ, Анвариву Фаррухӣ, Салмони Соваҷиву Ибни Ямини Фарюмадӣ ва дигарон ба чашм мехӯрад.

Ҳангоми мутолиа ва баррасии Девони Рӯдакӣ (2015) мо ба қитъае аз ашъори шоир дучор омадем, ки дар бораи ин ҷашни бузург маълумот медиҳад. Рӯдакӣ дар байти нахустин шоҳону амиронро ба муносибати фаро расидани ҷашни Меҳргон табрик намуда, оғози мавсими шодиву сурурро ба малик муборакбод гуфтааст:

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад!
Хаз ба ҷойи мулҳаму харгоҳ
Бадали боғу бӯстон омад.
Мӯрд ба ҷойи савсан омад боз,
Май ба ҷойи арғавон омад.
Ту ҷувонмарду давлати ту ҷувон
Маҳ ба бахти ту навҷувон омад [11, 37].

Дар байти дуюм шоир ишора ба он менамояд, ки «хаз», яъне пӯстине, ки аз пӯсти ҳайвони хурди хаз дӯхта шудааст, ҷойи мулҳам (матои абрешимини нафис)-ро иваз менамояд. Муроди шоир дар ин ҷо тағйир ёфтани фаслҳо ва

гармиву сардии ҳаво мебошад, яъне албатта вақте ки тирамоҳ фаро расид, ҳаво низ оҳиста-оҳиста сард мешавад ва дар табиат дигаргунии куллӣ ба миён меояд. Ва шоир ба тағйирёбии табиат ва боғу бӯстон низ ишорат менамояд. Як ҷиҳати масъала хеле ҷолиби диққат аст, ки дар гузашта ҳангоми баргузории ҷашни Меҳргон бештар меваҳои сурхгун амсоли анор, себ, санҷид, биҳӣ ва ғайра дар хони меҳргонӣ гузошта мешудааст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ранги сурх рамзи рӯсурхиву солимии мардум induced дониста мешуд ва Рӯдакӣ низ дар шеъри зикршуда ишорат ба растаниву меваҳо ва майи сурхгун кардааст. Мувофиқи маълумоти маъхазҳо либосҳое, ки ранги сурх доранд, дар бар кардани мардум дар рӯзи ҷашни Меҳргон низ маъмул будааст.

Дар байти мақтаъ Рӯдакӣ барои амир ҷавонмардиву сарбаландӣ ва ба пойдору ҷовид мондани давлати ӯ таманиёташро баён доштааст. Инчунин дар ин байт ишорате ба моҳи нав кардааст, ки тибқи иттилооти маъхазҳо дар рӯзҳои баргузории ҷашни Меҳргон низ моҳ нав шуда, шакли нимдоираро мегирад ва нурафшонӣ мекардааст. Роҷеъ ба ин масъала донишманди эронӣ, доктор Илоҳа Маърузӣ, дар мақолаи хеш «Ишора ба чанд ойини куҳани эронӣ дар гулшани хаёлангези Рӯдакӣ» маълумоти хуб додааст. Чунончи ӯ менависад: «Маҳ низ дар Меҳргон навҷавон аст, чун барои аввалин бор дар ин шаб аз хуршед нур гирифтааст» [40, 87].

Ба назари мо чунин аст, ки одатан дар ҳар фасли сол, ҳангоми моҳ нав шудан, Моҳтоб ҳам ба шакли нимдоира медароядSpin, лекин аз мазмуни абёти Рӯдакӣ бармеояд, ки шоир дар мавсими ҷашни Меҳргон моҳи навро ба мушоҳида гирифта будааст. Аз ин рӯ, ҳунари мушоҳидавии Рӯдакӣ дар ин ҷо вонамуд мегардад.

Аз абёти пароканда, рубоиҳо, қасоиду қитъаоти шоир ҳувайдост, ки муаллиф аз рӯзгори мардум, расму оинҳои бостонӣ ва одатҳои мардумии замони худ хуб бохабар будааст. Рӯдакӣ барои дилписанд ва завқбахшии ашъораш доир ба ҳар гуна ҷашну маросимҳои мардумӣ низ маълумот дода, хонандаро водор менамояд, ки аз таъриху ойинҳои гузаштагони худ бархурдор шавад, зеро зиндаву ҷовид нигоҳ доштани ҷашну маросимҳои куҳани мо, чун

Наврӯз ва Меҳргон бар дӯши мардуми форсизабон аст. Ашъори Рӯдакӣ саршор аз таҷрибаву мушоҳидаҳои воқеии ҳаётӣ буда, шоири нуктасанҷу мушоҳидакор роҷеъ ба ҳар гуна масоили ҳаётӣ бо чашми хирад назар афканда, борҳо санҷидаву пасон ба шакли шеърӣ иншо намудааст. Дар ашъори Рӯдакӣ на танҳо дар бораи ҷашнҳои бостонии миллии мо: Меҳргон ва Наврӯз ишоратҳо шуда, балки дар хусуси ҳар гуна одату русум, маросим ва анъанаҳои халқи тоҷик сухан рафтааст. Меҳргон дар тасаввуроти Рӯдакӣ ба ҳайси ҳамчун ҷашни бошукӯҳу шоҳона аст. Рӯдакӣ дар шеъри худ аз баргузор гардидани ҷашни Меҳргон дар дарбори амирони Сомонӣ хабар медиҳад. Ва гуфтан лозим аст, ки ин порчаи шеърии устод низ аз таърихи қадимӣ доштани ҷашни Меҳргон дарак дода, самимияти халқи тоҷик нисбат ба чунин ҷашни миллии аҷдодиро нишон медиҳад. Порчаи шеърии мазкур ҳам барои дигарбора эҳё намудани ҷашни Меҳргон ва русуму одатҳои он ёрӣ мерасонад ва аҳаммияти бузурги шоирии устод Рӯдакиро дигарбора қавитар мегардонад. Зеро Рӯдакӣ тавонистааст бо истеъдоди фавқулодаи хеш дар ашъори бозмондааш аз урфу одат ва ҷашнҳои миллии тоҷикон ёдовар шуда бошад.

## Фасли 2. Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ саршор аз панду андарз, некиву накӯкорӣ, ростиву адлу инсоф буда, тамоми ҷанбаъҳои муҳими ҳаётиро, ки барои ҷомиа зарур аст, фаро мегирад. Устод Рӯдакӣ шоири халқист ва ҳама гуна расму одат, ҷашну маросимҳои шодиву сурур ва мотам аз шеърҳои ӯ ҳувайдост. Дар ин бахш инъикоси маросими азодории тоҷикон дар ашъори Рӯдакӣ ва намунаҳо аз осори шифоҳии халқ баррасӣ карда мешавад, ки шаҳодат аз урфу одатҳои ин вақти мудҳиши ҳаёти инсонӣ дорад. Аз ҷумла, одату суннатҳои маросими азодорӣ чун: мӯй ва рӯйкании занон, гиристани марди сӯгвор, ҷомаҳои сиёҳ ба бар кардани мардон ва суннати «мурдашӯйӣ» дар ашъори шоир бозтоб шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи маросими азодорӣ асосан марбут ба илми этнография (мардумшиносӣ) мебошад, аммо дар фолклори тоҷик низ намунаи таронаҳои мотамиро дучор мешавем, ки дар рӯзи марги шахси фавтида бо нолаву сӯзу гудоз суруда мешаванд. Чи тавре ки фолклоршинос М. Холов дар дафтари “Фолклори Кӯлоб” ҳангоми экспедитсияи фолклории соли 1960 аз гӯяндагони маҳаллӣ нақлу таронаҳои мотамиро сабт намудааст, гувоҳ бар онанд, ки дар байни халқ низ ҳамин гуна анъанаву осори шифоҳӣ арзи ҳастӣ доранд. Ва ин гуна русуму ойинҳои халқӣ то замони мо низ дар баъзе аз маҳалу мавзеъҳо роиҷ мебошанд. Масалан, намунаи нақли шифоҳӣ бо суруди мотамиро барои тақвияти фикрҳои хеш меорем: «…Ҳамин хел оташ (отааш, падараш) боша «бачамой» мега. Хоҳаруш боша «акамой» мега ва ғайра. Очаи бача «бачаи хушрумой, бачаи хонадорум, арус дорум, аруси дар хона мондагит. Ту рафтию мора мондӣ, хонара ба кӣ мондӣ, рафтӣ?! Арусат дар хонат бачам-бачамой» мега ва гирякунон суруди мотамӣ мехонад:

Дар сари мех қамчинут-бачам,
Аспи бесоҳибут-бачам.
Мо бе ту чи хел зиндагонӣ мекунем-ой,
Бачамой, бачамой, бачамой, бачам-ой!

Ма дар дилум чӣ ҳавасо доштум,
Ҳавасом ҳамаш да дилум бачам.
Очат мемурд, ки дар хок мемондиш бачам.
Ой, сари бесоҳибум, бачам-бачам!
Бачамой, бачамой, бачамой, бачам!

Ҳами хел очаи бача қати хешои мурда гиря мекунан…» [151, 2,4736-4744].

Дар ашъори Рӯдакӣ мо бо калимаи «азодор» дучор мешавем, ки дар як маврид ба чашм мерасад ва ба маънои асосиаш, яъне мусибатдор ва мотамзада ба кор рафтааст:

Эй он ки ғамкашиву **азодорӣ,**
В-андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ [11, 63].

Дар ин байт шоир ҳолати руҳиву ҷисмии шахси ғамдор ё мотамзадаро тасвир карда, дар мисраи дувум қалби пурғам ва гиряи дарунсӯзи ӯро таъкид мекунад. Дар баъзе аз нашрҳои “Девон”-и Рӯдакӣ ба ҷои калимаи “азодор” вожаи «сазовор» омада, ки ба гумони мо мазмуни байт ба вожаи «азодор» мувофиқат мекунад на ба вожаи дуюм.

Дар маросими азодории тоҷикон одати кандани мӯйи сар, дасту рӯй ва аз аламу андӯҳи зиёд рӯйи худро хуншор кардани занон аз қадимулайём роиҷ будааст. Бозмондаи ин одати мардумиро мо низ борҳо мушоҳида намудаем. Чунончи, ҳангоми марги духтари наврас, ки дар деҳаи Вени ноҳияи Панҷакент сурат гирифта буд, модари фавтида дар рӯзи марги духтараш дар байни гурӯҳи занон мӯйҳои сар ва рӯйи худро бо дастонаш канда пур аз хун мекард ва бо овози баланд навҳа мекашид ва бо сӯзу гудози ҷонкоҳ мегирист. Дар ин асно занҳои атрофаш ӯро бозмедоштанд ва бо ҳар гуна суханони насиҳатомез ӯро тасаллӣ медоданд.

Мардумшинос З. Юсуфбекова оид ба ин масъала пажӯҳиши хуберо анҷом додааст. Ӯ маросими азодории тоҷикони Бадахшонро баррасӣ намуда, аз ҷумла чунин менависад: «Одатан рӯзи азо занҳои оила нисбат ба майит эҳсосоти баланди ғаму андуҳи худро ифода мекарданд. Ҳамчун нишонаи ғаму андуҳи бепоён онҳо рӯйи худро канда хуншор намуда, мӯйҳои сари худро мekананд. Як қисми торҳои мӯйро аз болои гӯш мебуриданд» [119, 149-150].

Аз иттилооти боло бармеояд, ки дар байни халқ одати кандани рӯй, мӯйканӣ, буридани мӯйҳо, дарондани баъзе аз қисми либосҳо дар маросими азодории бархе аз манотиқи ҷумҳурӣ мавҷуд будааст, ки бозмондаи ин гуна одатҳо то замони мо дар деҳоту маҳалҳои Панҷакент, Яғноб, Ванҷу Дарвоз, Рашт ва ғайра боқӣ мондааст. Дар омади сухан метавон зикр намуд, ки маҳз ҳамин гуна мисолҳо дар ашъори устод Рӯдакӣ баён шудаанд.

Аз ин одатҳои марбут ба маросими азодории мардумӣ шоири мушоҳидакор – Рӯдакии бузург дар ашъораш маълумот додааст. Дар байти зерини ӯ ишора ба он шудааст, ки шахси фавтида марди хонадон буда, зану духтари ӯ аз ғами зиёд

рӯйҳои худро мекананд ва шоир чеҳраи кандаи онҳоро ба замини шудгоршуда ташбеҳ намудааст:

Зану духтар-ш гашта мӯякунон,

Рух карда ба нохунон шудгор [11, 84].

Дар қитъаи зер низ ташбеҳоти хубро мушоҳида мекунем, ки шоир тавассути санъати ташбеҳ абри сиёҳ ва боридани борони сахт, инчунин садои раъдро ба гиряву сӯгвории модаре, ки мотамзада аз марги арӯси сездаҳсола аст, монанд менамояд. Ва ишороти Рӯдакӣ бар «сӯги арӯси сездаҳсола» он аст, ки ин гуна воқеа барои модарон ниҳоят мотами сахт аст, ҳатто аз «боридани абри сиёҳ» бештару талхтар мебошад:

Замоне барқ пурханда, замоне раъд пурнола,

Чунон чун модар аз **сӯки арӯси сездаҳсола**.

Нагашта з-ин паранди сабз шохи бед бунсола,

Чунон чун ашки маҳҷурон нишаста жола бар лола [ 11, 60].

Ибораи «гиряи абр» дар ашъори Рӯдакӣ баъзан маврид ба маънии навҳаи марди сӯгвор ва модарону духтарони мотамзада ташбеҳ шуда бошад, дар мавриди дигар ба маънии боридани борони сахту шадид истифода шудааст. Ҳамин гуна таъбироту ишоратҳоро дар қасидаи «Баҳория»-и шоир низ дучор шуда метавонем. Садои раъду баркро ӯ «нолидани раъд» номида, онро ба навҳаи «ошиқи каиб» (ошиқи ноком ва шикастадил Ф.И.) шабоҳат додааст:

Он абр бин, ки гиряд чун **марди сӯгвор**,

В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб [11, 30].

Дар шеъри Рӯдакӣ истилоҳи «гиристан» маҷозан ба маънии фурӯ рехтан, боридани борон низ истифода шудааст:

Ба навбаҳорон биситой **абри гирёнро**,

Ки аз гиристани ӯст ин замин хандон [11, 91].

Рӯдакӣ дар байти мазкур вожаи гирёнро на ба маънии аслиаш, балки маҷозан ба кор бурдааст.

Мувофиқи ривояте, дар асри Х зоҳиран одате дар байни солхӯрдагон роиҷ будааст, ки онҳо дар давраи пирӣ риш ва мӯйҳои сари хешро ранг мекардаанд. Аммо яке аз ҳамасрони Рӯдакӣ шоир Абӯ Тоҳир Хусравонӣ бар зидди ин одат мебарояд ва одамонеро, ки пирии худро ба гардан нагирифта, бо ранг кардани риш худро ҷавон нишон медоданд, сахт мазаммат мекунад:

«Аҷаб ояд маро аз мардуми пир,
Ки ҳаме ришро хизоб кунанд.
Ба хизоб аз аҷал ҳаме нараҳанд,
Хештанро ҳаме азоб кунанд» [128, 1050].

Рӯдакӣ ҳам монанди дигарон риши худро ранг мекардааст, зеро вай яке аз шахсони машҳури дарбор пазируфта шуда буд. Ӯ баъд аз шунидани шеъри Хусравонӣ, зоҳиран ҳис мекунад, ки ин нукта ба ӯ ҳам равона шудааст. Аз ин ҷост, ки вай ба тариқи як навъ лутф ба шеъри Хусравонӣ ҷавоб мегардонад. Роҷеъ ба ин масъалаи бо ҳаёт ва замони зиндагии устод Рӯдакӣ марбут муҳаққиқин ақидаҳои мухталиф доранд. Гурӯҳе бар онанд, ки Рӯдакӣ аз ранг кардани мӯй ва ришу саблат як навъ норозигӣ ва мазамматро нишон медиҳад, аммо ба андешаи адабиётшинос В. Охониёзов ранг кардани мӯй ва риш барои дарбориён ва хоссатан шоирону вазирони дарбори Сомониён як навъ рамзи хос доштааст. Чунончи: «Дар ҳар сурат, ранг дар ашъори боқимондаи сарвари шуаро натанҳо чун яке аз васоити муҳимми тасвир, балки усуле барои ифшои фалсафаву дарки ҳаёт аз тарафи соҳибашъор мебошад» [90, 60-61]. Дар ин порчаи шеърӣ роҷеъ ба баъзе аз одатҳои мардумӣ дар маросими азодорӣ чун «дар вақти мусибат ҷомаи сиёҳ ба бар кардан» ишорат шудааст:

Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.
Чун ҷомаҳо ба **вақти мусибат** сияҳ кунанд,
Ман мӯй аз **мусибати пирӣ** кунам сиёҳ [ 11, 60].

Давраи пирӣ фаро мерасад ва шоири зиндадил ба ин ҷараёни ҳатмии ҳаёт тан медиҳад. Ва ӯ ин давраро бо ибораи «мусибати пирӣ» ёдовар мешавад. Инчунин, дар абёти боло Рӯдакӣ ба яке аз одатҳои халқӣ, ки дар вақти маросими

мотам мардон ҷомаи сиёҳ ба бар мекарданд, ишорат мекунад. Либоси сиёҳ ба бар кардани мардону занон мусаллам аст, ки рамзи мусибат ва азодорӣ аст. Дар ин хусус низ яке аз пажӯҳишгарони ашъори Рӯдакӣ В. Охониёзов дар асари арзишманди хеш “Берангӣ хосияти Офаридгор” (2010) маълумоти арзишманде додааст [90, 73].

Мурдашӯйӣ суннатест, ки онро ҳамаи мардуми мусалмон, пеш аз намози ҷаноза ва ба хок супоридани шахси фавтида, ба ҷо меоранд ва тахтае, ки дар он майит гузошта шуста мешавад «мурдашӯй» ё «таншӯй» мегӯянд. Дар ҳар маҳал ё манотиқи сукунати тоҷикон шахсоне ҳастанд, ки қоидаву қонунҳои амали мурдашӯйиро медонанд, онҳоро низ «шахси мурдашӯй» меноманд ва онҳо дар вақти мусибат даъват карда мешаванд. Роҷеъ ба ин масъала мардумшиноси тоҷик А. Мардонова ин тавр менависад: «Дар миёни тамоми мусулмонон ақидае мавҷуд аст, ки ҷасад то шустанаш нопок- «бенамоз» аст. Аз ин рӯ, он бояд пурра шуста- «ғуслкарда» шавад… Тоҷикон бар он бováранд, ки бадани инсонро танҳо замин - «хоки гӯр» пок мегардонад. Вале ба ҳар сурат онро пеш аз ҷаноза бо об ғусл менамоянд» [123, 171].

Дар абёти зер шоир паёми пеш аз марг ба хотир овардани «таншӯйӣ» ва залиливу хор шуданро мерасонад, ки одамон аз ин воқеа ҳушдор шаванд. Ва инчунин, чи тавре ки зикр намудем, дар байти дуввуми ин қитъа аз одати қадимии мӯйканиву рӯйканӣ ва даст ба қафаси сина задани занон ёд шудааст. Мувофиқи ин маълумот аз сабаби ин гуна воқеа занон аз дарду алами зиёд синаи худро мебуридаанд ва шояд дар гузашта ин тавр ҳам бошад, ки Рӯдакӣ аз он ишорат кардааст:

Ёд кун зерат андарун **таншӯй**,
Ту бар ӯ хор хобонида ситон.
Ҷаъдмӯён-т ҷаъд канда ҳаме,
Бибурида ба руни ту пистон [11, 58].

Дар байни тоҷикон аз даврони куҳан то рӯзгори мо одати дар иду ҷашнҳо ба зиёрати мазор ва гӯристонҳо рафтан ва дар сари гӯрҳо дуову фотиҳа хондан роиҷ буд. Ҳамин тариқ, хешу табори одамони фавтида ба хотири руҳу арвоҳи

майит дар сари қабри ӯ нишаста, аз сураву оёти Қуръони карим дуову фотиҳа мехонанд. Ин одати мардуми мусалмон аҳамияти хуб дорад, зеро бо ин васила мардум аз гузаштагони худ ёд мекунанд ва ба хотири руҳи онҳо дуохонӣ мекунанд ва дар ин маврид таъбири «рӯҳаш шод мешавад»-ро истифода мебаранд. Ва ин гуна одатро Рӯдакии бузург бо истилоҳи «таборакхонӣ» ёдовар мешавад. Дар рубоии зер танҳо дар сари гӯрҳо хондани сураи Таборак ишорат шудааст ва шоир шояд ин гуна воқеаро борҳо дидаву мушоҳида карда бошад ва аз ин ҷост, ки дар шеъри хеш зикри онро кардааст:

Он бар сари гӯрҳо **Таборак** хондӣ,
В-ин бар дари хонаҳо табурок задӣ [11, 74].

Мавриди ёдоварист, ки дар ашъори Рӯдакӣ таҷрибаву мушоҳидаҳои ҳаётии одамон воқеӣ арзёбӣ шудаанд.

Дар рубоии навбатӣ калимаи «гӯр» истифода шудааст, ки маънии ҷойи дафни ашхоси фавтидаро ифода мекунад ва онро дар байни халқ «манзили охирати одамон» низ мегӯянд:

Аблаҳу фарзонаро фарҷом хок,
Ҷойгоҳи ҳарду андар як **мағок** [11, 114].

Инчунин, дар ашъори шоир ғайр аз вожаи «гӯр», калимаҳои «лаҳад»-хонаи даруни гӯр, ки мурдаро дар он ҷо мегузоранд ва «мағок» маҷозан ба маънии гӯр ё қабр истифода шудаанд, ки ҳамин мазмунро ифода мекунанд.

Хулоса, дар ашъори пурарзиши Рӯдакӣ расму ойин, ҷашну идҳои мардумӣ ва махсусан, маросими азодорӣ ба тариқи ишорат ва тасвир бозтоб шудаанд. Маросими азодории тоҷикон, ки одату анъанаҳои мухталиф дорад, дар ашъори шоир низ ҷо-ҷо дар мисраъҳои шеърӣ, рубоиёт, қасоид, абёти пароканда баён шудааст. Дар порчаҳое, ки дар боло барои мисол овардем, масоили азодорӣ ҳам ба маънии аслӣ ва ҳам тариқи маҷоз ифода ёфтааст. Дар ин бахши ашъори пурмазмуни шоир мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои воқеии ӯ дар заминаи ҳаёти иҷтимоиву таърихии халқ ифода гардида, аз донишу истеъдод ва маҳорати закиву қавии ӯ ба таври воқеъбинонаи шоир дарак медиҳад.

## Фасли 3. Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Бовару эътиқод нисбат ба ҳар гуна унсурҳои табииву ғайритабиӣ дар байни одамон аз замонҳои хеле қадим ва то ба имрӯз мавҷуд мебошанд. Дар фарҳангу адаби форсу тоҷик эътиқод доштан ба ҳар гуна махлуқоту ашёҳо як падидаи куҳан буда, мардум аз ибтидо то ин замон аз рӯйи фаҳмиш ва биниши худ ба ин падида бovарӣ пайдо намудааст. Роҷеъ ба ин масъала донишмандони соҳаи фолклоршиносӣ, мардумшиносӣ ва адабиётшиносӣ маълумоти муътамад додаанд. Пажӯҳишгарон О. Муродов, Н. Нурҷонов, А. Мардонова, Д. Раҳимов, Р. Ҷумъазода, Г. Ноёфтова ва дигарон дар бораи бовару эътиқоди мардум, шугунҳо ва боварии халқ нисбат ба ҳар гуна унсурҳо дар мақолаву таълифоти худ ибрози андеша намудаанд. Дар байни халқ бисёр таъбироту ҳаводиси иҷтимоиву таърихӣ арзи ҳастӣ кардааст, ки мардум нисбат ба онҳо эътиқод пайдо намудаанд. Бояд зикр намуд, ки мо дар ин бахши диссертатсия роҷеъ ба бовару эътиқоди мардум дар бораи хоб ва хобгузорӣ, сеҳру ҷоду, шаби лайлатулқадр ва дуоҳо, ки халқ нисбат ба ин масъалаҳо боварҳои гуногун дорад, ибрози андеша хоҳем кард ва падидаи онҳоро дар ашъори Рӯдакӣ ҷустуҷӯ хоҳем намуд.

Яке аз боварҳое, ки халқ нисбат ба он эътиқод дорад, «хоб ва хобгузорӣ» мебошад. Хобгузорӣ ҳолати физиологии майнаи инсон аст. Ҳангоми хоб инсон ҳаводиси гуногуни тахайюлиро аз майнаи худ мегузаронад, ки ин масъала дар байни халқ бо истилоҳи «хоббинӣ» ё «хобгузорӣ» маълум аст. Ҳаводиси дар хоб дидаро мардум паёме аз ғайб пиндошта, кӯшиш менамоянд, ки ба маънии ниҳонию маҷозии онҳо сарфаҳм раванд. Дар байни мардум хобҳоро шахсони муайян – муаббирон ё таъбиргӯён таъбиру тафсир мекунанд ва аз пешомади воқеаҳо шахси хобдидаро огоҳ менамоянд. Чи тавре ки дар ин хусус фолклоршинос Д. Раҳимов менависад: «Таъбири хоб хусусияти инфиродӣ дорад. Ҳар образро мардум вобаста ба ҷинси шахси хобдида, синну сол, касбу кор, ҷаҳонбинӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, ҳолати тандурустии инсон ва замони хоббинӣ таъбирҳои гуногун кардаанд. Чуноне ки мегӯянд, хоби занҳо чап, яъне баръакс

таъбир карда мешавад, аммо хоби мардҳоро айнан ва мустақим мешуморанд» [19, 164].

Ҳодисаи хобгузорӣ ё ба истилоҳ «хоб дидан» дар осори шифоҳии халқ ва ашъори шуарои классику муосири тоҷик бозтоб шудааст. Таъбири хобҳоро муҳаққиқони улуми мардумшиносиву фолклоршиносӣ ва адабиётшиносиву равоншиносӣ ба ду гӯруҳ ҷудо кардаанд: якум, ҳодисаҳое, ки дар хобҳо мебинанд, айнан дар воқеият рух медиҳанд. Дувум, ҳаводиси дар хоб дидашуда хусусияти маҷозӣ дошта, онро рамзкушоӣ мекунанд. Масалан, агар шахсе тангаро дар хоб бинад, чунин таъбир мешавад, ки фардои он рӯз бо дӯсте вомехӯрад. Ё худ дидани мор дар хоб далели душман доштани шахси хобдида аст. Инчунин, дар хоб дидани кабк таъбири зани зеборо дорад, ки ҷавонмард ба зани зебо вомехӯрад. Кабӯтар низ дар хоб духтар ё маъшуқаи зебост. Дар ин замина дар байни халқ ҳикояту нақл ва рубоиву дубайтиҳои зиёде гуфта шудаанд, ки дар бораи хоб ва хобгузорӣ маълумот медиҳанд. Чунончи, дар рубоии зер гӯянда аз хоби дидаи худ нақл мекунад:

Дар хоб ҷамоли Мустафоро дидам,
Фарзанди Алӣ шери худоро дидам.
Фарзанди Алӣ набераи пайғамбар,
Ман рӯйи мубораки шуморо дидам [152, у: 0368,5-024].

Ҳамон гуна, ки зикр намудем, шоирону донишмандон дар бораи хобгузорӣ ва хоббинӣ дар ашъори хеш иттилоъ додаанд. Дар ашъори Муқаддамушшуаро роҷеъ ба ин масъала низ маълумот дода шудааст. Чунончи, Рӯдакӣ дар як шеъри худ аз хобу таъбири маҷозии он ёдовар шуда, гуфтааст, ки ин ҳама зиндагии инсон дар рӯйи замин гузарон ва ба мисли хоб ғайривоқеӣ аст. Яъне, мурод аз гуфтаи шоир дар ин ҷо ҳамон дунёи фонӣ аст, ки ба умри инсон вафо намекунад. Ҳарчанд ки дар ин дунё одам бурду бохт кунад, ё бадавлат бошад, дунё барои ӯ вафо намекунад ва ҳамаи он ба мисли як лаҳзаи хобгузорӣ аст ва маҷоз аст. Яъне, чунон ки мардум хобро маҷозан таъбир мекунанд, ҳамчунон зиндагии индунёӣ низ маҷозе беш нест:

Ин ҳама боду буди ту **хоб** аст,

Хобро ҳукм не, магар ба маҷоз [11, 47].

Дар байти дигар шоир нозу неъматҳои зиёди шахси манзури хешро ҳамчун чархи гузарон мепиндорад ва онҳоро ба мисли хоб меҳисобад. Масалан, дар баъзан мавридҳо шахс дар хобаш бисёр чизҳои боҳашамат ва гаронқадрро ба даст меорад, аммо баъд аз бедор шудан мефаҳмад, ки он ҳама дар хобу хаёл будааст. Манзур аз байти зерини устод Рӯдакӣ низ ҳамин мазмун аст:

Гар ниъамҳои ӯ чу чархи давон,

Ҳама **хоб** асту бод, бод фиреҳ [134, 261].

Ҳамин тариқ, хоб дидан ва хобгузорӣ кардан ба ҳаёти одамон вобастагии доимӣ дорад. Одамон хоби хуб, яъне таъбираш некро ба ҳамдигар нақл мекунанд, аммо аз он хобҳое, ки пур аз сиёҳиву бадист ё таъбираш ба ақидаи муаббирон баду зишт аст, бояд шахси хобдида ин гуна хобашро рафта ба об ё ба оташ гӯяд. Ба ақидаи одамон шунидани ҷавоби ин гуна хобҳои зишт дар оянда ба ҳаёти онҳо зарар мерасонад ё ин ки пайомади бад дорад. Ҳамин гуна боварҳои омиёна то рӯзгори мо боқӣ мондааст.

Сеҳру ҷоду низ аз одатҳои қадимии халқ мебошад ва аз замонҳои куҳан бовариии мардум дар бораи ҷоду кардан, гиреҳбандӣ, дамбандӣ, бахтбандӣ, бахткушоӣ, дуохонӣ ва ғайра пайдо шуда буд. Сеҳр – афсун, ҷоду, маҷозан ба маънии ҷозибу ҷазбкунанда ва фаттон истифода мешавад. Мувофиқи таҳқиқи мардумшиносон сеҳр дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда, як тарзи таъсиррасонии мақсаднок ба касе ё чизе аз масофаи муайян ба шумор мерафтааст. То ҳол дар байни халқ шахсони ҷодугар мавҷуд мебошанд, ки эҳтиёҷмандону беморон ва эътиқодмандон ба назди онҳо рафта, барои эҳтиёҷоти худ мадад мехоҳанд. Дар як байти Рӯдакӣ калимаи «сеҳр» маҷозан ба тавсифи чашмони сеҳрангезу шӯхи маҳбуба ба кор рафтааст:

Пешам омад бомдодон он дилбар аз роҳи кадӯх,

Бо ду рух аз шарм лаълу бо ду чашм аз **сеҳр** шӯх [11, 34].

Дар байти дигар калимаи «ҷоду» истифода шудааст, ки ишорат ба яке аз воқеаҳои таърихӣ дорад. Дар ин ҷо вожаи «ҷоду» ба маънии афсунгар, ҷодугар, соҳир истифода шудааст:

Бибурда наргиси ту оби **ҷодуи Бобил,**

Кушода ғунчаи ту боби муъҷизи Мусо [134, 157].

Мувофиқи маълумоти ривоёту афсонаҳои асотирӣ дар замони Мусо пайғамбар Фиръавне подшоҳи Миср будааст. Вақте ки Мусо Фиръавнро ба шинохтани худо хонд, ӯ бо фитнаву иғвои вазираш чаҳор ҳазор ҷодугарро, ки дар мулки ӯ буданд, даъват намуда ба нобуд кардани Мусо фиристод. Соҳирон аз ресмонҳо, симоб ва ғайра бо сеҳр тилисме ба муқобили Мусо тартиб доданд. Асои Мусо аждаҳо шуда ҳамаи тилисми онҳоро фурӯ бурд. Соҳирон аз ин ҳол тарсида, ба Мусо имон оварданд. Манзур аз «Ҷодуи Бобил» ҳамон муъҷизаи Мусо пайғамбар мебошад, ки асои ӯ ба мисли аждаҳо шуда, душманонро тарсонида ба худ тасхир намуда буд ва ин воқеа дар наздикии шаҳри Бобил рух дода буд. Аз ин ҷост, ки дар байти зикршуда низ манзури шоир ишорат ба муъҷизи Мусо мебошад.

Лайлатулқадр  яке аз боварҳои марбут ба дини мубини Ислом буда, мувофиқи маълумоти маъхазҳо дар шаби лайлатулқадр Худои таъоло тақдири инсонҳоро муайян мекардааст. Ин шабро дар байни мардуми мусулмон бо иборахои «шаби қадр», «шаби андоза кардани корҳо» ва «шаби тақдир» ном мебаранд. Лайлатулқадр шабест, ки соле як маротиба дар яке аз шабҳои тоқи даҳаи охири моҳи Рамазон, ки аксари мусалмонон онро санаи 27-ум мепиндоранд, ба вуқӯъ мепайвандад ва ибодати он аз ибодати ҳазор моҳ бештар дониста мешавад. Мувофиқи маълумоти динӣ дар ин шаб аввалин бор ба Муҳаммад пайғамбар ваҳй (пайғоми Худованд) фиристода шудааст. Тибқи иттилои дигар, дар ин шаб Қуръон нозил шудааст. Мувофиқи маълумоти сураи 97 дар Қуръон, ки ба шаби лайлатулқадр бахшида шудааст, дар ин шаб руҳу малоикаҳо ба замин фаромада, ҳар обид чӣ муроде, ки дар дил дошта бошад, ҳосил мегардад. Шаби лайлатулқадр дар шеъри Рӯдакӣ танҳо дар як байт зикр гардида, ки дар он мушарраф гардидан ба дидори маҳбуба ба мукофоти шаби қадр баробар дониста мешавад:

Шаби ошиқ-т **лайлатулқадр** аст,

Чун ту берун кунӣ рух аз ҷалбиб [11, 31].

Дар фарҳангу адаби тоҷик эътиқод ва боварӣ доштан ба дуоҳои неку бад аз замони қадим роиҷ буда ва мебошад. Бахусус, дар байни халқ ва осори шифоҳии мардум бисёр дуову қасам ва дигар шаклҳои паремологӣ мавҷуд мебошанд, ки намунаҳои зиёди онҳоро фолклоршиносон аз байни халқ ҷамъоварӣ кардаанд ва то имрӯз дар бойгонии Фонди фолклори тоҷик маҳфуз мебошанд. Чунончи, фолклоршиноси рус Г.Л. Пермяков қайд мекунад: «Паремиология» як бахши фолклоршиносӣ буда, «паремияҳо», яъне баъзе жанрҳои хурди фолклорӣ: зарбулмасал, мақол, байт, чистон, шугун, дуо, таъбири хоб ва ғайраро меомӯзад. Паремияҳо – ифодаҳои устувори шифоҳианд, ки бо як ҷумла ё бештар баён мешаванд» [126, 80].

Дуо низ яке аз гунаҳои хурди фолклорӣ маҳсуб мешавад. Дуоҳои халқӣ ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо мешаванд: дуоҳои нек ё хайр, дуоҳои бад, дуоҳо барои кушоди кору фаъолият, дуои дастурхон, дуоҳои роҳи сафед ва ғайра то имрӯз дар байни халқ роиҷ ҳастанд, ки аз тарафи калонсолон ба ҷавонону дигарон дода мешаванд. Халқ тавассути дуохонӣ ва дуо додан ба мардум таманниёти неку бади худро ифода мекунад. Дуо вожаи арабӣ буда, маънояш дархост аз худо, хоҳиш; хайр ва некӣ талабидан аз касе мебошад. Дар бораи дуо дар байни халқ зарбулмасалу мақолҳои зиёде густариш ёфтаанд. Халқ мегӯяд: «Одам аз дуо месабзад» ё «Дуои падар мегирад, аммо дуои модар намегирад» [139, 10] ва ғайра. Ба ақидаву боварии халқ шири сафеди модар дуоро рад мекунад. Аз ин сабаб мувофиқи эътиқоди мардум дуои модар фарзандро намегирад. Боварҳои дигар низ дар байни мардум роиҷ аст, ки мегӯянд: «Дуои сағираву бечора ва барҷомондаву мусофир зуд мустаҷоб мешавад». Дар ин хусус ақидаи халқ ин аст, ки сағираву барҷомондагон шахсони ранҷидаву дилшикастаанд, бинобар ин дуои онҳо ба зудӣ мустаҷоб мегардад.

Дар осори шоирону нависандагони адабиёти тоҷику форс низ дар хусуси дуо ва дуохонӣ ишораву маълумот дода шудааст. Чунончи, шоири хирадманд Рӯдакӣ дар ашъори хеш мазмунҳои ба дуоҳои омиёна монандро бо сабки хоси худ моҳирона ифода намудааст. Дар байте аз ашъори ӯ ибораи «дуои мустаҷоб» истифода шудааст, ки маънии дуои иҷобатшударо мефаҳмонад. «Дуои

мустаҷоб» - дуоест, ки аз тарафи худо қабул шуда ва дуои иҷобатшуда низ мегӯянд:

Саҳоб астӣ қадаҳ гӯиву май қатра саҳоб астӣ,
Тараб гӯйӣ, ки андар дил **дуои мустаҷоб** астӣ [11, 60].

Мувофиқи иттилои маъхазҳои таърихӣ дуои «ҳазор сол бизӣ» таърихи қадимӣ дошта, гузаштагони мо аз замонҳои куҳан то имрӯз ин дуои некро барои ҳамдигар таманно мекунанд. Аз ривояти Абӯрайҳони Берунӣ чунин бармеояд, ки Биюросп (Беварасп - лақаби Заҳҳок Ф.И.) ҳазор сол зиндагӣ кард ва бино бар сабаби озод шудан аз дасти душманон Фаридун халқро амр медиҳад, ки шодиву сурур кунанд. Зимнан Берунӣ дар ин ривоят аз дуои мазкур ёдовар шуда менигорад: «…Ва ин ҳазор сол муддати подшоҳӣ ва ғалабаи ӯ (яъне, Беваросп. Ф.И.) буд. Ва гуфтаанд, ки ин эрониён ба якдигар ин тавр дуо мекунанд, ки «ҳазор сол бизӣ», аз он рӯз расм шуда, зеро чун диданд, ки Заҳҳок тавонист ҳазор сол умр кунад. Ва ин кор дар ҳадди имкон аст, ҳазор сол зиндагиро таҷвиз намуданд» [8, 244].

Аз ин маълумоти Беруни бармеояд, ки гузаштагони мо нисбат ба дуои хайри «ҳазор сол бизӣ» аз қадим бовару эътиқоди қавӣ доштаанд.

Пажӯҳишгари осори шифоҳӣ Д. Раҳимов роҷеъ ба ин масъала иброзӣ ақида намуда, бо овардани ривояти Берунӣ ва мисраи шеърии Абӯшакури Балхӣ ба хулосае меояд, ки дар таърихи гузашта дар байни халқи тоҷику форс дуои «ҳазор сол бизӣ» роиҷ буд. Тавре ки ӯ менависад: «Ин ривояти Берунӣ ба воқеияти дуои «ҳазор сол бизӣ» наздик аст. Шоири маъруф Манучеҳрӣ низ дар як байташ ин дуоро аз Рӯдакӣ ёдовар шуда, гуфтааст:

Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфта:
«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ» [92, 26-27].

Дар ин ҷо Д. Раҳимов байти мазкурро ба Манучеҳрии Домғонӣ мансуб медонад, ки ба андешаи мо саҳеҳ нест. Ин байт аз Шаҳиди Балхӣ мебошад, ки дар муқаддимаи Девони Рӯдакӣ (2015) бо номи ӯ сабт гардидааст [11, 26].

Дуои «ҳазор сол бизӣ» дар «Девони Рӯдакӣ» (2015) дар саҳифаи садум ба шакли як мисраи пароканда оварда шудааст ва шояд бо сабабҳои таърихӣ баъзе

аз мисраъҳои он аз байн рафта бошад. Шоир дар ин мисраи шеърӣ касеро табрику таҳният намуда, барои ӯ умри дароз таманно намудааст:

Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ [11, 100].

Таманниёт ва орзуву умеди нек бахшидан ба инсонҳо яке аз одатҳои қадимии халқи тоҷик мебошад, ки шоирон дар ашъори худ аз ин тарзи таманно кардан истифода намудааст. Дар рубоии зер Рӯдакӣ ба худ хотири осудаву дили шод ва аз қайди ҳама ғамҳои олам озод буданро таманно мекунад ва бояд гуфт, ки дар ин рубоӣ низ ишорат ба ҳамон дуои «ҳазор сол бизӣ» шудааст:

Ҳон, Рӯдакӣ, аз қайди ғам озод бизӣ!
Бо хотири хурраму дили шод бизӣ!
Вайронии худ мангару ободии даҳр,
Вайронии даҳр бину обод бизӣ! [11, 74].

Ҳамин тавр, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки эътиқоду боварҳои мардум нисбат ба ҳар гуна унсуру воқеиятҳо зиёд аст. Ҳамаи ин иттилооти густурда ва қадимӣ шаҳодат медиҳанд, ки Рӯдакӣ чун шоири тавоно аз урфу одат, расму ойин, бовару эътиқоди халқ нисбати ҳар гуна воқеаву ҳаводис ва аносур воқиф буда, тавонистааст, ки дар шеъри ноби хеш аз онҳо ёдовар шавад. Дар шеъри ӯ эътиқоди халқ ҳам тариқи мазмуни воқеӣ баён ёфта ва ҳам маҷозан ба кор рафтааст. Аз ин рӯ, ашъори устод Рӯдакиро на танҳо аз ҷиҳати бадеият ва чеҳраофарӣ, ҳунари эҷод ва фасоҳати забон ҳамчун як намунаи шеъри олӣ қабул кардан мумкин, балки онро чун манбаи суннату расму одат, ҷашнҳо ва дигар чорабиниҳои миллии қадима ва эътиқодоти гузаштагони мо эътироф кардан зарур аст. Бояд гуфт, ки аҳаммияти муҳимми назариву амалии омӯзиши ашъори Рӯдакӣ дар ин самт муҳим буда, ин гуна абёти пурарзиш ва таърихӣ барои мавқеъ ва побарҷо мондани бисёр расму ойин ва ҷашнҳои миллии мо кӯмак мерасонанд.

Хулоса, дар ин бахш масъалаҳое баррасӣ гардиданд, ки ҷанбаҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносиву мардумшиносӣ дошта, мо то ҳадди имкон роҷеъ ба масъалаҳои мазкур дар шеъри устод Рӯдакӣ ибрози андеша намудем. Ҷойи зикр аст, ки Рӯдакӣ шоири мардумист ва аносури муҳимми ҳаёти халқро

хуб ҳифз карда ва дар нигоштаҳояш аз ойину русум ва одату анъанаҳои халқӣ ёдрас шудааст. Ин ҳунари Рӯдакӣ барои эҳёи бисёре аз одатҳои мардумӣ аҳамияти бориз дорад ва чунин ба назар мерасад, ки дар шеъри ӯ ҷашнҳои миллии мо амсоли Наврӯзу Меҳргон бо ойину анъанаҳои махсус побарҷо мондаанд. Мушоҳидаҳои воқеиву табиӣ, ки аз тарафи шоир сурат гирифтаанд ва онҳоро дар шакли назм даровардану ба насли баъдин мерос гузоштан, албатта истеъдоди бузурги шоирии ӯро нишон медиҳад. Бархурдор будан аз маросимҳои азодории тоҷикон аз ҷониби Рӯдакӣ ва ба мушоҳида гирифтани одобу русуми азодорӣ ва баёни онҳо низ дар як силсила абёти шоир ба назар мерасанд, ки дараҷаи баланди истеъдоди шоирии ӯро нишон медиҳад. Он одобу русуми азодорӣ, ки дар шеъри Рӯдакӣ зикр гардидаанд, то имрӯз дар байни мардумони манотиқи гуногуни Тоҷикистон роиҷ мебошанд. Ҳамаи ин масъалаҳо, ки дар ҳаёти башар «амри воқеӣ» пиндошта мешаванд, дар ҳаёти шоир бетаъсир набуда ва албатта аз лаззати ин гуна мотаму андуҳ ва шодиву нишот худи шоир низ чашида будааст, ки аз нигоштаҳои ӯ маълум мегардад. Масъалаи дигар, ки ба ҳаёти инсоният марбут аст, эътиқод доштан ба дуову хобгузорӣ, шаби лайлатулқадр ва сеҳру ҷоду мебошад, ки ин масъалаҳо ҳам аз назари шоир дур намондааст. Дар як силсила абёташ шоир аз ин махсусиятҳои ҳаёти халқ ёд мекунад, ки ин масъалаҳо илми адабиётро бо мардумшиносиву фолклоршиносӣ алоқаманд мегардонанд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Нуктаҳои зеринро ҳамчун хулосаҳои таҳлили масъалаи марказии диссертатсия қабул кардан мувофиқи мақсад аст:

1. Бовуҷуди як давраи равшан ва равшанфикрии таърихи давлатдорӣ ва тамаддуни миллӣ будани замони устод Рӯдакӣ, маҳсули фарҳанг, санъат ва адабиёти ин давра ба таври пурра дастраси ояндагон нагардида буд. Ҳатто дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти чунин симои тамаддуни башарӣ чун устод Рӯдакӣ санадҳои дақиқ ва таърихӣ дар дасти мо нест. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши ҳаргуна мавод ва сарчашмаҳое, ки ба ин давра, махсусан ба муҳити адабию фарҳангии он тааллуқ дорад, барои таърих ва адабиётшиносии мо зарурати маҳз мебошад. Дар ин миён, ривоятҳои дар байни мардум интишорёфта аз зумраи муҳимтарин сарчашмаҳо дар муайян намудани воқеаву ҳодисаҳои ҳаётӣ ва шинохти шахсияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳисоб меравtotally ва маҳз тавассути ҳамин ривоятҳо маълумоти нодир дар хусуси зодгоҳ ва овони кӯдакии шоир, муносибати ӯ бо амирони Сомонӣ, мазор ва ҷойи дафни ӯ, ҳамчунин ҳунарҳои шоирӣ, табибӣ, авзои ошиқӣ, нобиноӣ, муносибати авлодонаш ба симо ва шахсияташ ба даст меоянд [5-М].

2. Пажуҳиши паҳлуҳои мухталифи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар осори мардумӣ имконияти муқоисаи онҳоро бо санаҳои таърихӣ ва ҳикояҳои китобӣ фароҳам меорад. Чунин имконият боиси собит намудани мавҷудияти воқеии баъзе аз онҳо мегардад ва ҳамчунин, бархи дигари ин маълумот инкор мешавад ва ё шубҳанок будани он аён мегардад [1-М].

3. Ашъори бозмондаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ намунаи олии таъсирпазирии адабиёт ва махсусан шеъри замони Сомониён аз адабиёти шифоҳӣ мебошад. Истифодаи фаровон аз устураҳои тахайюлӣ, корбурди зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ, баёни чанд истилоҳоти фолклорӣ, чистон ё луғаз, бозтоби бархе аз чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар ашъори то ба мо расидаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ исботи бидуни баҳси ин таъсирпазирӣ мебошанд [6-М], [10-М].

4. Тасвири табиати диёр, ҷашну маросимҳо ва бовару эътиқодоти мардумӣ дар шеъри Рӯдакӣ аз як тараф халқияти ашъори шоирро нишон диҳад, аз тарафи дигар он ба ҳисси миллӣ ва арҷгузории анъаноту маросимҳои аҷдодии ӯ алоқа дорад. Ифтихор доштан аз забон, миллат, ҷашну маросимҳои мардумони ориёинажод дар ашъори Рӯдакӣ ба назар мерасад. Ғайр аз ин, одобу русуми азодории тоҷикон, ки ба худ хусусиятҳои хосро доро аст, дар шеъри Рӯдакӣ ба таври ишорату маълумотӣ инъикос гардидааст [3-М], [8-М].

5. Таҳлили ҷанбаҳои фолклории намунаҳои ашъори Рӯдакӣ бори дигар собит сохт, ки нахустин ашъор ба забони форсии тоҷикӣ ба тафаккур, ҳаёт ва тахайюлоти мардум наздикии қавӣ доштааст. Масалан, нақши эътиқоду боварии мардум дар бораи шаби лайлатулқадр, мурғони афсонавӣ ва сеҳру ҷоду дар шеъри Рӯдакӣ бештар ба назар мерасад, ки ҳамоно ҷанбаҳои фолклорӣ доранд. Албатта, Рӯдакӣ ҳамчун шоири хирадманду ҳунарманд аз ин қабил боварҳои мардумӣ бархурдор буда ва ин эътиқоди мардумро дар шеъри хеш ифода кардааст. Агар ин масъаларо дар шеъри Рӯдакӣ бинем ва ба муқоисаи он бо осори шифоҳӣ аҳамият диҳем, ба назар чунин мерасад, ки ин эътиқоду боварии халқ то ҳол дар байни мардумони манотиқи гуногуни Тоҷикистон боқӣ мондааст [7-М].

### 2. **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**:

Ҳамин тариқ, ҳамаи ин иттилооти густардаи таърихӣ, ки ҳам дар тазкираву осори таърихӣ ва ҳам дар асарҳои фолклорӣ ҷамъ оварда шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки Рӯдакӣ чун шоири тавоно аз урфу одат, расму ойин, бовару эътиқоди халқ воқиф буда ва дар шеъри ноби хеш аз онҳо ёдовар шудааст. Аз ин рӯ, ашъори устод Рӯдакиро на танҳо аз ҷиҳати бадеият ва образофаринӣ, ҳунари эҷод ва фасоҳати забон ҳамчун як намунаи шеъри олӣ қабул кардан мумкин аст, балки онро чун манбаи суннату расму ойин, ҷашну маросимҳо ва дигар чорабиниҳои миллии қадимӣ ва бовару эътиқодоти гузаштагони мо эътироф кардан зарур ва дорои аҳаммияти махсус мебошад.

Матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотии марбут ба улуми фолклоршиносӣ ва мардумшиносиву адабиётшиносӣ истифода намуд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои маводи пешниҳодшуда метавонанд барои таълими ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тамоми самтҳои таълим ва дар курсҳои махсуси омӯзишӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Қисматҳои алоҳидаи диссртатсия дар мавриди навиштани китобҳои таълимӣ ва илмии адабиёту фолклори тоҷик барои толибилмони мактаб ва донишҷӯёни донишгоҳҳо аҳаммияти махсус доранд. Аз кулли маводи диссертатсия дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, муносибат ва эҷодиёти Рӯдакӣ, таълифи корҳои курсӣ ва дипломӣ, таълиму тадриси адабиёти шифоҳӣ ва курсҳои махсуси омӯзиши жанрҳои фолклорӣ ва адабиёти хаттӣ метавонад истифода гардад.

**Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва таълифоти чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳо:**

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

[1-М]. Исмоилов, Фаредун. Тасаввури мардум дар хусуси ишқи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Шумораи 6. 2018. - С. 281-283.

[2-М] . Исмоилов, Фаредун. Баёни чанд намунаи луғаз ё чистон дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Шумораи 8. 2018. – С. 180-184.

[3-М] . Исмоилов, Фаредун. Инъикоси одобу русуми озодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 4. 2018. – С. 141-149.

[4-М]. Исмоилов, Фаредун. Тасвири як ҳайвони заҳматқарин дар намунаҳои осори шифоҳӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. №1, 2021. – С. 150-167.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М]. Исмоилов, Фаредун. Ривоятҳои таърихии тоҷикӣ ва таснифи онҳо / Ф. Исмоилов // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. Шумораи 3-4 (14). 2015. С. 65-69.

[6-М]. Исмоилов, Фаредун. Корбурди зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 3. 2016. - С. 139-148.

[7-М]. Исмоилов, Фаредун. Бозтоби бархе аз устураҳои тахайюлӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 2. 2017. - С. 135-145.

[8-М]. Исмоилов, Фаредун. Корбурди истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. Шумораи 4 (40), 2017. - С. 99-105.

[9-М]. Исмоилов, Фаредун. Рӯдакӣ ва ҷашни Меҳргон / Ф. Исмоилов // Самак. Ҳафтаномаи таърихӣ-тадқиқотӣ. Шумораи 47 (316), 2017. - С. 13.

[10-М]. Исмоилов, Фаредун. Бозтоби чеҳраҳои асотирӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. Шумораи № 5 (27). 2021. – С. 146-160.

**Маҷмуа:**

1. Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ. (Маҷмуаи фолклорӣ) Мураттиб: Ф. Исмоилов. Душанбе: Истеъдод, 2015. 30 с.

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо:

### а) бо забони тоҷикӣ:


1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Ҷомӣ. - Бо муқаддима ва тасҳеҳи А. Афсаҳзод – Душанбе: Адиб, 1972. – 139 с.
2. Авесто / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. –Душанбе: Қонуният, 2001. – 705 с.
3. Айнӣ, Камолиддин. Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ // Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон / К. Айнӣ. - Вежаномаи фолклоршиносӣ, соли ҳафтум, шумораи 13, зимистони 2007. 45-56 с.
4. Амонов, Раҷаб, Шукуров, Муҳаммадҷон. Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ / Амонов, Р., Шукуров, М. – Душанбе: Адиб, 1958. – 268 с.
5. Асрорӣ, Воҳид. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. Дастури таълимӣ. / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 297 с.
6. Аҳмадов, Рӯзиқул. Пажӯҳишҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик. / Р. Аҳмадов. - Душанбе: Дониш, 2015. – 327 с.
7. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1998. – 407 с.
8. Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 430 с.
9. Бобоев, Юрий. Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ: китоби дарсӣ. / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1987. – 320 с.
10. Дастуруламал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ. – Сталинобод, 1960. – 158 с.
11. Девони Рӯдакӣ / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.
12. Ёрзода, Тағоймурод. Фолклори Яғноб. / Т. Ёрзода. – Душанбе: Империал-груп, 2007. – 330 с.

13. Исмоилов, Фаридун. Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов. – Душанбе: Истеъдод, 2015. – 30 с.
14. Куллиёти фолклори тоҷик. Ҷилди 1. Масалҳо ва афсонаҳо дар бораи ҳайвонот / Тартибдиҳандагон: Исидор Левин, Ҷалил Рабиев, Мирра Явич. – Москва: 1981. – 388 с.
15. Куллиёти фолклори тоҷик. Ҷилди 2 (Китоби 2). Латифаҳо / Тартибдиҳандагон: Ҷ. Рабиев, Д. Обидов, Э. Улуғзода, И. Левин. – Душанбе: Дониш, 2007. – 394 с.
16. Қодири Рустам. Рӯдакӣ, фаромӯшӣ, Чингизхон ва хар / Қ. Рустам. - Алматӣ: Дайк-пресс, 2003. – 2018 с.
17. Мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ / Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот Хуршеда Отахонова. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
**18.** Муродов, Отамурод. Париталбон (Дастурамал барои донишҷӯёни мактаби тиббӣ Шарқ) / О. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 83 с.
19. Раҳимов, Дилшод. Фолклори тоҷик / Д. Раҳимов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 264 с.
20. Раҳмонӣ, Равшан. Қиссаҳо, ривоятҳо ва дуоҳои Бухоро дар сабти Раҳмонӣ / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ, 1998. – 186 с.
21. Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С.А. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ., С.А. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – 352 с.
22. Рӯдакӣ. Ашъор / Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
23. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Д. Самарқандӣ - Гузориши матн, нигориши дебочаву тавзеҳот аз Муҳаммад Ансор ва Аъзами Худодод. – Душанбе: 1999. – 158 с.
24. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола / Н. А. Самарқандӣ - Мураттибон: Х. Шарифов, У. Тоиров. - Душанбе: Ирфон, 1986, – 187 с.

25. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома, ҷ.1, ҷ.2, ҷ.3. / А.Фирдавсӣ. – Душанбе: 1964. – 228 с.
26. Фозилов, Муллоҷон. Зарбулмасалу мақолҳо ва афоризмҳои форсӣ-тоҷикӣ, Иборат аз 3 ҷилд, ҷилди 2 / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 236 с.
27. Фолклори Роғун / Гирдоварӣ, тадвин ва пажӯҳиши Рӯзии Аҳмад ва Салоҳиддин Фатҳуллоев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. –508 с.
28. Фолклори Бухоро / Мураттибон Д. Обидов, Ҷ. Рабиев, Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
29. Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон / Тартибдиҳанда: Р. Амонов. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960, – 414 с.
30. Фолклори Помир. Ҷилди 2 (асотир, ривоят ва нақлҳо) / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Нисормамад Шакармамадов. –Душанбе: Империал-групп, 2005. – 431 с.
31. Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё / Мураттиб ва гирдоваранда Р. Қодиров. – Ҷ. 1. – Душанбе: Оли Сомон, 1998. – 276 с.
32. Фолклори водии Қаротегин / Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан Г. Сафиева. – Душанбе: Маориф. – 1986. – 192 с.
33. Фолклори даризабонони Афғонистон / мураттиб С. Норматов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 158 с.
34. Ҳафт аллома / Мураттибон: Баҳроми Шермуҳаммадиён ва Додоҷони Обидзода. Душанбе: Империал-Групп, 1994, 184 с.
35. Шамсиддин, Муҳаммад бинни Қайси Розӣ. Алмӯъҷам / Қ. Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 264 с.

**б) Бо забони русӣ:**

36. Андреев, Михаил Степанович. Из материалов по мифологии таджиков // По Таджикистану; краткий отчет о работах этнографических экспедиции в Таджикистане в 1925 году. Випуск 1. / М. С. Андреев. – Ташкент. 1927. – 77 с.
37. Горкий, Максим. О литературе / М. Горкий. – Москва: 1955. – 329 с.

38. Негматов, М. Библиография таджикской фольклористики. Книги 1-2 / М. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 293 с.

**в) Бо хатти форсӣ:**

39. بخارایی، محمد عوفی. لباب الباب. با تصحیح ا. براون و میرزا محمد خان قزوینی. جلد 2.
لیدان:1903. 246

40. معروضی، الاهه. اشاره به چند آیین کهن ایرانی در گلشن خیال انگیز رودکی// پاژ. ( فصلنامه) تابستان 1387، شمارۀ 2 ( ویژه نامۀ رودکی ) – صفحۀ 56 –

41. محمد رضا شفیعی کدکنی. صور خیال در شعر فارسی/ تهران: 1387 هجری. – 423 صفحه..

42. معتمن، زین العابدین. شعر و ادب فارسی. تهران: چاپ خانۀ بنگاه مطبوعات افشاری، 1346. – 375 صفحه.

43. نصر الله امامی. مرثیه سرایی در ادبیات فارسی // اهواز: 1369 – 1990. – 227 صفخه ..

44. شمس الدین محمد حافظ شیرازی. کلیات. تهران: 1379 – 2001. – 247 صفحه ..

**II. Адабиёти илмӣ:**

**а) бо забони тоҷикӣ:**

45. Айнӣ, Садриддин. Устод Рӯдакӣ / С. Айнӣ.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1940. – 158 с.

46. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. - Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб. – 448 с.

47. Айнӣ, Садриддин. Қабри устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак // Шарқи Сурх, № 5, 1940. / С. Айнӣ. – Душанбе: 1940. С – 25-27.

48. Айнӣ, Садриддин. Шайхурраис Абӯалӣ Сино / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005, 82 с.

49. Айнӣ, Камолиддин. Дирӯз ва имрӯз (Маҷмӯаи мақолаҳо) / К. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1916. – 288 с.

50. Амонов, Раҷаб. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 352 с.

51. Амонов, Раҷаб. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. / Р. Амонов. –Душанбе: Дониш, 1987. – 294 с.

52. Амонов, Раҷаб. Лирикаи халқии тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.

53. Амонов, Раҷаб. Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 169 с.

54. Амонов, Раҷаб. Қиссаи беди баланд, чанори пургул ва себи Самарқанд / Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1981. – 116 с.

55. Асрорӣ, Воҳид. Адабиёт ва фолклор / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 278 с.

56. Асрорӣ, Воҳид. Оҳанги халқӣ дар эҷодиёти Рӯдакӣ // Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ, маҷмӯаи илмии Институти педагогии ба номи Т. Шевченко, ҷилди 25, нашри 11, 1958 / В. Асрорӣ. – Сталинобод: 1958 – С. 124-130.

57. Афсаҳзод, Аълохон. Одамушшуаро Рӯдакӣ / А. Афсаҳзод. –Душанбе, Адиб, 2003. – 275 с.

58. Аҳмадов, Рӯзиқул. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. / Р. Аҳмадов. - Душанбе: Дониш, 2007. – 465 с.

59. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи кадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.

60. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Б. Ғафуров. Китоби дувум. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.

**61.** Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.

**62.** Зеҳниева, Фарруха. Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикон / Ф. Зеҳниева. – Душанбе: Дониш, 1978. – 162 с.

**63.** Кароматуллоева Н. Мавқеи дубайтӣ дар адабиёти тоҷик / Н. Кароматуллоева. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 50 с.

64. Қаландаров, Ҳоким. Рӯдакӣ ва исмоилия / Ҳ. Қаландаров. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 236 с.

65. Қаххор, Р. (Раҳмонӣ) Дуо гунаи фолклорӣ аст // Мардумгиёҳ, шумораи 1-2, 1995 / Р. Қаҳҳор. – Душанбе: 1995 -1996. С. - 209 - 211.

66. Қосимӣ, Саъдӣ, Абдулқодир. Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ / С. А. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 186 с.
67. Қиёмов, Ф.А. Махавӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 4. / Ф.А. Қиёмов. – Душанбе: Сарредакцияи илмии энциклопедияи советии тоҷик. 1983. – 934 с.
68. Қурбонхонова, Нуриҷаҳон. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон / Н. Қурбонхонова. – Душанбе: Дониш, 2011. – 146 с.
69. Мардонӣ, Тоҷиддин. Рӯдакӣ ва адабиёти араб / Т. Мардонӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 126 с.
70. Мирзоев, Абдулғанӣ. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ / А. Мирзоев. – Сталинобод: 1958. – 345 с.
71. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сездаҳ мақола. / А. Мирзоев. - Душанбе: Ирфон, 1977. – 186 с.
72. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 / Х. Мирзозода. – Душанбе: 1977. – 399 с.
73. Музаффар, Муҳаммадӣ. Нақши устод Садриддин Айнӣ дар шинохти Рӯдакӣ // Маҷмӯаи Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз / М. Муҳаммадӣ. - Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 611-619.
74. Муллоаҳмадов, Мирзо. Ёди Рӯдакӣ дар диёри Рӯдакӣ // Маҷаллаи Рӯдакӣ №2 / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: 2002. – С. 50-53.
75. Муродов, Отамурод. Дар пардаи сеҳру ҷоду. / О. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 121 с.
76. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
77. Мухторов, Аҳрор. Шеъри Рӯдакӣ дар Ҳинд // Маҷаллаи Садои Шарқ №11 / А. Мухторов. – Душанбе: 1988. – С. 128-133.
78. Мухторов, Аҳрор. Рӯдак – зодгоҳи Рӯдакӣ // Рӯзномаи Адабиёт ва санъат / А. Мухторов. – Душанбе: 1990, 27-уми декабр. – С. 6-7.
79. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Авзони ашъори Рӯдакӣ / М. Назриқул. – Душанбе: Нашриёти Сино, 2011. – 187 с.

80. Насриддин, Абдулманнон. Аз Рӯдакӣ то Аттор / А. Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 396 с.
81. Насриддин, Абдулманнон. Куллиёти осор. Ҷ.1. / А. Насриддин. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 608 с.
82. Насриддин, Абдулманнон. Фарҳанги мушкилоти адабиёт / А. Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 132 с.
83. Насриддинов, Фахриддин. Рӯдакӣ – устоди суханварони Аҷам (бо ҳаммуаллифӣ) / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 206 с.
84. Нурҷонов, Низом. Уфар // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. / Н. Нурҷонов. – Душанбе: Сарредакцияи илмии энциклопедияи советии тоҷик. 2004. – 520 с.
85. Обидов, Додоҷон. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо / Д.Обидов. – Душанбе: «Империал-Групп», 2010. – 238 с.
86. Обидов, Додоҷон. Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан / Д.Обидов. – Душанбе: ҶДММ Илм, 2009. – 259 с.
87. Обидов, Додоҷон. Қиссаҳои ноб дар ҳар боб / Д.Обидов. – Душанбе: 2008, – 108 с.
88. Обидов, Додоҷон. Афсонаҳои ҳаҷвӣ - маишии тоҷикӣ / Д. Обидов. - Душанбе: Дониш, 1978. –118 с.
89. Охониёзов, Варқа. Пайдоиш ва ташаккули шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ (дар мисоли гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ - рӯшонӣ) / В. Охониёзов. – Душанбе: Эр-графф, 2017. – 328 с.
90. Охониёзов, Варқа. Берангӣ хосияти Офаридгор / В. Охониёзов. – Душанбе: ҶДММ Констраст, 2010. – 180 с.
91. Раҳимов, Дилшод. Ҷашни Меҳргон. / Д. Раҳимов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 48 с.
92. Раҳимов, Дилшод. Чинори пургул. / Д. Раҳимов. - Душанбе: Фан, 2008. – 104 с.
93. Раҳмонов, Абдуҷаббор. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ / А. Раҳмонов. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – 196 с.

94. Раҳмонов, Абдуҷаббор. Назария ва сайри таърихии устурашиносии форсӣ-тоҷикӣ / А. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1999, - 184 с.

95. Раҳмонӣ, Равшан. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: 1999. – 104 с.

96. Раҳмонфар, Асрор. Рӯдакиро суханаш талви нубост… Баррасие дар матни ашъору сабки гуфтори суханвари бузургвор / А. Раҳмонфар. – Душанбе: Адиб, 2009. – 282 с.

97. Ризвоншоева Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон (Таҳқиқи ғоя ва образ) / Г. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.

98. Саидзода, Ҷамолиддин. Сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: Нашриёти Сифат, 2009. – 100 с.

99. Сайфуллоев, Атахон. Паямбари ишқ (Рисолаи илмию тадқиқотӣ) / А. Сайфуллоев. - Душанбе: Адиб, 2008. – 544 с.

100. Самад, Валӣ ва Довари Самад. Дурахши як ахтари сӯзон / В. Самад, Д. Самад. - Душанбе: Матбуот, 2001, - 318 с.

101. Самад, Валӣ. Дурахши ахтари сӯзон. Ҷилди 2 / В. Самад. - Душанбе: Матбуот, 2013. - 559 с.

102. Сатторзода, Абдунабӣ. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2003. – 176 с.

103. Сатторзода, Абдунабӣ. Кӯҳна ва нав / А. Сатторзода. – Душанбе: 2004. – 186 с.

104. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.

105. Семёнов, А.А. Ду шоири бузурги асри X. // Журнали «Адабиёт ва санъати Ӯзбекистон» шумораи 5, 1939 / А. А. Семёнов. – Тошканд: 1939. № 5. С. 43-50.

106. Субҳон, Амирзода. Рӯдакӣ - падидаи нодир ва ҷаҳонии тамаддуни аҳди Сомониён / А. Субҳон. – Душанбе: Диловар, 1999. – 287 с.

107. Сӯфиев, Асадулло. Чистонҳои халқии тоҷикӣ. / А. Сӯфиев. – Душанбе: Дониш, 1972. – 175 с.

108. Тилавзод, Бозор. Зарбулмасал ва чистонҳои халқӣ ва моҳияти ахлоқию тарбиявии онҳо / Б. Тилавзод. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 292 с.

109. Тоҳирҷонов, А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ / А. Тоҳирҷонов. - Тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2008. 228 с.

110. Фатҳуллоев, Салоҳиддин. Бозтоби фалак дар рубоиёти шифоҳӣ // Садои Шарқ, №9, 2017 / С. Фатҳуллоев. – Душанбе: 2017. – С. 153-158.

111. Фатҳуллоев, Салоҳиддин. Шоҳнома дар осори шифоҳӣ // Садои Шарқ. №12, 2016 / С. Фатҳуллоев. – Душанбе: 2016. – С. 122-129.

112. Ҳодизода, Расул. Аз Рӯдакӣ то имрӯз / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.

113. Ҳодизода, Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1999. – 188 с.

114. Ҳусейнзода, Шарифҷон. Сухансарои Панҷрӯд / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Адиб, 1958. – 184 с.

115. Ҳусейнзода, Шарифҷон. Ҳабдаҳ мақола / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 384 с.

116. Шакармамадов, Нисормамад ва Шакармамадов Ориф. Наврӯзи Бадахшон / Н. Шакармамадов. – Хоруғ: Маърифат, 2003. – 146 с.

117. Шарифов, Худоӣ. Назарияи наср / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 318 с.

118. Шермуҳаммадов, Баҳром. Назми халқии бачагонаи тоҷик / Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 187 с.

119. Юсуфбекова, З. Оила ва тарзи зисти мардуми Шуғнон (охири асри XIX аввали асри XX) / З. Юсуфбекова. – Москва: 2015. – 220 с.

**б) бо забони русӣ:**

120. Бертельс, Евгений Эдуардович. История персидско-таджикской литературы / Бертельс. Е.Э. – Москва: Издательство Восточной литературы, 1960. – 384 с.

121. Брагинский, И. С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. – Москва: Издательство Академии Наук СССР, 1956. – 268 с.

122. Брагинский, И. С. Абу Абдуллах Джафар Рудаки / И.С. Брагинский. – Москва: 1989. – 246 с.

123. Мардонова, А. Традиционные похоронно-поминальные обряды таджиков Гиссарской долины (конца 19-начала 20) вв / А. Мардонова. – Душанбе: Дониш, 1998. – 236 с.

**124.** Муродов, Отамурод. Древние образы мифологии у таджиков долины Зеравшана / О. Муродов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 115 с.

125. Османов, О. Н. Стиль персидско-таджикской поэзии IX-X вв / Н. О. Османов. – Москва: 1974. – 234 с.

126. Пермяков, Г.Л. Основы структурной паремиологии / Г. Л. Пермяков. – Москва: Наука, 1988. – 80 с.

127. Тилавов, Бозор. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 135 с.

**в) бо хатти форсӣ:**

128. سعید نفیسی. احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی سمرقندی. جلد 3. تهران: 1309
شمسی، 1164 صفحه -

129. محمد رضا شفیعی کدکنی. تازیانه های سلوک ( نقد و تحلیل چند قصیده از حکیم سنایی ) –
تهران: 1380. 348 صفحه.

## III. Фарҳанг, донишнома ва феҳрастворaҳо:

**а) бо алифбои тоҷикӣ:**

130. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 3 ҷилд, ҷилдҳои 1-2 / Зери назари М. Муллоаҳмад. – Душанбе: ҶММ Ксерокс Ланд, 2008. – 408 с.

131. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 1-2 / Зери назари Н. Амиршоҳӣ . – Душанбе: СИЭМТ, 2015. – 384 с.

132. Мирзозода, Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: 1992. – 238 с.

133. Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Ёҳаққӣ М. - Таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва таъликот Рустами Ваҳҳоб. - Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.

134. Нуров, Амон. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990. – 368 с.

135. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) / Дар зери таҳрири М. М. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – Ҷ. 1-2. – Москва: Советская энсиклопедия, 1989. – 952 с.

### б) бо хатти форсӣ:

136. دهخدا علی اکبر. لغت‌نامه. جلدهای 1.2 .انتشارات دانشگاه تهران : 1379 –4798 صفحه

### Сомонаи истифодашуда:

137. http://rasekoon.net/article/show/1121791. Муллоаҳмадов, Мирзо / Марсия дар шеъри Рӯдакӣ (замони воридшавӣ 14.04.2019).

### Феҳристи фонди фолклор ва рӯйхати гӯяндаҳо:

138. Бойгонии муаллиф, гӯянда: Ҷӯраев Холиқул- ходими илмии маҷмӯаи ҷумҳуриявии таърихию фарҳангии Панҷрӯд. 60-сола, муаллими забони русӣ, истиқоматкунандаи деҳаи Панҷрӯд. Сабти Ф. Исмоилов. 15. 08. 2014.

139. Бойгонии муаллиф, сабти овозӣ, гӯянда: Иброҳимова Ҷ. - 64 сола, истиқоматкунандаи деҳаи Вен, н. Панҷакент. Маълумоташ миёна.

140. Каримов Қодирбердӣ соли таваллудаш 1914 аз қишлоқи Шинг, райони Колхозчиён.

141. Муллошамсиддин Бобозода, аз рустои Некнот, 70-сола, дуредгар.

142. Ниёзбадалов Дӯст, 50- сола, узви калхози Ворошилов, аз деҳаи Кулолӣ.

143. Раҳим Бобо, соли таваллудаш 1890, аз деҳаи Панҷрӯд, колхози Рӯдакӣ.
144. Субҳон, писари Турсун, аз ҷамоати Шинг, 40- сола, узви калхоз.
145. Тошмаҳмадов Муҳаммадамин 78-сола, сокини деҳаи Панҷрӯди районни Колхозчиён.
146. Ф.Ф: 4927-5248. (Афсона дар бораи аждаҳо).
147. Ф.Ф: 2. 1388, 3. (Саховатмандии Ҳотами Той дар рубоӣ).
148. Ф.Ф: 2, 1380. (Рубоӣ дар бораи номи аспҳои ҳазрати Алӣ ва Рустам, Дулдул ва Рахш).
149. Ф.Ф: 1, 3870,7. ТИ6. Балҷувон. Солҳои 1949-1950. Гӯянда: Қудратова М. 51-сола.
150. Ф.Ф: 10, № 4926-5247. (Афсонаи Симурғ, «мурғи заррин»).
151. Ф.Ф: 2, 4736 – 4744. Маводи фолклори Кӯлоб. Ҷамъоваранда: М. Холов. Суруди ғамангез (мотамӣ).
152. Ф.Ф у: 0368, 5 Ӯ 024 қ. Каттаҳеҷ, 1959. Деҳқонова Зулфия, 64 сола. Гӯянда ин рубоиро худаш эҷод кардааст.
153. Ф.Ф: 5598-5597. гӯянда: Насимов Ӯсарбой, 55-сола, сокини шаҳри Панҷакент, сабти Р. Амонов ва Д.Обидов.
154. Ф.Ф: 7.1763-1767 те. Гӯянда: Самадов Мансурқул, соли таваллуд 1905, бесавод аз районни Колхозчиён, қишлоқи Шинг, гирдоварандагон: Р. Амонов, М. Холов. Соли 1955.